**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 34 (575.3)**

**ТКБ: 67 (2тоҷик)**

**Қ – 93**

**ҚУРБОНЗОДА АФЗУНА АЗИМ**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТАХРИБКОРӢ МУВОФИҚИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**ҚУДРАТОВ Н.А.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**............................3

**МУҚАДДИМА**..............................................................................................4-18

**БОБИ I. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТАХРИБКОРӢ: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ ВА МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ**........19-66

1.1. Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ.......................................................................19-41

1.2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил............42-66

**БОБИ II. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ УНСУРҲОИ ТАРКБИИ ҶИНОЯТИ ТАХРИБКОРӢ**............................................................................67-148

2.1. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти ҷинояти тахрибкорӣ..............................67-100

2.2. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тарафи объективии тахрибкорӣ.......................100-128

2.3. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти тахрибкорӣ..128-148

**БОБИ III. ТАФОВУТИ ҶИНОЯТИ ТАХРИБКОРӢ АЗ ТЕРРОРИЗМ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ВОБАСТА БА ҶИНОЯТИ ТАХРИБКОРӢ**............................................................................149-179

3.1. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тафовути ҷинояти тахрибкорӣ аз терроризм...149-165

3.2. Дурнамои рушди қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ ......................................................................................................................166-179

**ХУЛОСА**..................................................................................................180-186

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ** ......................................................................................................................186-187

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..........................................................188-212

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**....213

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – ҶТ

**АМИТ –** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ИҶШС**– Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**КИМ** – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

**КИМ ҶШФСР** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КИМ ИҶШС**– Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**КМИУ** – Кумитаи Марказии Иттифоқии Умумирусиягӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВАО – Васоити ахбори омма**

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА –** Иёлоти муттаҳидаи АМРИКО

**ШО – Шурои Олӣ**

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**б.** – банд

**м.** – модда

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ, соли 2021 дуруст қайд намуданд, ки «вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои кебирӣ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем» [4]. Дар марҳалаи кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ), муҳимтарин мушкилот ҳифзи амнияти миллӣ, яъне ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон, ҷомеа ва давлат мебошад, ки рушди устувори ҷомеаро бо саривақт ошкор кардан, пешгирӣ ва безарар гардонидани таҳдидҳои эҳтимолӣ ба манфиатҳои миллӣ таъмин менамояд. Имрӯз дар байни маҷмуи мушкилоти таъхирнопазири иҷтимоӣ, мушкилоти амнияти давлатӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Амнияти давлатӣ яке аз пояҳои асосии ҳастии ҳар як давлат ба шумор меравад ва барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, суботи сиёсӣ, ягонагии арзишҳои умумимиллӣ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти калидӣ дорад. Он маҷмӯи тадбирҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва дигар соҳаҳоро дар бар мегирад, ки ба ҳифзи мустақилияти миллӣ, якпорчагии ҳудудӣ, низоми конститутсионӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ равона шудааст.

Дар ин росто, амнияти давлатӣ на танҳо ба ҳифзи сохтори сиёсии давлат, балки ба амнияти инсон ва ҷомеа, яъне ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, зиндагии арзанда ва муҳити бехатар низ таъсир мерасонад. Набудани амнияти давлатӣ, хоҳ аз ҷиҳати таҳдидҳои дохилӣ (масалан, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккилона, фасод), хоҳ аз ҷиҳати беруна (тахрибкорӣ, терроризм, таҷовузи низомӣ, дахолати давлатҳои хориҷӣ) метавонад сабаби ноустувории умумӣ ва ҳатто фурӯпошии давлат гардад.

Дар ин доира, амнияти иқтисодӣ ҳамчун зерунсури муҳими амнияти давлатӣ баромад мекунад. Он имконияти давлатро барои ҳимояи манфиатҳои иқтисодии миллӣ, пешгирии вобастагии шадид аз манбаъҳои беруна, идоракунии хавфҳои молиявию савдоӣ ва таъмини рушди иқтисодии устувор таъмин менамояд. Амнияти иқтисодӣ на танҳо дар самти ҳифзи бозори дохилӣ, моликияти давлатӣ ва

хусусӣ муҳим аст, балки асоси иқтидори мудофиавӣ ва иҷтимоии давлатро низ ташкил медиҳад.

Таҷовузҳои ҷиноятӣ, ки метавонанд дар шакли ҷиноятҳои иқтисодӣ, ҷиноятҳои киберӣ, терроризм, ҷосусӣ ва фаъолияти шабакаҳои ҷиноятии муташаккилона зоҳир шаванд, на танҳо ба амнияти иқтисодии давлат ва ҷомеа, балки ба пояҳои умумии амнияти миллӣ зарба мезананд. Аз ин лиҳоз, давлатҳо барои муқовимат ба чунин хатарҳо системаи мукаммали таъмини амният, ки фаъолияти хадамоти иктишофӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти гумрук, назорати сарҳадӣ ва сохторҳои иқтисодиро муттаҳид мекунад, ташаккул медиҳанд.

Мукаммал кардани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ яке аз роҳҳои асосии ҳалли мушкилоти мубориза бо ҷинояткорӣ, бахусус терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва тахрибкорӣ мебошад. Чунончи, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 дуруст зикр гардидааст, ки «қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд» [17].

Тахрибкорӣ яке аз ҷиноятҳое мебошад, ки таърихи куҳан дошта, таъмини амнияти давлатӣ, бахусус амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлатро халалдор намуда, аз ҷониби ташкилотҳои террористиву экстремистӣ, давлатҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. «Созмонҳои тундраву ифротгаро, ки фаъолияташон дар ҳудуди Тоҷикистон манъ аст (дар соли 2025 ин микдор ба 29 ташкилоту гуруҳ мерасад)», фаъолияти даҳшатбору тахрибкоронаи худро торафт тавсеа бахшида истода, амнияти миллии Тоҷикистонро дар самти амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавӣ мехоҳанд заъифу ноустувор намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аввали солҳои 90-уми асри XX – ҳанӯз дар оғози бунёди давлати соҳибихтиёри худ ҳадафи амалҳои тахрибкоронаи террористону ифротгароён бо дастгирии хоҷагони хориҷии онҳо қарор гирифт ва дар натиҷа ба иқтисодиёти кишвар зарари ниҳоят калон расонида шуд, ки тавонист рушди Тоҷикистонро чанд даҳсола боз дорад.

«Солҳои ахир динамикаи тахрибкорӣ рӯ ба афзоиш дорад ва дар баъзе ҳолатҳо он ҳамчун терроризм бандубаст карда мешавад, ки аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Дар асоси маълумоти Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дар соли 2010 – 1, соли 2011 – 6, 2012 – 2, 2013-2015 – 1, 2016 – 4, 2017 – 6, 2018 – 1 ҳолати содиршавии ҷинояти тахрибкорӣ сабт гардидааст» [207, с. 537]. Албатта маълумоти болозикр асоси воқеии содир шудани ҷинояти тахрибкориро нишон намедиҳад, ва дар амалия ин ҳолат бо ду омил вобаста аст: 1) ҳаммчун терроризм ва 2) ҳамчун маҷмуи идеалӣ бо терроризм бандубаст шудани тахрибкорӣ. Сабаби чунин бандубаст дар монандии ин таркибҳо ва рақобати меъёрҳо байни моддаҳои 179 ва 309 КҶ ҶТ мебошад.

Дар ин замина, таҳқиқи доктриналии ҷиноятӣ тахрибкорӣ, ки ҳамчун яке аз ҷинояти хавфнок ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ эътироф мегардад, дорои аҳамияти муҳим дошта, ҷавобгӯи талаботи рӯз мебошад. Тахрибкорӣ бо моҳияти худ ба суботу устувории сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ таҳдид мекунад, ки дар навбати худ он метавонад заминаи мусоид барои ташаккули зуҳуроти хавфноки ҷамъиятӣ, ба монанди экстремизм ва терроризм гардад. Ҳамин тавр, тадқиқоти илмии хусусиятҳои ҳуқуқӣ - ҷиноятии тахрибкорӣ, равандҳои ташаккули он, инчунин таҳлили механизмҳои муқовимат ва пешгирии он, барои таъмини амнияти миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории конститутсионӣ аҳамияти махсус касб менамояд.

Бори аввал дар сатҳи қонунгузорӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ бо Қарори Кумитаи иҷроияи марказии Русия аз 20 июни соли 1919 «Дар бораи аз қаламрави умумӣ хориҷ кардани минтақаҳои ҳолати ҳарбӣ эълоншуда» муқаррар гардид. Дар КҶ Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон солҳои 1935 ва 1961 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар шакли моддаи мустақил пешбинӣ гардид. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар КҶ ҶТ аз соли 1998 (минбаъд КҶ ҶТ) дар м. 309 муқаррар гардид. Новобаста ба ин, то имрӯз таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мукаммале вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ҳанӯз ҳам бештари мушкилот дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо маҳз тавассути анҷом додани таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ зарур мебошад, зеро ҳангоми дар амалия татбиқ намудани м. 309 КҶ ҶТ мушкилиҳо ба миён меоянд.  Аз ҷумла, таҳлили илмии ҷинояти тахрибкорӣ зарурати баррасии

ҳамаҷонибаи хусусиятҳои унсурҳои муҳими он, аз ҷумла нишонаҳои объективии ҷиноят, мазмуну моҳият, тағйироти қонунгузорӣ ва мушкилоти амалияи татбиқи онро дар бар мегирад. Объекти тахрибкорӣ, ки дар қонунгузории қаблӣ ҳамчун ҷиноят бар зидди давлат арзёбӣ мегардид, дар марҳилаи кунунӣ дар радифи ҷиноятҳои зидди асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ шомил гардидааст. Ин тағйирот дар таснифи ҳуқуқии ҷиноятҳо на танҳо хусусияти сиёсию ҳуқуқии ҷинояти мазкурро бозтоб мекунад, балки зарурати бознигарии таҳлили мафҳуми он ва робитаи он бо дигар ҷиноятҳои монандро ба миён меорад. Моҳият ва мазмуни дигар унсурҳои таркибии ин ҷиноят низ дар раванди ислоҳоти қонунгузорӣ ба таври қобили мулоҳиза тағйир ёфтаанд. Аз ҷумла, васеъ гардидани доираи рафторҳои зиддиқонунӣ, ки метавонанд ҳамчун тахрибкорӣ арзёбӣ шаванд, ба афзоиши шаклҳои нави ҷинояткорӣ ва ҳамзамон мураккабтар шудани фарқи он аз дигар ҷиноятҳои шабеҳ, аз ҷумла терроризм, боис гардидааст. Яке аз мушкилоти ҷиддии амалияи ҳуқуқии муосир тафриқагузорӣ байни тахрибкорӣ ва дигар ҷиноятҳои ҳаммонанд мебошад, ба мисли терроризм, ғасби ҳокимият, амалиётҳои ҷангии ғайриқонунӣ ва ғайра. Дар шароити тағйирёбии муҳити сиёсӣ ва афзоиши хатарҳои дохилию байналмилалӣ, чунин мушкилот дар бандубасти дурусти ҷиноятҳо, барои мақомоти тафтишотӣ ва судӣ душвориҳо эҷод мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи муқоисавии тахрибкорӣ бо дигар ҷиноятҳои зидди амнияти давлатӣ ва таҳияи меъёрҳои дақиқи фарққунандаи ҳуқуқӣ дар ин самт аҳамияти назаррас пайдо мекунад.

Ҳамзамон, зикри ин нукта зарур аст, ки муқарраароти КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ муқаррар мекунад, ва таҷрибаи татбиқи он, дар заминаи риояи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ, ҷанбаҳои криминализатсияи унсурҳои муайяни тарафи объективии ҷиноят ва ҳамоҳангсозии таркибҳои ҷиноятҳои шабеҳ, наметавонанд вазифаи пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро ба таври комил иҷро намоянд. Ба ибораи дигар, оммафаҳм набудани баъзе унсурҳои муҳими таркиби ҷиноят, инчунин камбудиҳои техникӣ дар матни қонун, боиси тафсирҳои гуногун ва душвориҳо дар амалияи ҳуқуқӣ мегардад. Ин ҳолат боиси он шудааст, ки вазифаи асосии Қонуни ҷиноятӣ дар пешгирӣ ва мубориза самаранок бо тахрибкорӣ пурра амалӣ нагардид. Дар чунин ҳолат, такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва бознигарии механизми татбиқи он, ба сифати як роҳи

муассир ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар мубориза бо тахрибкорӣ баромад мекунад. Ба ин хотир, омӯзиши таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии кишварҳое, ки тахрибкориро ҳамчун ҷинояти алоҳида эътироф намудаанд, аз аҳамияти махсус бархӯрдор мебошад ва он дар сатҳи рисола анҷом дода шудааст.

Таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ имконият фароҳам меорад, ки на танҳо нуқсонҳои меъёрии мавҷуда ошкор шаванд, балки заминаҳои такмили онҳо низ муайян гарданд. Илова бар ин, бе тадқиқ ва истифодаи таҷрибаи мусбати кишварҳои пешрафта, ҳалли муътамади дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ, мубодилаи самарабахши иттилооти ҳуқуқӣ ва илмӣ, инчунин рушди устувори низоми ҳуқуқии миллӣ ва ҳамоҳангсозии он бо стандартҳои байналмилалӣ амри номумкин мебошад.

Вазъи ҷинояткорӣ ва натиҷаи таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ, бахусус ҷинояти тахрибкорӣ, зарурати густариш додани таҳқиқоти илмии соҳавии ҳуқуқи ҷиноятиро ба миён мегузорад. Ҳолати мазкур зарурият ба таҳияи асосноки шаклҳои гуногуни содиршавии тахрибкорӣ, коркарди низоми мафҳумҳои дахлдор (категорияҳои ҳуқуқӣ), инчунин муайян сохтани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятиро дар ин самт тақозо менамояд. Дар заминаи таҳаввулоти ҳуқуқӣ, таҳдидҳои нави глобалӣ ва хусусиятҳои хоси амнияти миллӣ, зарурати такмил ва мутобиқсозии меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ муқаррар менамояд, беш аз пеш эҳсос мегардад. Меъёри мавҷуда ба тағйироту таҳаввулоти иҷтимоию сиёсӣ ва рушди шаклҳои нави ҷинояткорӣ мутаносиб набуда, ба такмили пайваста ва амиқи назариявию амалии худ ниёз дорад.

Бо дарназардошти ин омилҳо ва дар маҷмуъ, дар партави муҳиммияти таъмини амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, мавзӯи ҷинояти тахрибкорӣ ҳамчун самти таҳқиқоти илмии дорои аҳаммияти баланд арзёбӣ мегардад. Ин омилҳо гувоҳи саривақтӣ ва мубрам будани мавзуи рисолаи номзадӣ буда, зарурати таҳлили амиқ ва мукаммали онро дар чаҳорчӯби ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ва муқоисавӣ тақозо мекунанд.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти муқовимат ва пешгирии содир намудан тахрибкорӣ дар осори илмии олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ таҳқиқ шудааст. Аз ҷумла В.А. Абдухамитов [50, с. 260], У.А. Азиззода [196, с. 413], С.Э. Баҳриддинов [191, с. 56-63], И.Ҳ. Бобоҷонзода[128, с. 500], М.М. Акилова [198, с. 208], Н.А. Қудратов [207, с. 539], 208, с. 127], Б.Ш. Қурбонзода [209, с. 232], З.Ҷ. Маҷидзода [154, с. 46-48], А.Қ. Назаров[86, с. 193], Д. Назиров [213, с. 347], Р.Ҳ. Раҳимзода [215, с. 581], А.И. Сафарзода[217, с. 229], М.П. Ҳайдарзода [214, с. 221], Ш.Х. Ҳафиззода [186, с. 153-160], А.К. Шарипов[222, с. 228], Т.Ш. Шарипов [192, с. 34-41], Ш.Т. Аҳёзода [200] ва дигарон дар ин ҷода таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

Ҳамзамон, як зумра олимони хориҷӣ, аз қабили С.К. Балашов [201, с. 26], В.П. Емелянов [202, с. 370], А.М. Киракосян [203, с. 23], А.С. Климосюк [204, с. 247], И.В. Коришева [205, с. 147], Д.В. Токмантсев [220, с. 247], Д.В. Сопов [219, с. 203], ва дигарон низ таълифоти худро оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ба табъ расондаанд. Муҳаққиқони мазкур паҳлӯҳои алоҳидаи ҷинояти тахрибкориро таҳлил намудаанд. Аммо, бояд гуфт, ки вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ то ба ҳол таҳқиқоти комплексӣ анҷом наёфтааст.

Тавре ки натиҷаи таҳлилҳои назарӣ нишон медиҳад, дар таҷрибаи татбиқи ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар бобати дарки моҳияти аслии тахрибкорӣ ва татбиқи чораҳои самаранок алайҳи содир кардани он мушкилиҳои муайян ҷой доранд. Аз ҷумла, масъалаҳои мушаххаси бандубасти ҷиноят яксон нестанд ва ин ҳолат ба таҷрибаи мақомоти тафтишотӣ ва судии ҶТ таъсири манфӣ расонида, ба таъмини реҷаи қонуният дар самти мубориза бар зидди тахрибкорӣ монеа эҷод менамояд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло бояд гуфт, ки имрӯз масъалаи такмили меъёри қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ муқаррар намудааст, яке аз масъалаи мубрами доктрина ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи мавзуъҳои лоиҳавии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ барои солҳои 2016-2020 «Рушди падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар давраи муосир» (рақами қайди давлатӣ 0116TJ00765 аз 01.01.2016 с.) ва барои солҳои 2021-2025

«Конститутсия ва рушди асосҳои ҳуқуқии сохтори давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон» (рақами қайди давлатӣ 0121TJ1102 аз 24.02.2021 с.) омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур дар муайян кардани масъалаҳои марбут ба ҷинояти тахрибкорӣ тавассути таҳқиқоти ҳамаҷониба, инчунин таҳияи тавсияҳои консептуалӣ ва пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда барои такмили қонунгузории ҷиноӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноӣ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо мақсади ноил гардидан ба мақсади асосии таҳқиқот, дар назди муаллиф вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– таҳлили таърихии ташаккул ва рушди мафҳуми тахрибкорӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва муайян намудани марҳилаҳои асосии эволютсияи ҳуқуқии он;

– омӯзиши қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ва дар заминаи натиҷаҳои ин таҳлил, таҳияи тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалгардонии таркиби м. 309 КҶ ҶТ;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷинояти тахрибкорӣ ва таҳияи асосҳои назариявии фарққунии онҳо аз унсурҳои таркибии дигар ҷиноятҳои ҳамшабеҳ;

– таҳлили хусусиятҳои субъективии ҷинояти тахрибкорӣ, аз ҷумла масъалаҳои алоқаманд ба қасд, ангеза ва мақсади ин ҷиноят;

– баррасии аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи таркиби ҷинояти тахрибкорӣ ва пешниҳод намудани хулосаҳои илмӣ барои такмили онҳо;

– асоснoксозии илмии меъёрҳои тафриқагузории ҷинояти тахрибкорӣ аз терроризм ва дигар ҷиноятҳои дорои ҳаммонанд;

– таҳияи пешниҳоду тавсияҳои мушаххас ҷиҳати такмили КҶ ҶТ дар самти ҷинояти тахрибкорӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ташкил медиҳанд, ки вобаста ба содир шудани ҷинояти тахрибкорӣ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи масъалаҳои алоқаманд бо ҷинояти тахрибкорӣ дар умум ва аломатҳои таркибӣ

(объективӣ ва субъективӣ) ва бандубастшавандаи онҳо дар алоҳидагӣ, инчунин татбиқи м. 309 КҶ ҶТ дар амал, ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири се марҳалаи рушди қонунгузории ҷиноятӣ мебошад: 1) то шуравӣ; 2) қонунгузории ҷиноятии шуравӣ–сотсиалистӣ; 3) даврони соҳибистиқлолӣ. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ ва муосир мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Қобили зикр аст, ки дар рисолаи илмии мазкур бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар таҷриба ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2017-2024-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки самтҳои мухталифи мавзӯи мазкурро таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳад, ба монанди: В.А. Абдухамитов, У.А. Азиззода, С.К. Балашов, И.Ҳ. Бобоҷонзода, В.П. Емелянов, А.М. Киракосян, А.А Климчук, И.В. Коришева, Н.А. Қудратов, Б.Ш. Қурбонзода, Ю.В. Лутсенко, Ҷ.З. Маҷидзода, А.К. Назаров, Д. Назирова, Р.Ҳ. Раҳимзода, А.И. Сафарзода, К.Х. Солиев, Д.В. Сопов, Д.В. Токмантсев, М.П. Ҳайдарзода, Ш.Х. Ҳафиззода, А.К. Шарипов, Т.Ш. Шарипов ва дигарон. Инчунин, вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ, захираҳои глобалии системаи иттилоотии Интернет ва тафсирҳои васоити ахбори омма мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ бо истифодаи ҳамаҷонибаи тамоми усулҳои мавҷудаи илми ҳуқуқ оид ба таҳлили зуҳуроти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла, методи диалектикӣ, маҷмуи методҳои махсуси илмӣ-оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ, системавию сохторӣ ва ғайра асос ёфтаанд. Инчунин ҳангоми таҳлили масъалаҳои илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

**Асоси эмпирикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмпирикии диссертатсияро маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ марбут ба тахрибкорӣ, ки дар судҳои Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, омори Суди Олии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ,

ахбороти мақомоти Прокуратураи генералии ҶТ дар давраи солҳои 2010-2023 ташкил дода, 5 парвандаи ҷиноятӣ оид ба тахрибкорӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст. Ҳамчунин, маълумотҳое, ки дар ВАО ва сомонаҳои интернетӣ вобаста ба тахрибкорӣ нашр гардидаанд, ба даст оварда шуда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи Тоҷикистон, омӯзиши таҷрибаи амалии татбиқи он, нуқтаҳои назари муҳаққиқони соҳа (доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ), инчунин бо такя ба мавқеи илман асосноки муаллиф, модели нави меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ пешбинӣ менамояд, таҳия ва пешниҳод гардидааст. Дар диссертатсия зарурати такмили м. 309 КҶ ҶТ асоснок шуда, сохти нави он пешниҳод гардидааст. Ин пешниҳод на танҳо ба бартарафсозии камбудиҳои мавҷуда, балки ба мутобиқсозии он бо талаботи замони муосир ва таҳдидҳои афзоишёбандаи амниятӣ равона шудааст.

Дар таҳқиқот бори аввал тамоюлҳои таърихии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар марҳилаҳои мухталифи рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон таҳлил гардида, масоили такмил додани сохти таркибии ин ҷиноят мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Бояд таъкид намуд, ки диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комплексӣ дар сатҳи миллӣ мебошад, ки ба таҳлили ҷинояти тахрибкорӣ ва масоили такмили танзими ҳуқуқии он бахшида шудааст. Ғайр аз ин, навгонии илмии рисола дар як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф инъикос ёфтааст, ки ба бандубасти дуруст ва муайянсозии таркиби ҷинояти тахрибкорӣ бо дарназардошти воқеияти имрӯза ва таҳдидҳои нави амнияти давлатӣ равона гардидаанд. Ин пешниҳодҳо метавонанд заминаи муҳими илмию амалӣ барои такмили минбаъдаи КҶ ҶТ ва баланд бардоштани самаранокии мубозизаву муқовимат бо ҷиноятҳои хавфноки дорои хусусияти таҳдидкунанда ба сохти конститутсионӣ ва амнияти миллӣ гарданд.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

**I. Пешниҳодҳои хусусияти назариявидошта:**

1. Дар асоси таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ (принсипи таърихият) рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз рӯйи ташаккул ва инкишофаш ба ду давраи асосӣ ҷудо карда шудааст: а) давраи Шӯравӣ

(солҳои 1917-1991) – ташаккулёбии ҷинояти тахрибкорӣ дар сатҳи қонунгузорӣ; б) замони истиқлол, дар сохтори таркиби ҷинояти тахрибкорӣ, навъ ва андозаи ҷазо, аломатҳои бандубасткунандаи таркиби ҷиноят, шакли гуноҳ ва аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда тағйироти назаррас ба миён омаданд.

2. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ имконият дод, ки ба таври мушаххас қонунияти пайдоиши манъи ҳуқуқӣ–ҷиноят тахрибкорӣ, ҳастӣ ва татбиқи он, ояндаи инкишоф ва мукаммалгардии таркиби он муайян карда шавад. Чунин ҷиҳатҳои мусбии (навгонии) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ метавонанд дар самти мукаммалгардии КҶ ҶТ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ аҳамияти махсус дошта бошанд: а) криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гуруҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он; тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, инчунин заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия, эпизоотия ва эпифитотия алоқаманд аст; б) муқаррар намудани аломатҳои бандубастшаванда, ба монандӣ: – содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гуруҳи муташаккил; 2) тахрибкорие, ки сабаби бавуҷуд омадани зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад; 3) тахрибкорие, ки боиси марги инсон гаштааст.

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона карда шудаанд:**

3. Муаллиф дар консепсияи илмии худ пешниҳоди асоснок намудааст, ки барои мукаммаалнамоии таркиби тахрибкорӣ чунин чораҳо зарурӣ арзёбӣ мегарданд:

3.1. криминализатсия намудани чунин ҳолатҳо зарур ва саривақтӣ мебошад: а) криминализатсия намудани шакли муосири содир намудани амалҳои тахрибкорона ва бо ҳамин мақсад ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ҳамлаҳои киберӣ»; б) оқибатҳои амалҳои тахрибкориро ба назар гирифта, ба диспозитисия м. 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ба куштори оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё расонидани зарари дигар ба саломатии онҳо» зарур мебошад; в) криминализатсия намудан ва ба таркиби тахрибкорӣ ворид намудани чунин шаклҳои содир намудани

амалҳои тахрибкорона ба монанди заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намуданӣ эпидемия, эпизоотия ё эпифитотиҳо;

3.2. Дар қ. 2 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломатҳои бандубастшавандаи зерин: "а) якчандкарата; б) аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) бо истифодаи мақоми хидматӣ; г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок";

3.3. Дар қ. 3 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломатҳои бандубастшавандаи зерин: "а) аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ; б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок; дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг";

3.4. Пешниҳод карда мешавад, ки ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ шакли нави содир кардани ин ҷиноят, яъне содир кардани тахрибкорӣ тавассути «ҳамлаҳои киберӣ» илова карда шавад. Дар доираи ҳамлаи киберӣ бояд ҳамчун таҷовуз ба шабакаҳои компютерӣ тавассути вуруди беиҷозати онҳо, сирояти оммавӣ бо нармафзори зараровар, забти иттилооти махфӣ ва ғайра фаҳмида шавад, ки мақсади заиф кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд;

4. Таҳлил ва омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкориро ҷамъбаст намуда, пешниҳод мешавад, ки дар КҶ ҶТ диспозитсияи м. 309 дар таҳрири нав ва таркибҳои наве, ки бо тахрибкорӣ алоқамандан дар шакли зерин пешниҳод карда шавад:

4.1. **Моддаи 309 (Тахрибкорӣ)**

1) "Бо мақсади ноустувор сохтани амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иқтисодиёт ва мудофиа, содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои несту нобуд ё вайрон кардани объектҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва стратегӣ равона шудааст ... ҷазо дода мешавад".

2) кирдорҳои дар қ. 1 ҳамин модда пешбинишуда, агар: "боиси заҳролудшавии оммавӣ ё паҳн кардани эпидемия ё эпизоотия ё эпифитотиҳо. боиси марги одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё расонидани зарари дигар ба саломатии онҳо гардида бошад ... ҷазо дода мешавад".

3) кирдорҳои пешбининамудаи қ.қ. 1 ва 2 ҳамин модда, агар: "якчандкарата; аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; бо истифодаи мақоми хидматӣ; дар ҳолати ретсидиви хавфнок содир шуда бошад ... ҷазо дода мешавад".

4) Кирдорҳои дар қ.қ. 1 ва 2 ҳамин модда пешбинигардида, агар: “аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ; дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок; дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг содир шуда бошад ... ҷазо дода мешавад”.

4.2. **Моддаи 309.1 (Ташкили таълим ва гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта)**

1. Ташкили таълим ё гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта, инчунин роҳбарӣ ё иштирок дар чунин таълим новобаста аз ҷой ва шакли таълим ... ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдор, агар:

– бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад;

– бо маблағгузорӣ намудани чунин кирдор алоқаманд бошад ... ҷазо дода мешавад.

4.3. **Моддаи 309.2 (Ташкили гуруҳи тахрибкорона ё иштирок дар он)**

1. Ташкил ва таъмини фаъолияти гуруҳи тахрибкорона ва сохторҳои таркибии он ... ҷазо дода мешавад.

2. Иштирок дар гуруҳи тахрибкорона ... ҷазо дода мешавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди тахрибкорӣ ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмуи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди тахрибкорӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти баъдӣ дар ин соҳа замина мегузоранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот**. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти муаллиф метавонанд дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла бар зидди тахрибкорӣ, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва бандубасти ҷинояти мазкур, муайян намудани рақобати меъёрҳо байни тахрибкорӣ ва терроризм, зимни омода намудани қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва яксони қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

Маводди таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои баъзе олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи институти шартан татбиқ накардани ҷазо инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводди таҷрибаи судӣ ва таҳлили як силсила парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки дар асоси таҳлили Конститутсияи ҶТ, КҶ ҶТ, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ҳосилшуда пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқат доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳо дар замони муосир, таҳлили таркиби ҷинояти баррасишавандаро таҳлил намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назарии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ пешниҳод гардидааст.

**Тасвиб ва амлисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Акедемияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои шуъба мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар гузоришҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла: дар конференсияҳои байналмилалии «Илми ҳуқуқшиносӣ дар асри XX: масъалаҳои мубрам ва ояндабинии ҳалли он (29-30 сентябри соли 2020, шаҳри Шахтаи Федератсияи Росия) дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои муайяннамоии тарафи субъективии тахрибкорӣ» ва рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: конференсияи байналмилалии илми- амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040), (27-28 декабри соли 2022 ш. Душанбе), дар мавзуи «Пешгирии киберҷиноятҳо»; дар конференсияҳои ҷумҳуривӣ: 1) конфренсияи дувуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ», (31 майи соли 2021 ш. Душанбе), дар мавзуи «Саломатӣ ҳамчун объекти ҷиноят»; 2) конфренсияи дувуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ», (31 майи соли 2021 ш. Душанбе), дар мавзуи «Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии тахрибкорӣ».

Маводи таҳқиқот ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқ» дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссер-татсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои ватанӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 212 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТАХРИБКОРӢ: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ ВА МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚӢ

## 1.1. Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ

«Тахрибкорӣ (диверсия), ки аз калимаи лотинии "Diversio" гирифта шудааст, маънои «качравӣ» ё «парешонӣ»-ро дорад ва як навъи махсуси фаъолияти ҷиноятӣ ва махфӣ буда, одатан аз ҷониби гурӯҳҳои махсуси тахрибкорӣ-истихборотӣ ё шахсони инфиродӣ (диверсантҳо) бо мақсадҳои стратегӣ анҷом дода мешавад» [230]. Мазмуни тахрибкорӣ аз амалҳои пешакӣ омодашуда иборат буда, пинҳонӣ ва ҳадафмандонаест, ки ба хотири аз кор баровардани объектҳои ҳаётан муҳими давлатӣ, низомӣ ва иқтисодӣ анҷом дода мешаванд. Ин объектҳо метавонанд нерӯгоҳҳои барқӣ, пойгоҳҳои ҳарбӣ, шабакаҳои иртиботӣ, муассисаҳои нақлиётӣ, корхонаҳои саноатӣ, анборҳои аслиҳа ва дигар зерсохторҳои муҳими стратегиро дар бар гиранд. Амалҳои тахрибкорӣ одатан бо усулҳои таркиш, сӯхтор, заҳролудкунӣ, обхезонӣ, халалдор кардани фаъолияти дастгоҳҳои автоматикӣ ё киберҳамла анҷом дода мешаванд ва ҳадафи асосӣ аз ин гуна кирдорҳо заиф гардондани иқтидори мудофиавии кишвар, коста кардани амнияти иқтисодӣ ва таъсир расонидан ба суботи сиёсию иҷтимоии ҷомеа мебошад.

Тахрибкорӣ ҳамзамон метавонад як ҷузъи ҷангҳои гибридӣ, ҷосусӣ ва терроризм бошад, зеро он дар шароити низоъҳои ҳарбӣ васеъ истифода мешавад. Тибқи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, тахрибкорӣ ба сифати ҷинояти махсусан вазнин арзёбӣ мегардад ва масъулини чунин кирдорҳо бо чораҳои сахти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, аз ҷумла ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати тӯлонӣ ё ҷазои дигар, мувоҷеҳ мешаванд. Ҷиҳати пешгирии тахрибкорӣ, давлатҳо маҷбур ба тақвияти низоми амниятӣ, назорати сарҳадӣ, хадамоти истихборотӣ ва таълими махсуси зиддитахрибӣ мебошанд. Аз ин рӯ, тахрибкорӣ на танҳо таҳдид ба як объекти ҷисмонӣ, балки таҳдид ба пояҳои амнияти миллӣ ва суботи дохилии ҳар як давлат мебошад.

Барои боз ҳам пурра дарк намудани таркиби тахрибкорӣ ва пешгирӣ намудани он дар замони муосир омӯзиши таърихи он тавассути принсипи таърихият аҳамияти

муҳим дорад. Аҳамияти принсипи таърихият дар таҳқиқоти ҷинояти тахрибкорӣ аз он иборат аст, ки он ҳамчун яке аз принсипҳои методологии муҳими илми ҳуқуқ имкон медиҳад, ки мо ин ҷиноятро дар раванд ва заминаи ташаккул ва тағйири таърихии он мавриди омӯзиш қарор диҳем. Бо истифода аз ин принсип, муҳаққиқ имкон дорад эволютсияи мафҳум, шакл, мазмун ва заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷинояти тахрибкориро аз замонҳои қадим то давраи муосир пайгирӣ намояд. Принсипи таърихият на танҳо барои дарки амиқи моҳияти ҷиноят ва механизми амалишавии он зарур аст, балки барои шинохти сабабу шароитҳои ташаккулдиҳандаи он дар муҳитҳои гуногуни сиёсӣ ва иқтисодӣ низ мусоидат мекунад. Масалан, дар шароити ҷангҳои ҷаҳонӣ тахрибкорӣ ҳамчун унсури асосии стратегияи низомӣ бо истифодаи диверсантҳо (тахрибкорҳо) ва тарҳи амалиёти махфӣ истифода мешуд, дар ҳоле ки дар замони ҷанги сард он шаклҳои идеологӣ ва ҷосусиро низ дар бар гирифт, ва имрӯз бо таҳдидҳои киберӣ ва технологияи баланд алоқаманд аст. Ин гуна таҳаввулотро бе риояи принсипи таърихият дарк намудан ғайриимкон аст. Ин принсип, ҳамчунин, барои таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии вобаста ба тахрибкорӣ дар марҳилаҳои гуногун кӯмак мекунад, зеро дарки ҳуқуқии ин ҷиноят низ вобаста ба шароити сиёсӣ ва системаи ҳуқуқии давра тағйир ёфтааст. Аз ин рӯ, таъмини таҳқиқоти амиқ ва илмӣ дар бораи ҷинояти тахрибкорӣ бидуни татбиқи принсипи таърихият ғайриимкон буда, он барои асоснок кардани муносибати муосир ба ин ҷиноят ва таҳияи тадбирҳои самараноки пешгирӣ ва мубориза аҳамияти илмию амалӣ дорад.

Таърих гувоҳ аст, ки тахрибкорӣ ҳамчун усули пинҳонии мубориза, ба хусус дар заминаи низомӣ ва сиёсӣ, аз замонҳои қадим то даврони муосир шаклҳои гуногунро касб намудааст ва бо мурури замон такмил ёфтааст. Омӯзиши ҷараёни таърихии шаклгирии амалиёти тахрибӣ имкон медиҳад, ки мо моҳият, мақсад ва усулҳои он, инчунин алоқамандии он бо дигар шаклҳои фаъолияти зиддидавлатӣ ва низомиро беҳтар дарк намоем.

М. Николсон дуруст менависад, ки «ҳанӯз дар давраи тамаддунҳои қадим, аз қабили Чин ва Рими Қадим, амалҳои тахрибӣ дар шакли сӯхтани анборҳои ғизо, заҳролуд кардани манбаъҳои об ва тахриби пулҳо барои суст кардани нерӯи

душман истифода мешуданд. Ин амалҳо бештари вақт хусусияти ғайримустақим дошта, ба фалаҷ кардани инфрасохтори ҳарбӣ ва иқтисодии душман равона мешуданд» [142, с. 141].

«Дар Ҷанги якуми Ҷаҳон ва бахусус Ҷанги дуюми Ҷаҳон, тахрибкорӣ ба як унсури таркибии сиёсати ҳарбӣ ва истихборотӣ табдил ёфт. Мисоли равшан фаъолияти Гурӯҳҳои махсуси Британия (Special Operations Executive – SOE) ва Хадамоти махфии ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ (ГРУ) мебошад, ки бо истифода аз диверсантҳо ба пойгоҳҳои ҳарбӣ, иншооти саноатӣ ва системаҳои нақлиётии Олмон ҳамлаҳои пинҳонӣ анҷом медоданд» [141]. «Дар замони Ҷанги Сард, тахрибкорӣ ҳамчун абзори рақобати геосиёсӣ ва ҷосусӣ боз ҳам маъмул гардид. Дар ин давра ҷинояти тахрибкорӣ ба як бахши стратегии муборизаи махфии байни блокҳои НАТО ва Варшава мубаддал шуда, шаклҳои нави тахрибкорӣ, аз ҷумла истифодаи агентҳо ва амалҳои киберии аввалин, зоҳир гардиданд» [138].

Ҷ. Арквалла ва Д. Ронфелдт менависанд, ки «дар таҳлилҳои муосир, тахрибкорӣ на танҳо бо низоъҳои ҳарбӣ, балки бо амнияти дохилӣ, терроризм ва ҷиноятҳои фаромиллӣ алоқамандии зич пайдо намудааст. Махсусан пас аз рӯйдоди 11 сентябри соли 2001 дар ИМА, пажӯҳишҳои амниятӣ равшан нишон доданд, ки тахрибкорӣ метавонад як ҷузъи муҳими амалҳои террористӣ бошад ва ба зерсохтори киберӣ, энергетикӣ ва иттилоотии давлатҳо таҳдид кунад» [139]. Ин навиштаҳои муҳаққиқон шаҳодати он аст, ки дар шароити ҷаҳони муосир мафҳуми тахрибкорӣ васеътар гардида, дигар на танҳо ба ҳолатҳои ҷангӣ ва низоъҳои ҳарбӣ марбут аст, балки ба соҳаҳои ҳаётан муҳими амнияти дохилии кишварҳо, мубориза бо терроризм ва ҷинояткории фаромиллӣ низ алоқаманд шудааст. Яъне, тахрибкории имрӯза метавонад берун аз майдони ҷанг, дар шароити зоҳиран сулҳомез, аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ё шабакаҳои ҷиноятии байналмилалӣ низ амалӣ гардад. Ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 дар ИМА, ки дар он террористон бо истифода аз ҳавопаймоҳои гражданӣ ба биноҳои муҳими стратегӣ, аз ҷумла Маркази савдои ҷаҳонӣ ва Пентагон ҳамла карданд, муносибати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба тахрибкорӣ ва терроризм дигаргун гардид. Ин рӯйдод собит намуд, ки тахрибкорӣ метавонад на танҳо амалиёти низомӣ, балки як ҷузъи муҳими амали террористӣ

бошад, ки бо истифодаи усулҳои нав ва технологияи муосир зерсохторҳои ҳаётан муҳим, аз қабили инфрасохтори энергетикӣ (масалан, нерӯгоҳҳо ва хатҳои интиқоли барқ), инфрасохтори иттилоотӣ (шабакаҳои компютерӣ ва марказҳои маълумот), ва зерсохтори киберӣ (системаҳое, ки фаъолияти давлатӣ ва иқтисодиро танзим мекунанд) ҳадафи ҳамла қарор мегиранд. Таҳқиқоти амниятӣ, ки баъд аз ин ҳодиса дар сатҳи байналмилалӣ анҷом ёфтанд, нишон доданд, ки тахрибкорӣ метавонад ба шакли пинҳонӣ ва мақсаднок алайҳи сохтори стратегии давлатҳо истифода шавад ва ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ дар ҷангҳои асимметрӣ ва гибридӣ хизмат кунад. Аз ин рӯ, дарк ва таҳлили тахрибкорӣ дар шароити муосир бояд фарогири на танҳо омилҳои ҳарбӣ, балки инчунин ҷанбаҳои амнияти дохилӣ, технологӣ ва байналмилалӣ бошад.

Таҳқиқи таърихии тахрибкорӣ на танҳо барои дарки моҳияти он, балки барои таҳияи стратегияи самараноки муқовимат бо ин гуна таҳдидҳо аҳамияти муҳим дорад. Зеро, дар ҳар як давраи таърихӣ, тахрибкорӣ ҳамчун воситаи заифсозии рақиб ва нооромсози муҳити дохилӣ истифода шудааст ва имрӯз низ ин хатар ҳамчун як унсури ҷанги гибридӣ ва терроризми муосир боқӣ мондааст.

Тахрибкорӣ яке аз навъҳои хатарноки ҷиноятҳо мебошад, ки таърихи пайдоиши он ба замони ташаккули аввалин давлатдорӣ бармегардад. Дар ибтидо, дар шароити низоъҳои мусаллаҳона ва ҷангҳо, тахрибкорӣ (диверсия) ба ҳайси амалиёти ҷангие истифода мешуд, ки онро гурӯҳҳои хурди махсус бо ҳадафи гумроҳ намудани душман, ҷалби диққати неруҳои ӯ ба самтҳои дуюмдараҷа ва халалдор сохтани нақшаҳои асосии ҳарбӣ анҷом медоданд. Бо мурури замон, бахусус дар шароити муосири сулҳомез, моҳияти тахрибкорӣ тағйир ёфта, он ҳамчун василаи амалии гуруҳҳои экстремистию террористӣ истифода бурда мешавад. Дар ин шароит, тахрибкорӣ шакли нави фаъолият касб намуда, мақсади он расонидани зарари ҷиддӣ ба сохторҳои давлатӣ, низоми амниятӣ, инфрасохтор ва иқтисоди миллӣ мебошад. Маҳз бо ҳамин далел, тахрибкорӣ дар замони муосир ҳамчун яке аз зуҳуроти хатарнок арзёбӣ мегардад. Дар адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқӣ, тахрибкориро метавон ба маҷмуи амалиёти террористӣ шомил донист, ки бо усулҳои махсус анҷом меёбад ва ба амнияти давлатӣ, сохти конститутсионӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ таҳдид

мекунад. Ин таҳаввули таърихию мафҳумии ҷинояти тахрибкорӣ нишон медиҳад, ки мо бо як ҷинояти мураккабу динамикӣ рӯ ба рӯ ҳастем, ки пешгирии он бояд бо таҳаввулоти сиёсӣ, технологӣ ва глобалӣ ҳамқадам бошад.

С.С. Ятимов дуруст менависад, ки «... эътироф бояд кард, ки тахрибкорӣ, ноором сохтани як давлат, бесаранҷом, бесарусомон кардани як миллат вобаста ба тақдир ё чизи тасодуфӣ нест. Терроризм, экстремизм, дигар намуди тахрибкорӣ ба муқобили ҳар кадом субъекти муносиботи байналхалқӣ, давоми сиёсати хориҷии кишвари муайян бо роҳ, усул ва методҳои дигар мебошад. ... Бе донистани моҳият (ҷавҳар)-и чунин тахрибкорӣ, ғаразҳои аслии аъмоли душман, раванд ва қонуниятҳои он, мубориза бо чунин зуҳурот номумкин аст. Мутаассифона, бисёриҳо аз моҳияти тахрибкорӣ огоҳӣ надоранд, зимни пайдоиши зуҳурот баъзе аз сокинон, ки на чандон дониши мукаммал ва қобилияти дарку таҳлили воқеаҳоро доранд, ба онҳо дода мешаванд, ки ин барои амалӣ сохтани ҳадафҳои тахрибкорона кумак мерасонад. Дардовар низ ҳаст, вақте душман ҳадафҳояшро тавассути худи миллатҳо дар дохили давлатҳо амалӣ мегардонад» [233].

Ақидаи илман асосноки С.С. Ятимов, ки ба таври равшан паҳлуҳои сиёсӣ, идеологӣ ва методологии тахрибкорӣ ва дигар шаклҳои таҳдидро арзёбӣ мекунад, дорои як таҳлили амиқи хусусияти стратегии ҷиноятҳои муосир мебошад. Шарҳи илмии ин иқтибос чунин аст: муаллиф дар ибтидо ба асли назариявӣ ва геополитикии тахрибкорӣ ишора кардааст. Ӯ бо таъкиди он ки тахрибкорӣ ва амалиёти вобастаи он (аз ҷумла терроризм ва экстремизм) «вобаста ба тақдир ё чизи тасодуфӣ нест», моҳияти қасдона, ҳадафмандона ва идорашавандаи онро таъкид менамояд. Ин гуфта мувофиқ ба назарияи ҷангҳои гибридӣ ва таҳдидҳои асимметрӣ аст, ки мувофиқи онҳо, давлатҳо ё ниҳодҳои манфиатдор бо истифода аз механизмҳои ғайрианъанавӣ, аз қабили пропаганда, шабакаҳои иҷтимоӣ, таъсири иқтисодӣ ва ҷинояткории фаромиллӣ барои заифсозии рақиб ё нооромсозии муҳити дохилии кишварҳои дигар истифода мебаранд. С.С. Ятимов ба таври воқеъбинона тахрибкорӣ, терроризм ва экстремизмро ҳамчун идомаи сиёсати хориҷии баъзе давлатҳо медонад, ки танҳо шакл ва методи он дигар аст, яъне на бо ҷангҳои анъанавии низомӣ, балки бо "амалҳои тахрибӣ" (diversionary acts) сурат мегирад. Ин

назария мутобиқ ба ғояи К.Ф.Г. Клаузевитс аст, ки «ҷанг идомаи сиёсати давлатӣ бо дигар василаҳо мебошад», аммо дар шароити муосир ин василаҳо дигар шакли классикӣ надошта, шабакавӣ, пинҳонӣ ва вобаста ба муҳит шудаанд. «Муаллиф таъкид мекунад, ки бидуни дарки моҳияти аслии чунин тахрибкорӣ, аз ҷумла ғаразҳои геополитикӣ, манфиатҳои стратегӣ, алоқаи онҳо бо равандҳои ҷаҳонӣ ва қонуниятҳои иҷтимоӣ мубориза бо он ғайримумкин аст. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро криминология ва амниятшиносии муосир талаб мекунад, ки таҳдидҳо танҳо аз рӯйи зоҳирияшон арзёбӣ нашаванд, балки сабабҳои аслӣ, решаҳои сиёсӣ, ташаббускор ва бенефициар (манфиатбардор)-и он таҳлил шаванд» [233].

С.С. Ятимов, инчунин, ба як масъалаи муҳими психосотсиологӣ ишора мекунад: «ношиносии ҷомеа аз моҳияти таҳдид ва сустии таҳлили воқеаҳо. Ҳамин нокомии ахлоқӣ-идрокӣ дар сатҳи ҷамъиятӣ метавонад ба «асбоби дохилии душман» табдил ёбад. Ин раванд ба таври илмӣ ҳамчун «манипулятсияи сотсиопсихологӣ», ё феномени истифодаи ахлоқи заифи ҷомеа ба манфиати стратегӣ шинохта мешавад. Дар ин маврид, мардум, ҳатто бе огоҳии мустақим, метавонанд ба густариши таҳдидҳо мусоидат кунанд, ки ин шакли муосири ҷанги иттилоотӣ ва тахрибкории идеологӣ мебошад» [233]. Нуктаи ниҳоӣ ва пурхатаре, ки С.С. Ятимов таъкид мекунад, дар он аст, ки душман ҳадафҳояшро тавассути худи миллатҳо амалӣ мекунад. Ин андеша дар адабиёти муосири амниятшиносӣ ҳамчун «таҳдид аз дохил» маъруф аст. Яъне, душман бидуни истифодаи зӯрии беруна, бо усули таъсир ба мафкура, таҳрифи арзишҳо, барангехтани носозгориҳои дохилӣ ва таҳрики элементҳои ноогоҳ аз дохили худи ҷомеа, низоми давлатдориро заиф месозад. Дар маҷмӯъ, ин навишта бар пояи методологияи интегралии амниятшиносӣ, яъне омезиши таҳлилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ сурат гирифта, даъват ба огоҳсозии ҷамъият ва таҳкими муқовимати маънавӣ ва зеҳнии ҷомеа мекунад.

Татбиқи принсипи усули диалектикӣ, бахусус таърихият, дар таҳқиқи ҷиноятҳои ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ равонагардида (ҷиноятҳои ба истилоҳ “давлатӣ”), аҳамияти назаррас дорад. Дар баробари принсипҳои объективият ва фарогирӣ, истифодаи усули таърихият имкон медиҳад, ки ҳолати кунунии ҷинояткорӣ дар ин самт ба таври амиқ таҳлил гардад,

маншаъ ва марҳилаҳои ташаккули ин навъи ҷиноятҳо бозсозӣ шуда, инчунин, тамоюлҳои эҳтимолии рушди минбаъдаи онҳо пешгӯӣ карда шаванд. «Принсипи таърихият ҳамчун ҷузъи таркибии усули диалектикӣ, шароити таҳқиқи мукаммали равандҳои падид омадани ҷиноятҳои давлатӣ, шаклҳои зуҳур ва таҳаввули онҳоро фароҳам меорад. Бо истифодаи ин усул метавон пайдарпаии тағйирёбии қонунгузорӣ, таъсири воқеиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ва муносибати низоми ҳуқуқӣ ба ҷиноятҳои зидди давлатро дар тӯли таърих аниқ намуд» [207, с. 29].

Ҳамзамон, «омӯзиши таърихи давлат ва ҳуқуқ дар доираи усули таърихӣ имкон медиҳад, ки таснифбандии гуногуни марҳилаҳои инкишофи давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқӣ арзёбӣ гардида, ҷойгоҳи ҷиноятҳои давлатӣ ва махсусан тахрибкорӣ дар он равшан гардад» [51, с. 21], [126, с. 12-13], [210, с. 130]. Таҳлили таърихӣ, дар ин росто, на танҳо ҷиҳати фаҳмиши решаҳои таърихии ин навъи ҷиноятҳо аҳамият дорад, балки барои таҳияи чорабиниҳои самараноки ҳуқуқӣ ва институционалӣ оид ба пешгирии онҳо дар шароити муосир низ замина фароҳам меорад.

Ба андешаи И.Б. Буриев, «ки такя ба таҳлили таърихию ҳуқуқӣ ва тамаддуни анъанавӣ дорад, раванди инкишоф ва ташаккули давлат ва ҳуқуқ дар ҳудуди Тоҷикистонро ба як низоми пайвастаи марҳилавӣ тақсим мекунад, ки ҳар марҳила хусусиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии хоси худро доранд ва ин инкишофро метавон дар заминаи таҳаввулоти фарҳангӣ, динию эътиқодӣ ва геополитикӣ арзёбӣ кард» [58, с. 23]. Марҳилаи аввал, пайдоиши давлатдорӣ дар ҳудуди Тоҷикистон (асри II то милод – асри I то милод), яъне оғози ташкили сохторҳои ибтидоии ҳокимият ва ташаккули унсурҳои аслии ҳукмронии сиёсии қаламравҳои ориёӣ ва скифӣ дар Осиёи Марказӣ, ки дар ин давра метавон таъсири омилҳои этносозӣ, қаламравӣ ва зироатпарвариро мушоҳида кард. Марҳилаи дуюм, ташаккул ва инкишофи давлатдорӣ зери таъсири тамаддуни зардуштӣ (асри I то милод – аввали асри VIII), яъне давраи ташкили низоми маъмурӣ ва ҳуқуқӣ бо таъсири назарияи ахлоқӣ-динӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии суннатии зардуштӣ, ки ба ташкил ва мураттабсозии идораи давлат мусоидат кардааст. Марҳилаи сеюм, ташаккули давлатдорӣ зери таъсири тамаддуни исломӣ (аз аввали асри VIII то оғози асри XIX), яъне марҳилае мебошад, ки дар он ҳуқуқи шариатӣ ва меъёрҳои фиқҳӣ ба сутуни асосии қонунгузорӣ ва

идоракунӣ мубаддал гардиданд. Дар ин давра қаламрави Тоҷикистон қисми муҳими хилофати аббосӣ ва пасон салтанатҳои сомониён, ғазнавиён ва ғайра буд, ки бо рушди илму фалсафа, ташкили идораҳои молиёт, низоми судӣ ва таъсиси мазмуни ҳуқуқи исломӣ тавсиф мешавад. Марҳилаи чорум, давлатдории омехта (солҳои 1868, 1917, 1920), ин марҳила давраи гузаришӣ буда, омезиши низоми ҳукмронии анъанавӣ ва сохтори маъмурии муосирро инъикос мекунад. Он бо таъсири мустамликадорӣ аз ҷониби Русияи подшоҳӣ ва ҳаракатҳои инқилобӣ тавсиф мешавад, ки ба тағйирёбии рукнҳои давлатдорӣ, халалдор шудани меъёрҳои суннатии ҳуқуқ ва шикастани марзи байни маъмурияти марказӣ ва ҳукумати маҳаллӣ оварда расонд. Марҳилаи панҷум, давлат ва ҳуқуқи тоҷикон дар замони шӯравӣ (1920–1991), ин давра бо ташкили модели ҳокимияти шӯравӣ, қабули қонунҳои ҶШС Тоҷикистон ва мутобиқсозии онҳо ба қонунгузории умумиттифоқӣ зери идеологияи сотсиалистӣ аломатгузорӣ шудааст. Дар ин давра асосҳои давлатдорӣ, сохтори шӯроҳо, кодификатсияи қонунҳо ва тақвияти назорати ҳизбӣ аз ҷумлаи унсурҳои асосии ҳуқуқ ва идораи давлатӣ ба ҳисоб мерафтанд. Марҳилаи шашум, давлати соҳибихтиёр ва ҳуқуқи миллӣ (аз соли 1991 то имрӯз), марҳилаи бунёди давлати миллӣ ва қонунгузории мустақил аст, ки дар он бо қабули Конститутсияи соли 1994, ислоҳоти сохторҳои ҳокимият, кодификатсияи нави қонунгузорӣ, таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон, ва инчунин такмили низоми адлияи миллӣ асоси давлатдории ҳуқуқбунёду дунявӣ ва демократӣ гузошта шуд. Тақсимоти марҳилавии таърихи давлат ва ҳуқуқ тибқи андешаи И.Б. Буриев на танҳо пайгирии мантиқии инкишофи сохтори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷиконро нишон медиҳад, балки ифодагари табдили низоми арзишҳо, эътиқодҳо ва таҷрибаҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ба ҳар як давраи таърихӣ хос аст. Ин назария барои таҳлили назариявӣ ва таълимии омилҳои миллӣ дар ташаккули низоми ҳуқуқӣ аҳамияти назаррас дорад.

Ин таснифбандӣ имкон медиҳад, ки таҳаввули умумии давлатдорӣ ва ҳуқуқ дар ҳудуди Тоҷикистони муосир дар иртибот ба равандҳои фарҳангӣ, динию сиёсии минтақавӣ арзёбӣ шавад. Бо вуҷуди арзишмандии чунин шеваи тақсимбандӣ, он бештар хусусияти умумидошта дошта, ба таври мустақим барои таҳлили марҳилаҳои рушди қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои зидди амнияти

давлатӣ, дар таҷрибаи ҳуқуқӣ мувофиқ нест. «Дар робита ба ин, пешниҳоди профессор Т.Ш. Шарипов, ки қонунгузории ҷиноятии миллиро ба се марҳилаи асосӣ, яъне давраи то шӯравӣ, қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ–сотсиалистӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ тақсим мекунад, дар таҳқиқи таърихии ҷинояти тахрибкорӣ мувофиқтар ва мақсаднoктар менамояд» [134]. Ин тасниф имкон медиҳад, ки таҳаввулоти қонунии ҷиноятҳои дорои хусусияти давлатӣ, хусусан, тахрибкорӣ, дар асоси таҳлили манбаъҳои ҳуқуқии мушаххас ва марҳилаҳои возеҳи сиёсӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шаванд.

Бо истифода аз ин таснифбандӣ, метавон на танҳо хусусиятҳои ҳуқуқии ҳар марҳилаи таърихиро дар соҳаи мубориза бо тахрибкорӣ муайян намуд, балки робитаи он бо воқеияти сиёсӣ, сохтори давлатдорӣ ва заминаҳои идеологии замонро низ таҳлил кард. Ин равиш барои дарки амиқи равандҳои ташаккул ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи амнияти давлатӣ ва муқовимат бо ҷиноятҳои хавфноки ҷамъиятӣ аҳамияти назаррас дорад.

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар қаламрави Тоҷикистон асосан аз даврони шӯравӣ оғоз ёфтааст. Гарчанде ки кирдорҳои хусусияти тахрибидошта дар давраҳои қаблӣ низ вуҷуд доштаанд ва ҳамчун таҳдид ба амнияти давлат арзёбӣ мешуданд, танзими махсуси ҳуқуқии онҳо дар шакли дақиқи қонунӣ танҳо дар марҳилаи ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ зуҳур кардааст. Дар қонунгузории ҷиноятии давраи шӯравӣ, аз ҷумла дар КҶ РСФСР соли 1922, ки дар як муддати муайян дар қаламрави ҶТ низ мавриди истифода қарор дошт, ҷавобгарӣ барои тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноятe, ки ба муқобили амнияти давлатӣ ва суботи сиёсӣ равона шудааст, пешбинӣ мегардид. Баъдан, ин навъи ҷавобгарӣ дар КҶ РСС Тоҷикистон соли 1935 ва сипас соли 1961, бо моддаҳои алоҳида муқаррар карда шуд.

Бо дарназардошти ин воқеият, таҳқиқоти мазкур маҳз давраи шӯравиро ҳамчун нуқтаи ибтидоии танзими қонунӣ ва ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ интихоб намуда, онро ба таври муфассал мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медиҳад. Зеро маҳз дар ҳамин давра пояҳои танзими ҳуқуқии ин навъи ҷиноят,

мафҳумшиносӣ ва таҷрибаи судӣ ба таври мушаххас шакл гирифта, заминаи қонунгузории минбаъдаи даврони соҳибистиқлолиро низ фароҳам овардааст.

Муқаррар намудани ҷинояти тахрибкорӣ бе омӯзиши муфассали илмии таърихии ин ҷиноят имконнопазир аст. Бояд таъкид намуд, ки пас аз сарнагун гардидани ҳукумати подшоҳии Русия дар натиҷаи Инқилоби Октябри соли 1917, дар қаламрави Осиёи Марказӣ низ тағйироти ҷиддии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд омаданд. Соли 1918 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон таъсис дода шуд ва 14 сентябри соли 1920 бошад, Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро, ки қаламрави имрӯзаи Тоҷикистон қисман ба ҳудуди онҳо дохил мешуд, ташкил гардид. Ташаккули ин давлатҳо ҳамчун низомҳои нави ҳокимият бо идеологияи коммунистӣ заминаи тағйироти куллиро дар сохтори қонунгузорӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд оварданд. Маҳз дар ҳамин давра, таҳияи аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқии шӯравӣ оид ба мубориза бо ҷиноятҳое, ки ба муқобили давлат ва амнияти ҷамъиятӣ равона шуда буданд, оғоз гардид. Дар ин давра, таҳияи қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ (диверсия) пешбинӣ менамуд, бо шеваи сифатан нав сурат гирифт. Тағйироти пас аз Инқилоб ба он оварда расонданд, ки мафҳум ва таркиби ин ҷиноят дар асоси манфиатҳои ҳимояи ҳокимияти Шӯроҳо, амнияти давлатӣ ва муборизаи сиёсӣ бо унсурҳои зиддиинқилобӣ шакл гирифта, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ карда шаванд. Аз ин лиҳоз, заминаҳои ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави ҶТ имрӯза маҳз дар ҳамин давраи пасоинқилобии ташаккули давлатдории шӯравӣ гузошта шуданд, ки минбаъд ба қонунгузории ҷиноятии солҳои 1926, 1929 ва 1960 таъсири бевосита расониданд.

Дар замони шуравӣ ин ҷиноят ба гуруҳи ҷиноятҳои зиддинқилобӣ дохил гардида, мақоми асосии мубориза бо ҷиноятҳои зиддиинқилобӣ Комиссияи фавқулодаи умумирусиягӣ оид ба мубориза бар зидди инқилоб буд, ки таъсиси он барои қабули якчанд санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба муқобили ҷиноятҳои зидди инқилобӣ нигаронида шуда буданд, замина гузошт. Ба чунин санадҳо Муроҷиатномаи Шурои Комиссарони Халқии ҶШФСР аз 11 ноябри соли 1917 «Дар бораи мубориза бо буржуазия ва агентҳои он, ки ба таъминоти артиш тахрибкорӣ

карда, ба бастани сулҳ монеъ мешаванд» [42], Декрети Шӯрои Комиссарони Халқӣ «Дар бораи боздошти пешвоёни ҷанги шаҳрвандӣ ба муқобили инқилоб» (28 ноябри соли 1917) дохил мешуданд [32].

«Моҳи декабри соли 1922, баъди ташкил ёфтани ИҶШС, зарурати қабули санади ҷиноятии умумииттифоқӣ, ки ба муқобили ҷиноятҳои контрреволютсионӣ нигаронида шуда буд, ба вуҷуд омад. КҶ РСФСР аз 24 майи соли 1922 бо Фармони Иҷлосияи II Кумитаи иҷроияи марказии умумирусиягии даъвати 10 қабул карда шуд ва дар он мафҳуми ҷинояти контрреволюционӣ ва шаклҳои алоҳидаи он муттаҳид карда шуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аввалин бор дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ гардид» [53, с. 238].

Дар КҶ ҶШФСР, ки санаи 1-уми июли соли 1922 аз ҷониби Кумитаи Марказии Иҷроияи Умумии Иттифоқи Шӯравӣ (КМИУ) тасдиқ гардида буд, бори аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои тахрибкорона дар шакли кодификатсияшуда пешбинӣ шуд. «Тибқи муқаррароти он, барои ташкил намудани таркиш, сӯхтор ё бо дигар тарзҳо нобуд ва ё вайрон сохтани роҳи оҳан, хатҳо ва воситаҳои алоқа, воситаҳои муҳими иртиботӣ ва иқтисодӣ, ба монанди лӯлаҳои об, анборҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо ва иншооти стратегӣ, агар он бо мақсадҳои зиддиинқилобӣ содир шавад, дар шакли ҷазои қатл бо мусодираи амвол ҷазо муқаррар гардида буд. Дар ҳолати мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунанда, ҷазо ҳамчун маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз панҷ сол бо мусодираи амвол таъин мегардид» [44].

Инчунин, дар сурати муайян гардидани он, ки шахс дар содир намудани ин амали тахрибкорона иштирок намудааст, вале аз мақсадҳои ниҳоии зиддиинқилобии он огоҳӣ надоштааст, суд метавонист ҷазоро ба шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз се сол таъин намояд. Меъёри зикршуда дар боби 1-уми қисми махсуси КҶ соли 1922, таҳти унвони «Ҷиноятҳои давлатӣ» ҷойгир карда шуда буд. Мавқеи ҷойгиршавии ин модда дар сохтори КҶ далели равшани он аст, ки амалҳои тахрибкорона ҳамчун таҷовуз ба амнияти давлатӣ ва манфиатҳои ҳокимияти шӯравӣ арзёбӣ мегардиданд. Ин ҷиноятҳо ҳамчун амалҳои мақсадноки зиддиҳокимиятӣ тасниф шуда, ба халалдорсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, коҳиши нуфуз ва

эътибори ҳокимияти шӯравӣ, ва дар маҷмуъ, ба амнияти сиёсии давлат таҳдид эҷод мекарданд.

Дар ҳамин замина, 31-уми октябри соли 1924, КИМ ИҶШС «Принсипҳои асосии қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ»-ро қабул намуд, ки яке аз аввалин санадҳои умумии умумииттифоқӣ маҳсуб меёфт. Ин Принсипҳо ҳамчун асоси танзими ягонаи сиёсати ҷиноятии шӯравӣ дар тамоми ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла ҶТ, хидмат намуданд ва таъсири ҷиддӣ ба таҳияи минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла дар самти танзими ҳуқуқии тахрибкорӣ расонданд.

«16 июни соли 1926, дар заминаи КҶ ҶШФСР ва «Асосҳои қонунҳои ҷиноятии умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ», КҶ ҶШС Ӯзбекистон қабул гардид, ки муҳтавои он дар қаламрави ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аз 1 июли ҳамон сол мавриди амал қарор гирифт» [116, с. 229]. Ин ҳолат гувоҳӣ медиҳад, ки то қабули КҶ мустақили ҶШС Тоҷикистон, қонунгузории ҷиноятии он бо қонунгузории Ӯзбекистон танзим мешуд. Бояд таъкид намуд, ки мафҳуми тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноят бори аввал дар соли 1927, дар Низомномаи ИҶШС дар бораи ҷиноятҳои давлатӣ, ба таври расмӣ ва мустақилона ворид карда шуд. Дар м. 9-и ин Низомнома, ки унвони «Амалҳои тахрибкорӣ»-ро дошт, чунин омадааст: «Амалҳое, ки бо мақсади контрреволютсионӣ (зиддиинқилобӣ) ба нест кардан ё вайрон сохтани воситаҳои муҳими инфрасохторӣ, аз ҷумла таркиш, сӯхтор ё дигар амалиёт бар зидди роҳҳои оҳан, дигар роҳу воситаҳои нақлиёт, васоити алоқа, таъминоти об, анборҳои ҷамъиятӣ ва дигар иншоот ё моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона шудаанд» [38].

Ин таъриф на танҳо мақсади тахрибкориро, яъне ангезаи зиддиинқилобиро, равшан нишон медиҳад, балки доираи васеи объектҳои ҳимояшавандаро муайян месозад. Инчунин, ин нишон медиҳад, ки тахрибкорӣ ҳамчун ҷинояти мустақил ва дорои хусусияти сиёсӣ-давлатӣ шинохта мешуд ва дар низоми ҳуқуқии шӯравӣ ба гурӯҳи ҷиноятҳои махсусан хавфнок бар зидди давлат мансуб euдониста мешуд. Аз ин нуқтаи назар, соли 1927 ҳамчун марҳилаи муҳим дар ташаккули ҳуқуқии мафҳуми тахрибкорӣ дар низоми қонунгузории шӯравӣ ва мустақиман дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҶТ, арзёбӣ мешавад. Муқаррароти ин Низомнома ба Кодексҳои

минбаъдаи ҷиноятии ҷумҳуриҳо таъсири амиқ гузошта, заминаи танзими ҷиноятҳои зидди амнияти давлатӣ гардиданд.

«20 августи соли 1935, бо Қарори иҷлосияи давлатӣ, ҶШС Тоҷикистон КҶ худро қабул намуд. Моддаи 58-и ин КҶ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои амалҳои тахрибкорона пешбинӣ менамуд, аз ҷиҳати муҳтаво ба муқаррароти КҶ ҶШФСР соли 1922 шабоҳати зиёд дошт» [34, с. 108]. Тавре дар КҶ ҶШФСР, дар КҶ ҶТ низ тахрибкорӣ ҳамчун ҷинояти хавфноки дорои хусусияти зиддидавлатӣ эътироф гардида, барои содир кардани амалҳое, ки ба инфрасохтори муҳими давлатӣ зиён мерасонанд, ҷавобгарии сахт, аз ҷумла ҷазои қатл бо мусодираи амвол, муқаррар карда шуда буд.

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки КҶ Тоҷикистон соли 1935 танҳо нусхаи соддаи КҶ ҶШФСР набуда, тағйироту иловаҳои назаррас дошт, ки мувофиқи шароит ва хусусиятҳои хоси миллӣ ва минтақавии ҷумҳурӣ таҳия шудаанд. Тавре ки профессор У.А. Азизов таъкид мекунад, «ин фарқиятҳо дар мутобиқ кардани муқаррароти умумӣ ба воқеиятҳои ҶТ, аз ҷумла вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва шеваи ташкили мақомоти ҳокимият зоҳир мегардиданд» [53, с. 285-286].

Минбаъд, «25 декабри соли 1958, ШО ИҶШС Қонуни махсусеро таҳти унвони «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои давлатӣ» қабул намуд. Ин санад дар заминаи холигие, ки дар қонунгузории ҷиноятии иттифоқӣ дар масъалаи танзими ҳуқуқии ҷиноятҳои зидди давлат, аз ҷумла тахрибкорӣ, вуҷуд дошт, қабул гардид. Пеш аз ин, дар низоми ҳуқуқии шӯравӣ истилоҳи «ҷиноятҳои махсусан хавфноки давлатӣ» аз ҷиҳати мазмун нисбат ба мафҳуми классикии «ҷиноятҳои контрреволютсионӣ» ҷорӣ шуда, ба гурӯҳи ҷиноятҳои дорои хусусияти сиёсӣ ворид шуда буд» [33]. Қонунгузории пеш аз соли 1958 дар масъалаи тахриби инфрасохтори давлатӣ, дастгоҳи ҳокимият, объектҳои ҳаётан муҳим ва дигар амалҳои тахрибкорона тавсифи равшан ва дақиқ надошт. Таърифи номуайян ва мавҷуд набудани возеҳи унсурҳои таркиби ин ҷиноят дар қонунгузорӣ, дар амалияи судӣ сабаби тафсири васеъ ва баъзан зиддунақиз мегардид. Ин ҳолат дар ҷараёни сессияи дуюми даъвати панҷуми ШО ИҶШС ба таври расмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар натиҷа бо

қабули Қонуни соли 1958, холигии ҳуқуқӣ пур карда шуд ва замина барои танзими дақиқтар ва ҳамоҳангтари ҷиноятҳои давлатӣ, аз ҷумла тахрибкорӣ, фароҳам омад.

Дар Қонуни мазкур тавсифи муфассали таркиби сохтории тахрибкорӣ сабт шудааст. Тибқи қонуни мазкур тахрибкорӣ ҳамчун «Бо мақсади ноустувор кардани давлати Шӯравӣ содир намудани таркишҳо, оташзанӣ ё амалҳои дигаре, ки ба куштори оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё осеби дигар ба саломатии онҳо бо мақсади нобуд ё вайрон кардани корхонаҳо, иншоот, хатсайрҳо ва воситаҳои алоқа нигаронида шудаанд, алоқа ё дигар моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва комиссия бо ҳамон мақсадҳои захролуд кардани омма ё паҳн кардани эпидемия ва эпизоотия фаҳмида мешуд ва барои он ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ё бидуни бадарға ё ҷазои қатл бо мусодираи молу мулк муқаррар шуда буд. Вобаста ба таърихи ташаккул ва рушди ин ҷиноят дар Тоҷикистон бояд гуфт, ки ШО ҶШС Тоҷикистон 17 августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистонро қабул кард. Пеш аз он, дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон КҶ ҶШС Точикистон аз 9 май соли 1935 амал мекард.

*Тахрибкории (диверсияи) идеологӣ дар замонӣ Шӯравӣ ҳамчун яке аз намудҳои тахрибкорӣ машҳур буд. Бояд гуфт ки ИМА на ҳама вақт бо қувваи зӯрӣ бар зидди дигар давлат амал менамуд. Дар соли 1959 намояндагони воломақоми ИМА Н. Хрушевро ба гузарондани намоишгоҳи ИМА дар Москва бовар кунонда, моҳирона ба муқобили ИҶШС диверсияи идеологиро гузарондананд. Ин кирдор ба монанди бомба буд! Ба москвагиҳо ва меҳмонони пойтахт муяссар шуд, ки онро тамошо кунанд. Америкоиҳо вазъияти иктисодиёти ИҶШС-ро, ки аз пас ҷанг барқарор шуда истода буд, нагз медонистанд, дидаву дониста ба Москва садҳо ҳазор китобчаю плакатҳои рангоранг овардананд, ки дар бораи молҳои Америка маълумот доштананд. Онҳо бепул пахн карда мешуданд, ҳамчунин харитаҳои роҳҳои ИМА, ки мувофиқи онҳо наслҳои одамони советӣ баъдтар номи штатҳоро омӯхта, рафти «Маршрути афсонавии 66»-ро пай бурда метавонистананд. Ва ҳамаи ин адабиётро сайёҳони шӯравӣ дар саросари ИҶШС мебурдананд ва паҳн мекардананд. Дар намоишгоҳ либосҳои муд, асбобҳои рӯзгор, ба монандӣ: – мошинаҳои автоматии ҷомашӯӣ, зарфшуӣ, тостер*

*ва печхо намоиш дода шуданд. Ҳамаи ин аз пластика ва шишаи дурахшон сохта шуда буд, ҳама чиз медурахшид ва диққати бинандаро ҷалб менамуд. Аммо аз ҳама бештар диққати шаҳрвандонро стендҳои мошинҳои «Крайслер», «Понтиак», «Шевроле», «Бюик» ҷалб намуд. Моторҳои пурқувват, рангҳои дурахшон, лак ва хром, ороиши аълои дохилӣ. Шаҳрвандони ИҶШС фаҳмиданд, ки автомашинаҳои «Запорож» ва «Москвичҳо» дар ин замина хандаовар ба назар мерасанд, ва автомашинаҳои ҳукуматӣ «Чайка» ва «Победа» бошад, танҳо нусхаҳои саноати автомобилсозии хориҷӣ мебошанд. Ҳамин тавр амрикоиҳо тавонистанд, ки дар дили мардум нобоварӣ ва дилхунукӣ нисбат ба ҳокимиятӣ Шӯравиро бедор кунанд* [235]. Бояд гуфт, ки деверсияи идеологӣ бо тахрибкории м. 309 КҶ ҶТ ягон алоқамандӣ надорад.

КҶ ҶШС Тоҷикистон, ки соли 1961 қабул гардид, дар асоси Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 аз ҷониби ШО ИҶШС тасдиқ шуда буд, таҳия гардид. Ин санади меъёрӣ «Принсипҳои асосии қонунгузории ҷиноии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ»-и соли 1924-ро, ки то он замон амал мекард, иваз намуд ва ҳамчун асоси ягонаи ҳуқуқии таҳияи қонунгузории ҷиноятии ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла ҶТ, хизмат кард.

КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961, ки дар шароити шиддатёбии муборизаи идеологӣ ва геополитикии Ҷанги Сард қабул гардид, ҷиноятҳои давлатӣ-ро ба ду гурӯҳи мустақил тақсим намуд:

а) ҷиноятҳои давлатии махсусан хавфнок;

б) дигар ҷиноятҳои давлатӣ.

«Тахрибкорӣ, тибқи ин КҶ, ба гурӯҳи ҷиноятҳои давлатии махсусан хавфнок дохил карда шуд ва дар баробари чунин ҷиноятҳои шадиди зиддиҳокимиятӣ ҷой гирифт, ба монанди:

а) хиёнат ба Ватан;

б) ҷосусӣ;

в) амали террористӣ;

г) амали террористӣ бар зидди намояндаи ҳокимияти давлатӣ;

д) зиёнкорӣ;

е) ташвиқоту тарғиботи зиддишуравӣ;

ж)тарғиби ҷанг;

з) иштирок дар ташкилотҳои зиддишӯравӣ ё ташкилоте, ки ба содир намудани ҷиноятҳои хавфноки давлатӣ равона шудаанд;

и) инчунин ҷиноятҳои махсусан хавфноке, ки ба муқобили давлати дигари меҳнаткашон содир гардидаанд» [170, с. 124-128].

Ҷойгир намудани тахрибкорӣ дар ин гурӯҳ, баробари ҷиноятҳое чун хиёнат ва терроризм, бори дигар мақоми махсусан хатарнок ва хусусияти сиёсӣ-давлатии ин навъи ҷиноятро дар замони шӯравӣ собит мекунад. Он ҳамчун амале арзёбӣ мегардид, ки ба пояҳои амнияти давлатӣ, суботи сиёсӣ ва истиқлолияти ҳокимияти шӯравӣ зарбаи ҷиддӣ мерасонад ва аз ин рӯ, ба он муносибати ҳуқуқии шадид ва ҷазои вазнин татбиқ мегардид. Бо қабул ва амалишавии КҶ соли 1961, механизми ҳуқуқии мубориза бо тахрибкорӣ дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон шакли пурратар ва бандубасти дақиқтар касб кард, ки баъдан то давраи соҳибистиқлолӣ бо тағйироти ҷузъӣ мавриди амал қарор дошт.

«Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар КҶ ҶШС Тоҷикистон, ки соли 1961 қабул шудааст, дар м. 65 муқаррар шудааст. Дар боби «Ҷиноятҳои давлатӣ»-и ҳамин КҶ, моддае, ки дар он ҷавобгарии ҷинояти таҳлилшавандаро пешбинӣ мекард, инъикос ёфт. Гузашта аз ин, фурӯпошии ИҶШС дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX на танҳо ба тақсимоти сиёсӣ ва ҳудудӣ, балки ба хароб шудани системаи ягонаи пурқуввати амниятӣ, ки дар 1/6 қисми қаламрави сайёра амал мекард, боис гардид» [170, с. 127].

Давраи муосири рушди қонунгузории ҷиноятӣ, ки танзими ҳуқуқии масъалаи тахрибкориро дар бар мегирад, ба марҳилаи ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии пасошӯравӣ рост меояд. Пас аз пош хӯрдани ИҶШС ва соҳиб гаштани истиқлолияти давлатӣ, ҶТ ба раванди нав ва мураккаби таҳия ва қабули қонунгузории миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ворид гардид. “... дар ин марҳила, ниёз ба таҳияи доктринаи миллии ҳуқуқӣ, ки ба арзишҳои давлатӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худи ҶТ асос ёфта бошад, ба таври ҷиддӣ эҳсос гардид. Тавре ки Ф.Т. Тоҳиров дуруст

қайд мекунад, «ҶТ бори аввал ҳамчун давлати соҳибистиқлол доктринаи мустақили ҳуқуқии худро таҳия намуда истодааст. Аз он ки чӣ гуна ин раванди мураккаб ва меҳнатталаб рушд меёбад ва гузашта, ҳозира ва ояндаро муттаҳид месозад, комёбиҳои аллакай бадастомадаро дар амал татбиқ менамояд, ба ҳалли муносиби масоилҳои ташаккулёбии низоми нави ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Дар асоси ин раванд, КҶ ҶТ таҳия ва 21 майи соли 1998 қабул гардид, ки то имрӯз асоси низоми ҳуқуқи ҷиноятии кишварро ташкил медиҳад» [113, с. 6]. Ин КҶ ҷузъҳои калидии қонунгузории шӯравиро дар бар гирифта, ҳамзамон дар заминаи равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва амниятии давлати навбунёди ҶТ такмил ёфтааст. Маҳз дар ҳамин КҶ, ҷинояти тахрибкорӣ дар м. 309 КҶ ҶТ ба таври мустақил ва муфассал дарҷ гардид. Мафҳуми тахрибкорӣ дар ин давра аз заминаи сирф сиёсӣ баромада, ҳадафи ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳими амнияти давлатӣ, сохти конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳаёти шаҳрвандон-ро фаро мегирад. «Бинобар ин, давраи муосирро метавон марҳилаи эътироф ва танзими ҳуқуқии тахрибкорӣ дар шароити истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими амнияти миллӣ арзёбӣ намуд, ки дар он дар баробари такя ба таҷрибаи ҳуқуқии гузашта, равандҳои нави ҳуқуқсозӣ ва ҳуқуқшиносӣ низ нақши муҳим доранд» [113, с. 6].

«Аз ин рӯ, дар назди роҳбарияти сиёсиву ҳуқуқии ҶТ вазифа гузошта шуд, ки бо назари интиқодӣ институтҳои ҳуқуқии меросмондаи шӯравӣ мавриди таҳлил ва бознигарӣ қарор дода шаванд. Қисми зиёди ин институтҳо, ки бар асоси меъёрҳо ва арзишҳои низоми шӯравӣ шакл гирифта буданд, дигар ба талаботи нав ва воқеиятҳои рушди давлати мустақил мутобиқ набуданд» [177]. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳияи консепсияҳо ва муқаррароти нави ҳуқуқӣ пеш омад, ки бо раванди ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқат кунанд ва ба эҳтиёҷоти амалии мубориза бо ҷинояткорӣ ҷавобгӯ бошанд. Ин раванд ба ҳамаи соҳаҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла ба қонунгузории ҷиноятӣ, таъсири мустақим расонид. «Ибтидои ҳуқуқии ин марҳилаи нав бо қабули Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 гузошта шуд. Ин ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ, арзишҳои ҷомеаи демократӣ ва мақоми инсонро ҳамчун меҳвари сиёсати давлат танзим мекунад, заминаи мустаҳками таҳия ва қабули Кодекси ҷиноятии нави ҶТ гардид» [177, с. 143].

Қабули КҶ ҶТ (21 майи соли 1998), ки ифодаи амиқи сиёсати ҷиноятии навини миллӣ буд, як дастоварди муҳими илмӣ ва амалии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад. «Он на танҳо бо истифода аз таҷрибаи ҳуқуқии гузашта таҳия гардид, балки бо дарназардошти равандҳои сиёсии муосир, рушди иқтисодӣ, анъанаҳои миллӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии кишвар низ ҳамоҳанг шудааст» [190, с. 274-275].

Хусусияти махсуси ин КҶ ҶТдар мазмуни институтҳои асосии он таҷассум ёфтааст. Дар он шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар асоси меъёрҳои Конститутсияи ҶТ, ба ҳайси объекти афзалиятноки ҳифзи ҳуқуқӣ шинохта шудаанд. Ин равиш нишон медиҳад, ки сиёсати ҷиноятии давлатӣ аз механизми фишоровар ба василаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва тартиботи ҳуқуқӣ табдил ёфта, ба талаботи давлати ҳуқуқбунёд наздик мегардад.

Ҳамин тавр, КҶ ҶТ соли 1998 ҳамчун пояи асосии низоми нави ҳуқуқи ҷиноятӣ, бозтобдиҳандаи арзишҳои демократӣ ва кафолатдиҳандаи амнияти ҳуқуқии шаҳрвандон арзёбӣ мешавад. Он имконият фароҳам овард, ки институтҳои калидии ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, дар заминаи илман асосёфта ва ҳуқуқан мукаммал таҳия ва амалӣ гарданд.

Маҳз ҳамин вазъият ба он мусоидат намуд, ки то замони эълони истиқлол (1990-1991) дар қаламрави ҶТ гуруҳҳои зиёди муташаккили ҷиноятӣ пайдо шуданд.

Одатан, тахрибкорӣ ба сифати категорияи ҷинояти махсусан хавфнок асосан ба муқобили амнияти давлатӣ равона гардида, бо мазмуни худ таҷовуз ба пояҳои ҳокимияти сиёсӣ ва сохти конститутсионӣ маҳсуб мешавад. Он ба ҳастии давлат, фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, амнияти иқтисодӣ, инчунин иқтидори мудофиавии кишвар таҳдиди воқеӣ эҷод мекунад. Тахрибкорӣ ҳамчун ҷузъи таркибии ҷиноятҳои зидди давлат ва амнияти миллӣ, моҳиятан ба он равона шудааст, ки бо роҳҳои зӯроварӣ ва амалҳои тахрибӣ тартиботи сиёсӣ ва ҳуқуқиро халалдор созад, фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва инфрасохтори стратегиро фалаҷ намояд, ва дар маҷмуъ, ба босуботии сохтори давлатӣ ва иҷтимоӣ латма расонад.

«... ҶТ, ба мисли дигар кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар ибтидои солҳои навадуми асри XX, дар баробари ин гуна ҷиноятҳо, ҳамчунин бо зуҳуроти ифротгароии мазҳабӣ ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, ки таҳдидҳои ҷиддии дохиливу байналмилалиро дар бар доштанд, муқовимати фаъол нишон дод. Дар ҳақиқат, тавре ки У.А. Азизов дуруст таъкид мекунад, ҶТ баъди ба даст овардани истиқлол ба давраи сохтмони давлати ҳуқуқбунёд, ташаккули низоми нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷомеа ворид шуд» [53, с. 287]. Ин раванд, ки бо тағйироти амиқи сохторӣ ва муборизаи ҳамзамон бо таҳдидҳои амниятӣ ҳамроҳ буд, зарурати таҳияи қонунгузории ҷиноятии муосирро ба миён овард, ки тавонад бо ҷиноятҳои хавфноке чун тахрибкорӣ ва шаклҳои нави экстремизм ва терроризм ба таври муассир мубориза барад. Бинобар ин, муайянсозӣ ва таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар шароити навини пасошӯравӣ, ба яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати ҳуқуқӣ ва амнияти миллии ҶТ табдил ёфт.

Асосан тахрибкорӣ яке аз хатарноктарин ҷиноятҳои замони мост, ки аксар вақтҳо на танҳо хусусияти миллӣ, балки фаромиллӣ низ дорад. Имрӯз мубориза бо тахрибкорӣ вазифаи асосии ҳар як шахси мутамаддин аст. КҶ ҶТ ба мафҳуми «тахрибкорӣ»-ро баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. Дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ «тахрибкорӣ ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят пешбинӣ шудааст.

Дар таърихи Тоҷикистон бори аввал КҶ ҶТ мустақилона аз тарафи мутахассисони ҷумҳурӣ навишта шуда, аз тарафи мақомоти олии қонунгузорӣ, яъне Маҷлиси Олии ҶТ ки аз намояндагони халқ иборат аст, 21 майи соли 1998 қабул шуд. Ҳифзи сохти конститутсионии ҶТ яке аз вазифаҳои асосии КҶ ҶТ мебошад, зеро дар м. 2 КҶ ҶТ зикр гардидааст, ки дар баробари ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ аз таҷовузи ҷиноятӣ вазифаи КҶ ҶТ мебошад. Ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат яке аз вазифаҳои асосии қонуни ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ дониста шудааст. КҶ ҶТ дар боби 29 ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти

давлат пешбинӣ намудааст. Дар он тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноятҳои давлатӣ эътироф шудааст.

Дар КҶ ҶТ соли 1998 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар м. 309 пешбинӣ гардидааст, ки он дар боби 29 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» ҷойгир гардидааст. Моддаи 309 КҶ ҶТ аз 2 қисм иборат буда, дар он ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ бо мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Вобаста ба мафҳуми «тахрибкорӣ» дар адабиёти илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ то имрӯз як тавофуқи комили назарӣ вуҷуд надорад [159, с. 289]. Бо вуҷуди ин, мавқеи нисбатан мутаносиб ва устувор дар шарҳи ин мафҳум ташаккул ёфтааст. «... Оид ба табиати ҳуқуқӣ ва мазмуни дохилии он дар байни муҳаққиқон андешаҳои гуногун вуҷуд доранд, ки аз фарогирии паҳлӯҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ ва амниятии ин зуҳурот шаҳодат медиҳанд. Масалан, А.Н. Литвак тахрибкориро на танҳо ҳамчун ҷинояти оддӣ, балки категорияи мураккаби ҳарбӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ намуда, чунин таъриф медиҳад: «Тахрибкорӣ маҷмуи аломатҳо, хусусиятҳо ва хислатҳои муҳиммеро дар бар мегирад, ки ба он ҳамчун як падидаи махсус хос мебошанд ва мундариҷаи дохилии онро ташкил медиҳанд. Ин хусусиятҳо имкон медиҳанд, ки тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноятe арзёбӣ гардад, ки пеш аз ҳама ба заиф гардонидани давлат ва расонидани зарари ҷиддӣ ба низоми иқтисодии он равона гардидааст» [80, с. 147]. Ин таҳлили муфассал нишон медиҳад, ки тахрибкорӣ мақсади амиқи стратегии сиёсӣ ва иқтисодӣ дорад ва ҳамчун василаи таҷовуз ба сохторҳои бунёдии давлат истифода мешавад. Инчунин, А.Н. Литвак ба таври равшан ба он ишора мекунад, ки тахрибкорӣ бо унсурҳои муҳими ҳам ҳамлаи физикӣ ва ҳам ҷангҳои иттилоотӣ, фанноварӣ ва иқтисодӣ робитаи зич дорад. Аз ин лиҳоз, дарки тахрибкорӣ танҳо дар чорчӯби механизми ҳуқуқӣ маҳдуд набуда, онро бояд дар иртибот бо масъалаҳои амнияти миллӣ, стратегияи мудофиа ва суботи иқтисодии давлат таҳлил намуд.

Дар маҷмуи қонунгузории ИМА, мафҳуми тахрибкорӣ (sabotage/diversion) бо мазмуни густарда ва стратегӣ тавсиф ёфта, ба зӯроварии барқасдона ва дорои ангезаи сиёсӣ дахл дорад, ки аз ҷониби гурӯҳҳои фаромиллӣ ё агентҳои махфӣ содир гардида, бар зидди ҷонибҳои ғайринизомӣ ва дар ҳолати ҷанг қарорнадошта равона мешавад. Ин таъриф, ки аз ҷониби Департаменти давлатии ИМА дар гузоришҳои расмии худ истифода бурда мешавад, тахрибкориро ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба ҷомеа ва беэътиноӣ ба қурбониёни мустақим арзёбӣ менамояд. Илова бар ин, Бюрои мубориза бо тахрибкорӣ дар сохтори мақомоти амниятии ИМА, тахрибкориро чунин муайян намудааст: «Таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ бо ҳадафҳои сиёсӣ аз ҷониби шахсон ё гурӯҳҳое, ки ба ҷонибдорӣ ё мухолифати ҳокимияти давлатӣ амал мекунанд, вақте ки мақсади чунин амал ба тааҷҷуб овардан ё тарсонидани гурӯҳи муайян ва васеътаре равона гардидааст, ки аз қурбониёни мустақим фарқ дорад» [149, с. 25].

Аз ин таърифҳо бармеояд, ки тахрибкорӣ дар низоми ҳуқуқии ИМА бо терроризм хусусияти қариб ҳамвазн ва стратегӣ касб мекунад, зеро ҳарду шакл ҳадафи таъсири равонӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба ҷомеаро пайгирӣ менамоянд. Ин фаҳмиш дар таҳияи сиёсати ҷиноятии кишварҳои муосир, аз ҷумла ҶТ, аҳамияти хоса дорад.

Дар ҶТ, ки дар марҳилаи ташаккулёбии низоми сиёсии мустақил қарор дорад, қобилияти ҳуқуқиву ташкилотии мубориза бо амали шахсон ва гурӯҳҳое, ки бо ҳадафи ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлат амал менамоянд, яке аз самтҳои муҳими сиёсати дохилӣ ва ҳуқуқии кишвар ба шумор меравад. Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили анҷомшуда метавон ба хулосаҳои зерин расид:

1. Таърих нишон медиҳад, ки тахрибкорӣ ҳамчун усули пинҳонии мубориза, ба хусус дар заминаи низомӣ ва сиёсӣ, аз замонҳои қадим то даврони муосир шаклҳои гуногунро касб намудааст ва бо мурури замон такмил ёфтааст. Омӯзиши ҷараёни таърихии шаклгирии амалиёти тахрибӣ имкон медиҳад, ки мо моҳият, мақсад ва усулҳои он, инчунин алоқамандии он бо дигар шаклҳои фаъолияти зиддидавлатӣ ва низомиро беҳтар дарк намоем. Тахрибкорӣ яке аз навъҳои

хатарноки ҷиноятҳо мебошад, ки таърихи пайдоиши он ба замони ташаккули аввалини давлатдорӣ бармегардад. Дар ибтидо, дар шароити низоъҳои мусаллаҳона ва ҷангҳо, тахрибкорӣ (диверсия) ба ҳайси амалиёти ҷангие истифода мешуд, ки онро гуруҳҳои хурди махсус бо ҳадафи гумроҳ намудани душман, ҷалби диққати неруҳои ӯ ба самтҳои дуюмдараҷа ва халалдор сохтани нақшаҳои асосии ҳарбӣ анҷом медоданд. Бо мурури замон, бахусус дар шароити муосири сулҳомез, моҳияти тахрибкорӣ тағйир ёфта, он ҳамчун василаи амалии гурӯҳҳои экстремистию террористӣ истифода бурда мешавад. Дар ин шароит, тахрибкорӣ шакли нави фаъолият касб намуда, мақсади он расонидани зарари ҷиддӣ ба сохторҳои давлатӣ, низоми амниятӣ, инфрасохтор ва иқтисоди миллӣ мебошад. Маҳз бо ҳамин далел, тахрибкорӣ дар замони муосир ҳамчун яке аз зуҳуроти ҷиноятии дорои хусусияти террористӣ арзёбӣ мегардад. Дар адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқӣ, диверсияро метавон ба маҷмуи амалиёти террористӣ шомил донист, ки бо усулҳои махсус анҷом меёбад ва ба амнияти давлатӣ, сохти конститутсионӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ таҳдид мекунад. Ин таҳаввули таърихию мафҳумии ҷинояти тахрибкорӣ нишон медиҳад, ки мо бо як ҷинояти мураккабу динамикӣ рӯ ба рӯ ҳастем, ки танзими ҳуқуқии он бояд бо таҳаввулоти сиёсӣ, технологӣ ва глобалӣ ҳамқадам бошад.

2. Мафҳуми тахрибкорӣ дорои хусусияти мураккаби сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, он бояд дар заминаи на танҳо ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки дар робита бо омилҳои амнияти миллӣ ва геополитикӣ таҳлил ва арзёбӣ гардад. Дар таҳия ва пешниҳоди таърифи мукаммали тахрибкорӣ бояд унсурҳои зерин ба инобат гирифта шаванд: ангезаи сиёсӣ ё дигар ҳадафҳои зиддидавлатӣ; таъсиррасонӣ ба амнияти давлатӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ ё тартиботи ҷамъиятӣ; шаклҳои иҷро: таркиш, сӯхтор, вайрон кардани инфрасохтор, иттилоот ва амнияти стратегӣ; субъекти махсус (аз ҷумла агенти хориҷӣ ё аъзои гурӯҳи муташаккили зиддидавлатӣ);

3. Тахрибкорӣ ҳамзамон метавонад як ҷузъи ҷангҳои гибридӣ, ҷосусӣ ва терроризм бошад, зеро он дар шароити низоъҳои ҳарбӣ ё сиёсати геостратегии рақобатӣ васеъ истифода мешавад. Тибқи қонунгузориҳои миллӣ ва байналмилалӣ,

тахрибкорӣ ба сифати ҷинояти махсусан вазнин арзёбӣ мегардад ва масъулини чунин амалҳо бо чораҳои сахти ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ, аз ҷумла маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати тӯлонӣ ё ҷазои дигар, мувоҷеҳ мешаванд.

4. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ бори аввал дар қаламрави Тоҷикистон дар замони шӯравӣ дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардида буд. Қонунгузории ҷиноятии давраи шӯравӣ, ки бо истифода аз истилоҳи «тахрибкорӣ» амал мекард, дорои тавсифи нисбатан мукаммали тарафи объективии ин ҷиноят буд. Пас аз ба даст овардани истиқлол, ин институт дар м. 309 КҶ ҶТ бо тағйироти назаррас, вале бо нигоҳ доштани муҳтавои умумии ҷиноят, такмил дода шуд.

## 1.2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

«... Усули муқоисавӣ-ҳуқуқии таҳқиқот ҷиҳати муқаррар намудани сохти иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ҷиноят ва ғайра ҳамчун унсури объективии воқеӣ ҷой доранд ва дар ҷамъият функсияҳои муайянро иҷро мекунанд [145, с. 34] ва баҳри таъмини амнияти шахс, ҷамъият, давлат ва тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ равона гардидаанд. Ҳамин тавр, истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки ба таври мушаххас қонунмандии пайдоиши манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, мавҷудият ва татбиқи он, дурнамои инкишоф ва такмили он муайян карда шавад» [218, с. 463].

Масъалаи таъмини амнияти давлатӣ дар ҶТ ҳамеша мавқеи меҳварӣ ва афзалиятнокро дар низоми сиёсату амнияти миллӣ ишғол намудааст. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва ноустувории геосиёсӣ, ки бо афзоиши хатарҳои тахрибкорӣ, терроризм, экстремизм, ҷинояткории муташаккил ва дахолати иттилоотӣ алоқаманд аст, масъалаи таҳким ва такмили сиёсати давлатии амнияти миллӣ аҳамияти стратегӣ касб мекунад. Ташаккул ва татбиқи самараноки сиёсати амнияти давлатӣ дар ҶТ ба як масъалаи мураккаби бисёрсамтӣ табдил ёфта, ҳалли он аз таҳияи механизми муассири идоракунии хавфҳо, таъмини ҳамоҳангии ниҳодҳои давлатӣ, боло бурдани сатҳи касбии сохторҳои қудратӣ ва тақвияти қонунгузорӣ вобастагии мустақим дорад. Бо дарназардошти тамоюли афзоиши миқёсу мураккабии ҷинояткорӣ

(масалан дар соли 2024 он ба 22315 расид), ки ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонад, зарурати таҳияи сиёсати мақсадноки давлатӣ барои таҳкими иқтидори ҳимоявии давлат, ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ ва таъмини суботу оромии ҷомеа ногузир мегардад. Дар ин раванд, зарурати такмил додани ҳам сиёсат ва ҳам механизмҳои ҳуқуқии мубориза бо ҷинояткорӣ, вусъат бахшидани ҳамкории байналмилалӣ ва ҷалби захираҳои илмӣ-технологӣ ба сифати омилҳои асосии таъмини амнияти миллӣ ба миён меояд.

« ... Дар докринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳо вобаста ба он, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо моли миллӣ мебошад, яъне ҳар як давлат дорои ҳуқуқи ҷиноятии худ аст, ба талаботи замони нав ҷавобгӯ намебошад, зеро бо инкишофи раванди ҷаҳонишавӣ муносибатҳои ҷамъиятии наве пайдо шуданд, ки фарогири ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият, ҷинояткории фаромиллӣ дар шаклҳои муомилоти ғайриқонунии молу мулк, силоҳ, маводди мухаддир, хариду фурӯши одамон, предметҳои мероси фарҳангӣ, коррупсияи бонизом, ҷиноятҳои киберӣ ва монанди инҳо мебошад. Чунин равандҳо сабаби татбиқи усулҳои нави ҳуқуқи ҷиноятӣ гардиданд» [185, с. 29].

«...Усусли муқоисавӣ-ҳуқуқии таҳқиқот ҷиҳати муқаррар намудани сохти иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ҷиноят ва ғ. ҳамчун унсури объективии ҳақиқият ҷой доранд ва дар ҷамъият функсияҳои мауйянро иҷро мекунанд» [145, с. 34], ки баҳри таъмини амнияти шахс, ҷамъият, давлат ва тартиботи ҳуқуқии ҷаҳонӣ равона гардидаанд. Ҳамин тавр, истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки ба таври мушаххас қонунмандии пайдоиши манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳастӣ ва татбиқи он, оянддаи инкишоф ва мукаммал кардани он муайян карда шавад» [218, с. 463].

«...Илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ таҷрибаи бисёреро дар татбиқи ин гуна метод андӯхтааст. Вале гузариш ба ғояҳои арзишноки умумибашарӣ дар соҳаи ҳуқуки ҷиноятӣ бознигарии вазифаҳоеро дар назар дорад, ки дар назди муҳаққиқон ҳангоми истифодаи ин равиш меистанд, зеро вазифаи қаблии ҳизбӣ-ғоявии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ имкони потенсиалии равиши номбурдаро ба таври ҷиддӣ маҳдуд намуда, асосан онро бо фош кардани назарияи реаксионии ҳуқуқи ҷиноятии

буржуазӣ ва моҳияти реаксионӣ доштани худи қонунгузории ҷиноятии буржуазӣ алоқаманд менамуд. Дар ин ҷода дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ кушоду равшан ба «зиёдатӣ» даст задан ё аз ҳад гузаштан роҳ дода шудааст. Танқид меъёри воқеъбинонаи худро аз даст дода, худи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ табиатан аз чунин муносибат бисёр хислатҳоро гум кардааст» [167, с. 101-109].

«...Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ усуле мебошад, ки иҷрои вазифаҳои зерро дар бар мегирад: а) муайян кардани ҳолати номаълум бо роҳи муқоисаи он бо омилҳои маъмул; б) муайян кардани сифат ё хосиятҳои зуҳурот бо роҳи муқоисаи он бо дигар сифатҳо ё хосиятҳои ҳамин зуҳурот ё сифатҳо ё хосиятҳои зуҳуроти дигар; в) муқаррар кардани қонунмандиҳо бо роҳи муқоисаи объектҳо дар замонҳои гуногун, муқоисаи сифати онҳо дар гузашта бо ҳамон сифатҳо дар ҳолати кунунӣ, барои муайян кардани тағйирот ё тамоюлҳои инкишоф» [167, с 105]. Дар қонуни ҷиноятии муосир усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба яке аз методҳои пешрафта ва универсалии низоми пойгоҳи методологии таҳқиқоти илмӣ табдил меёбад, ки ба муқоисаи низоми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ бо низоми ҳуқуқи ҷиноятии миллии ҳар як давлати мушаххас имкон медиҳад. Ҳамин тавр, методи мазкур самтҳои истифодаи таҷрибаи хориҷии ҳуқуқшиносиро оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ пешниҳод мекунад [234]. Дар марҳалаи кунунии рушди ҷаҳонӣ, ки бо шиддат гирифтани рақобатҳои геополитикӣ, ҷараёнҳои глобалӣ ва таҳдидҳои мураккаб тавсиф меёбад, таъмини амнияти миллӣ ба унсури асосии сиёсати давлатии ҳар як кишвари соҳибихтиёр мубаддал гардидааст. Амнияти миллӣ, ки маҷмӯи чораҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва низомиро дар бар мегирад, пеш аз ҳама ба ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷомеа ва давлат равона шудааст. Дар ин замина, таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар ва таъмини амнияти иқтисодӣ, ки зери таъсири омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ қарор доранд, вазифаи устувор ва доимии давлат маҳсуб меёбад.

Дар ҳамин радиф, тахрибкорӣ ҳамчун як шакли хатарноки ҷиноят, ки ба пояҳои асосии давлатдории муосир, амнияти иқтисодӣ, мудофиавӣ, сиёсии дохилӣ ва суботи иҷтимоӣ осеб мерасонад, бояд ҳамчун ҷинояти махсусан вазнин дар низоми ҳуқуқии ҳар давлат мавриди танзими дақиқ қарор гирад. Амали тахрибкорона, ки метавонад

аз ҷониби шахсони воқеӣ, гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил ё бо тахрики нерӯҳои хориҷӣ амалӣ гардад, на танҳо ба объектҳои муҳими давлатӣ ва зерсохторҳои стратегӣ, балки ба эҳсоси боварӣ ва суботи ҷомеа таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Дар ин замина, таҳқиқи муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои содир кардани ҷинояти тахрибкорӣ аҳаммияти илмию амалии зиёд дорад. Чунин таҳқиқот ба таври мушаххас имкон медиҳад, ки ҳолатҳои самараноки ҳуқуқии давлатҳои пешрафта дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ ва мубориза бо ҷинояти тахрибкорона истифода гардида, дар асоси он тағйиру иловаҳои зарурӣ ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ ворид карда шаванд.

Таҷдиди таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷии дорои низоми мукаммали ҳуқуқӣ ва сиёсати ҷиноятӣ дар самти ҳифзи амнияти миллӣ, аз ҷумла мубориза бо тахрибкорӣ, ба сифати як воситаи муҳим дар такмил ва ҳамгунсозии қонунгузории ҷиноятии ҶТ бо стандартҳои байналмилалӣ арзёбӣ мегардад. Ин раванд на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии мубориза бо таҳдидҳои муосир мусоидат мекунад, балки имконият фароҳам меорад, ки механизмҳои ҳифзи сохти конститутсионӣ ва суботи ҷамъиятӣ бо назардошти таҳаввулоти ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои ҳуқуқбунёд таҳким ёбанд.

Ба андешаи ҳуқуқшиноси маъруф М. Ансел, «таҳлили низоми қонунгузории давлатҳои дигар ба ҳуқуқшиносон имкон медиҳад, ки бо диди васеъ ва муқоисавӣ ба таҳлили ҳуқуқи миллӣ пардозанд, зеро зоҳир шудани хусусиятҳои хоси низоми миллии ҳуқуқ танҳо дар муқоиса бо дигар низомҳо, аз ҷумла низомҳои романо-германӣ, англосаксони ва ҳуқуқи исломӣ, имконпазир мегардад. Ин андеша барои кишварҳое мисли ҶТ, ки дар марҳалаи таҳкими пояҳои давлатдории ҳуқуқбунёд қарор дорад, аҳаммияти назаррас дорад» [147, с. 38].

Ҷинояти тахрибкорӣ дар қонунгузории аксари кишварҳои ҷаҳон ба ҳайси ҷинояти махсусан вазнин эътироф гардида, дорои таҳдиди воқеӣ ба амнияти давлат, суботи иҷтимоӣ ва фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар ҳамин ҳол, таҳлили моддаҳои дахлдори қонунҳои ҷиноятии кишварҳои гуногун, аз ҷумла Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва ғайра нишон медиҳад, ки муҳтавои диспозитсияҳои ба тахрибкорӣ марбут, аз рӯйи хусусиятҳои

объективӣ, тарзи содиршавӣ ва оқибатҳои баамаломада, фарқиятҳои назаррас доранд.

Дар баъзе давлатҳо, тахрибкорӣ ҳамчун ҷинояти алоҳида бо унсурҳои вижа, аз қабили тахриби иншооти ҳарбӣ, зерсохторҳои муҳим, ҳамла ба амнияти энергетикӣ ё иттилоотӣ, терроризми иқтисодӣ ва дигар шаклҳои таҳдидкунанда бандубаст карда шудааст. Масалан, дар қонунгузории ИМА, тахрибкорӣ (sabotage) на танҳо ба шаклҳои физикии тахриб, балки ба шаклҳои киберӣ ва иттилоотии он низ фаро гирифта мешавад. Дар КҶ Федератсияи Русия бошад, тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноятe, ки метавонад амнияти давлатро заиф намояд ифода гардидааст. Ин фарқиятҳо дар назари аввал мураккаб менамоянд, вале маҳз ҳамин гуногунрангӣ ва таҷрибаи танзими ҳарҷонибаи масъала дар кишварҳои гуногун ба муҳаққиқон ва қонунгузорони тоҷик имконият медиҳанд, ки бо дарназардошти шароити миллии хеш, намунаҳои муассири танзими ҳуқуқиро интихоб ва ба қонунгузории ҷиноятии кишвар ворид созанд. Ин раванд, бешубҳа, ба такмили сиёсати зиддитахрибкорӣ, таъмини устувории сохтори давлатӣ ва таҳкими амнияти миллӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад ки меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои тахрибкорӣ пешбинӣ менамоянд ба ду гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) Гуруҳи якумро меъёрҳое ташкил медиҳанд, ки ба монанди ҶТ махсусан ҷавобгариро барои тахрибкорӣ пешбинӣ менамоянд. Ба ин гуруҳ дар қонунгузории ҷиноятии чунин давлатҳои узви ИДМ Ҷумҳурии Беларус (м. 306 ) [21], Қазоқистон (м. 184) [23], Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон (м. 282.1.) [19], Арманистон (м. 303) [20], Молдова (м. 343) [24], Туркманистон (м. 173) [27], Федератсияи Русия (м. 281) [26], Украина (м. 258) [28], Ӯзбекистон (м. 161) [25] дохил мебошанд.

Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар шароити пасошӯравӣ бо мақсади муттаҳидсозии механизмҳои ҳуқуқии муқовимат ба таҳдидҳои умумии амниятӣ, аз ҷумла тахрибкорӣ, зери таъсири Кодекси намунавии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ташаккул ёфтааст. Маҳз ҳамин санади моделӣ ба сифати заминаи асосии ҳуқуқии ҳамгироии кишварҳои ИДМ дар бахши сиёсат ва ҳуқуқи ҷиноятӣ хизмат намуда, ба тақвияти ҳамсонсозии меъёрҳои

асосии мубориза бар зидди ҷиноятҳои ба амнияти давлатӣ таҳдидкунанда мусоидат намудааст. Яке аз хусусиятҳои муҳими умумие, ки дар қонунгузории ҷиноятии ин кишварҳо мушоҳида мешавад, эътирофи ягонагии объекти тахрибкорӣ мебошад. Дар аксари кишварҳои ИДМ, объекти асосии ҷинояти тахрибкорӣ, муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки ҳифзи муътадили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатиро таъмин менамоянд. Ин муносибатҳо ҳамчун пояи суботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ва давлат эътироф шуда, мавриди ҳифзи ҷиддии қонуни ҷиноятӣ қарор доранд.

Монандии мавқеи қонунгузорони кишварҳои ИДМ дар муайянсозии объекти тахрибкорӣ аз як тараф, натиҷаи муштаракоти таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ мебошад, ва аз ҷониби дигар, ба таври бевосита ба унификатсияи (ягонасозии) меъёрҳои ҳуқуқии мубориза бо ҷинояткорӣ, ки тавассути Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ ба роҳ монда шудааст, иртибот дорад. Ин санад, ки соли 1996 бо мақсади мусоидат ба таҳияи қонунгузории миллӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ қабул гардида буд, принсипҳо ва категорияҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятиро муайян карда, барои ҳамоҳангсозии равишҳои миллии мубориза бо ҷиноятҳои хавфнок, аз ҷумла тахрибкорӣ, замина гузошт. Дар маҷмӯъ, чунин наздикшавии методологӣ ва ҳуқуқӣ дар таҳияи моддаҳои ҷиноятии марбут ба тахрибкорӣ, аз як ҷониб, ба таҳкими суботи дохилии ҳар як кишвари узв, ва аз ҷониби дигар, ба тақвияти механизми амниятии минтақавӣ мусоидат мекунад. Дар шароити афзоиши хатарҳои фаромиллӣ, аз қабили терроризм, киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ, чунин ҳамоҳангсозӣ аҳамияти стратегии минтақавӣ пайдо мекунад.

Таҳлили муқоисавии диспозитсияи моддаҳои дахлдори қонунҳои ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ, бахусус давлатҳои узви ИДМ, нишон медиҳад, ки тарафи объективии ҷинояти тахрибкорӣ дар ин қонунҳо маҷмӯи васеи амалҳоро фаро мегирад. Ба ин амалҳо метавонанд дохил шаванд: таркондан, сӯзондан, тахриб кардан, заҳролудсозии обу озуқаворӣ, заифсозии системаи мудофиавӣ ва энергетикӣ, амалҳои диверсионӣ дар инфрасохтори муҳими давлатӣ, ва ғайра. Чунин паҳншавии диспозитсионӣ натиҷаи устувор шудани модели умумии танзими ин ҷиноят дар асоси КНҶ ИДМ мебошад. Маҳз ин санад, ки соли 1996 бо мақсади ҳалли

мушкилоти ҳамгунсозии сиёсати ҷиноятӣ қабул гардида буд, дар ташаккули тарзи таҳияи аломатҳои объективии тахрибкорӣ нақши калидӣ бозидааст.

Дар асоси КНҶ ИДМ, қоидаи куллӣ барои ин навъи ҷиноятҳои зидди давлат аз он иборат аст, ки тарафи объективӣ бояд ҳомили нишонаҳои хатарноктарин ва таъсиргузортарин амалҳое бошад, ки боиси заифсозии қобилияти муҳофизавии давлат ва халалдоршавии амнияти ҷамъиятӣ мегарданд. Ин принсип дар аксари қонунгузориҳои миллии кишварҳои ИДМ ҷойгир шуда, бо вуҷуди баъзе фарқиятҳо дар ташреҳи муфассал, тахти як мантиқи умумии таҳия ва татбиқ қарор гирифтааст. Ҳамин тариқ, монандиҳои тарафи объективии тахрибкорӣ дар кишварҳои ИДМ аз як модели муштарак сарчашма гирифтаанд, ки тавассути мутобиқсозӣ ва такмили меъёрҳо дар заминаи воқеияти ҳуқуқии ҳар як давлат ба низоми ҳуқуқии онҳо ворид шудааст. Аз ин лиҳоз, ҳангоми таҳлили қонунгузории ҷиноятии ин кишварҳо мушоҳида мешавад, ки ҳар як амал, ки бо мақсади заиф кардани амнияти давлатӣ ва халалдор кардани фаъолияти мӯътадили сохторҳои стратегӣ анҷом дода мешавад, ҳамчун унсури тарафҳои объективии тахрибкорӣ эътироф мегардад.

Таҳлили кодекси ҷиноятии кишварҳои ИДМ, ки ҷавобгариро барои тахрибкорӣ пешбинӣ мекунанд, нишон медиҳад, ки мавқеи онҳо дар тавсифи тарафи объективии тахрибкорӣ мувофиқат мекунад. Ин шабоҳат, тавре ки дар боло гуфтем ба муттаҳидсозии м. 297 -и Кодекси ҷиноятии намунавии кишварҳои ИДМ алоқаманд аст. Масалан, м. 281 КҶ ФР ба тарафи объективии тахрибкорӣ дохил менамояд: «Бо мақсади ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ФР, содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот, иншооти нақлиётӣ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ равона шудааст» [26].

Моддаи 360 КҶ Беларус ба тарафи объективии тахрибкорӣ дохил менамояд: «Бо мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Буларус, содир кардани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки хавфи марги одамон, ба онҳо расонидани осеби ҷисмонӣ, нобуд ё вайрон кардани биноҳо, иншоот, воситаҳои алоқа, роҳҳо ё дигар амволро ба вуҷуд меорад» [21].

Ба ҳамин монанд м.309 КҶ ҶТ тарафи объективии ин ҷиноятро муайян намудааст «Бо мақсади ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ, содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаю иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ равона шудааст» [5, с. 488].

Бояд зикр намуд, ки новобаста ба монандии тарафи объективии ин ҷиноят дар кодексҳои ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ, тахрибкорӣ дар диспозитисияи баъзе кодексҳои давлатҳои узви ИДМ ба таври дигар муайян карда шудааст. Ҳамин тавр, дар м. 113 КҶ Ҷумҳурии Украина тахрибкорӣ ба таври зер муқаррар карда шудааст: « ... Содир кардани таркиш, сӯхтор ё дигар амалҳое, ки ба куштори оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё дигар зарар ба саломатии онҳо, несту нобуд кардани ашёи дорои аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ дошта, инчунин бо ҳамин ҳадаф содир намудани чунин амалҳо бо мақсади заҳролудии радиоактивӣ ва оммавӣ, паҳн кардани эпидемия, эпизоотия ё эпифитотиҳо нигаронида шудааст» [28]. Ба ҳамин монанд тахрибкорӣ дар кодексҳои Арманистон, Озарбойҷон, Молдова муқаррар карда шудааст. Тафовути асосии кодексҳои мазкур аз КҶ ҶТ дар он аст, ки дар онҳо ба тарафи объективии ин ҷиноят, инчунин кирдорҳои зерин, ба монандӣ: – заҳролудии радиоактивӣ ва оммавӣ, паҳн кардани эпидемия, эпизоотия ё эпифитотияҳо дохил мешавад. Чунин муқаррарот дар КҶ ҶТ пешбинӣ нагардидааст ва муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои чунин кирдорҳо дар КҶ ҶТ амали саривақтӣ ва зарурӣ мебошад. ҶТ чунин таҷрибаро дар замони Шӯравӣ дошт. Ҳамин тавр, дар асоси усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва принсипи таърихият мо метавонем онро дубора эҳё намоем ва дар КҶ амалкунанда криминализатсия намоем.

2) Ба гурӯҳи дуюми қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ аз ҷумла, Ҷумҳурии Қирғизистон, ки меъёри махсусро оид ба тахрибкорӣ пешбинӣ намекунад, ки ҷавобгариро барои он муқаррар намояд. Қонунгузории ҷиноятии ин мамлакат истилоҳи «тахрибкорӣ»-ро истифода намебарад.

Тавре ки дар диспозитсияҳои дар боло зикршудаи кишварҳои узви ИДМ дида мешавад, ҳар кадоми онҳо низоми муайяни тавсифӣ доранд, аммо диспозитсияи

аксари онҳо дорои усулҳои шабеҳи тахрибкорӣ, яъне содир кардани таркиш, сӯхтор ё амалҳои дигар мебошад.

Илова бар ин, бояд гуфт намуд, ки дар меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Арманистон, инчунин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайронкорӣ, ки ба тахрибкорӣ монанд мебошад, пешбинӣ менамояд, ки дар дигар КҶ кишварҳои ИДМ ҷой надорад. Ҳамин тавр, дар асоси қ. 1 м. 304 -и КҶ Арманистон тахрибкорӣ амал ё беамалие мебошад, ки ба вайрон кардани фаъолияти саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, низоми асъор, савдо ё дигар бахшҳои иқтисод, инчунин ташкилотҳо ё мақомоти давлатӣ бо мақсади заиф намудани давлат, агар ин амалҳо тавассути истифодаи ташкилотҳо ва муасисаҳо ё расонидани халал ба фаъолияти муътадили онҳо содир шуда бошанд» [20]. Мавриди зикр аст, ки чунин модда дар КҶ ИҶШС соли 1926 ва дигар КҶ минбаъд қабулгардида дар баробари тахрибкорӣ пешбинӣ карда шуда буд [43, с. 462].

Ягона унсури таркибии тахрибкорӣ, ки ба аксари қонунгузорони кишварҳои ИДМ мувофиқ меояд, тарафи субъективии ин ҷиноят мебошад. Бояд зикр намуд, ки хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти баррасишаванда қасдона содир гардидани он мебошад. Барқасдона содир гаридани ҷинояти мазкур маънои онро дорад, ки шахс хавфи ҷамъиятии амалҳои худро, ки дар диспозитсияи моддаи КҶ, ки ҷавобгариро пешбинӣ кардааст, дарк менамояд ва мехоҳад, ки чунин амалҳо содир карда шаванд.

Таҳлили муқоисавии моддаҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ дар мавриди ҷинояти тахрибкорӣ нишон медиҳад, ки тарафи субъективии ин ҷиноят бо нишонаҳои муштарак муайян карда шудааст. Дар аксари кишварҳои ИДМ, мақсади махсус ҳамчун аломати ҳатмии тарафҳои субъективии тахрибкорӣ эътироф мешавад ва он дар матни диспозитсияҳои моддаҳои дахлдор мустақиман дарҷ ёфтааст. Маҳз ин мақсад, яъне иродаи пешакии ҷинояткор барои расонидани осеб ба амнияти давлат, ҷинояти тахрибкориро аз дигар ҷиноятҳои зидди амнияти ҷамъиятӣ, мудофиаи миллӣ ва низоми давлатӣ фарқ мегардонад. Тибқи КНҶ ИДМ, мавҷудияти мақсади махсус барои заиф кардани давлат ё халалдор сохтани қобилияти мудофиавии он, ҷузъи таркибии тарафи субъективии ин ҷиноят мебошад.

1. Мақсадҳои содиркунии тахрибкорӣ дар кишварҳои ИДМ:

а) Ҷумҳурии Арманистон: «мақсади заиф намудани давлат» ҳамчун аломати ҳатмии субъективӣ пешбинӣ шудааст;

б) Федератсияи Россия, Озарбойҷон, Белоруссия, Қазоқистон, Молдова: «мақсади ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлат» ба сифати асоси маънавии ташкили тахрибкорӣ баён гардидааст;

в) ҶТ (м. 309 КҶ ҶТ): «мақсади заифсозии амнияти иқтисодӣ, мудофиавӣ ва сиёсӣ» дар қисматҳои 1 ва 2 мустақиман зикр мешавад.

2. Субъекти тахрибкорӣ дар кишварҳои ИДМ:

Қонунгузории кишварҳои ИДМ дар масъалаи субъекти ҷиноят низ ба ҳам наздик буда, тахрибкориро ҳамчун ҷинояти махсусан вазнин эътироф намуда, ҷавобгариро аз синни 14-солагӣ муқаррар кардаанд. Ин масъала дар моддаҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятии Озарбойҷон (м. 219), Қазоқистон (м. 191), Украина (м. 113) муқаррар шудааст ва аз мавқеи қонунгузорони кишварҳои мазкур дар бораи хатарнокии иҷтимоии ин ҷиноят шаҳодат медиҳад. Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз синни 14-солагӣ нишон медиҳад, ки қонунгузорони ин кишварҳо ба нақши эҳтимолии ноболиғон дар чунин амалҳо ба таври ҷиддӣ нигоҳ мекунанд.

Ҳамин тариқ, тарафи субъективии тахрибкорӣ дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ на танҳо бо аломати қасдонагӣ, балки бо зарурати мавҷудияти мақсади махсуси душманона алоқаманд аст, ки он ҳамчун аломати ҳатмӣ ва ташаккулдиҳандаи таркиби ин ҷиноят дар ҳамаи моддаҳои дахлдор таъкид ёфтааст. Илова бар ин, муайян кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сатҳи пасттар (14-сола) нишон медиҳад, ки қонунгузорон дар муқобили ин таҳдид мавқеи устувори дифференсиалӣ ва муҳофизакорона доранд.

Дар доираи таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, мушоҳида мегардад, ки бо вуҷуди шабоҳати назарраси таркиби ҷинояти тахрибкорӣ дар аксари ин кишварҳо, фарқиятҳои ҳуқуқии муҳиме дар муайянсозии синни ҷавобгарӣ, аломатҳои субъективӣ ва бандубастшавандаи (яъне вазнинкунанда ва махсусвазнинкунанда) мавҷуданд, ки ҳар кадоми онҳо хусусияти ҳуқуқи миллии кишварро инъикос менамояд.

1. Фарқият дар муайянсозии субъекти тахрибкорӣ, ҳарчанд дар кишварҳои Озарбойҷон, Қазоқистон ва Украина ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз синни 14-солагӣ оғоз мегардад, аммо дар як қатор кишварҳои дигар, ба монанди Арманистон, Белоруссия, Молдова, Туркманистон ва Ӯзбекистон, ҷавобгарӣ барои ин ҷиноят танҳо аз синни 16-солагӣ муқаррар шудааст. Ин фарқият шояд ба сиёсати ҷиноятии эҳтиёткоронаи ин кишварҳо нисбати ноболиғон алоқаманд бошад ва ҳамзамон эҳтимолан дараҷаи хатарнокии ҷиноятро нисбат ба сохтори қонунии давлатӣ дар ин кишварҳо ба таври дигар арзёбӣ менамояд.

2. Аломатҳои бандубастшавандаи (махсусан вазнинкунанда) ҷинояти тахрибкорӣ, муқоисаи диспозитсияҳои моддаҳои дахлдори КҶ кишварҳои ИДМ нишон медиҳад, ки таркиби тахрибкорӣ дар ин кодексҳо аксар вақт дорои шакли оддӣ ва шаклҳои вазниншуда мебошад, ки дар онҳо нишонаҳои иловаии ҷиноят, ки вазнинтар кардани ҷавобгариро асос медиҳанд, дарҷ гардидаанд. Ин нишонаҳо, ки ҳамчун аломатҳои бандубастшванда амал мекунанд, бо истифода аз КНҶ ИДМ (1996) таҳия шудаанд ва дар шакли модификасияшуда дар қонунгузории миллии ҳар як давлат татбиқ гардидаанд.

Ба аломатҳои вазнинкунанда ё махсусан вазнинкунанда метавонанд инҳо дохил шаванд: содир кардани тахрибкорӣ аз тарафи гурӯҳи муташаккил; содиркунӣ бо истифодаи маводи тарканда, радиокимиёвӣ, биологӣ ва дигар воситаҳои хавфнок; амалҳое, ки ба марги одамон, осеби вазнини ҷисмонӣ, фалаҷ шудани фаъолияти объектҳои муҳими давлатӣ, ё муҳити зист оварда мерасонанд; иҷрои ҷиноят бо дастгирии кишвари хориҷӣ ё манбаи маблағгузории хориҷӣ; тахрибкорӣ бо ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ ё динӣ.

Дар баъзе кишварҳо, мисли Федератсияи Русия (м. 281 КҶ ФР), Украина (м.113), ва Қазоқистон (м. 191), ҳамаи шаклҳои вазниншудаи ин ҷиноят ба таври возеҳ дар модда дарҷ гардидаанд ва ба ҳар кадом аз онҳо муҷозоти алоҳида муайян карда шудааст.

Бо вуҷуди шабоҳати формалӣ, тафовути воқеӣ дар унсурҳои танзими тахрибкорӣ дар кишварҳои ИДМ аз мавқеи қонунгузорони онҳо нисбати хатарнокии сиёсии ҷиноят ва фарҳанги ҳуқуқии миллиашон шаҳодат медиҳад. Чунин фарқиятҳо

барои таҳқиқи илмии муқоисавӣ арзишманд буда, имконият медиҳанд, ки кишварҳо аз таҷрибаи ҳуқуқии якдигар истифода намоянд ва қонунгузории худро дар посух ба таҳдидҳои нав ба таври муассир такмил диҳанд.

Дар КҶ як идда давлатҳои ИДМ аз рӯйи сохти таркибӣ тахрибкорӣ ҳамчун ҷинояти расмӣ эътироф гардидааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ин маврид барои содир намудани як ё якчанд амали дар моддаҳои КҶ ин давлатҳо пешбинишуда сурат мегирад. КҶ давлатҳои баррасишаванда аломатҳои гуногуни бандубастшавандаро пешбинӣ намудаанд. Ҳамин тавр КҶ Федератсияи Русия се ҳолати бандубастшавандаро пешбинӣ намудааст: 1. содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гуруҳи муташаккил; 2) сабаби зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин гардидани тахрибкорӣ; 3) қасдан ба марг расонидани инсон. Аммо дар тафовут аз КҶ Федератсияи Русия, КҶ ҶТ дигар ҳолатҳои бандубастшавандаро пешбинӣ намудааст: такроран содир намудани ҷиноят; аз ҷониби гуруҳи муташаккил содир гардидани тахрибкорӣ. Дар робита ба ин тафсилоти аломатҳои бандубастшавандаи КҶ Федератсияи Русия нисбат ба дигар кодексҳои давлатҳои узви ИДМ ба назари мо такмилёфта мебошад.

Яке аз аломатҳои бандубастшаванда, ки дар боло ёдоварӣ намудем ва он дар бештар КҶ кишварҳои ИДМ муқаррар шудааст, содир кардани тахрибкорӣ дар шаклҳои гуногуни шарикӣ аз ҷумла, аз ҷониби гуруҳи муташаккил мебошад. Илова бар ин, тахрибкорӣ дар қаламрави кишварҳои узви ИДМ асосан аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки КҶ Ҷумҳуриҳои Қазокистон, Ӯзбекистон, Молдова, Озарбойҷон, Арманистон, Украина аломатҳои бундубастшвандаи таҳрибкориро пешбинӣ намекунанд.

Дар байни давлатҳои узви ИДМ соли 2022 дар КҶ ҶТ таҳавуллоти ҳуқуқӣ дар самти тахрибкорӣ ба назар мерасад. Бо Қонуни федералии таҳти № 586-ФЗ аз 29 декабри соли 2022 ба КҶ ФР таркибҳои нав, ки бевосита бо тахрибкорӣ алоқамананданд, ба монандӣ м. 281.1 мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, м. 281.2 гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва м. 281.3 ташкили гуруҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ва иштирок дар он ворид карда шуд.

Дар асоси қ.1 м. 281.1 КҶ ФР мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона ин «Барои ба содир намудани ҳадди ақалл яке аз кирдорҳои дар м. 281 КҶ ФР пешбинигардида моил намудани шахс, одамчидагирӣ ё ба таври дигар ҷалб намудани шахс, бо мақсади содир намудани ҷиноятҳои зикршуда мусаллаҳ (*бо яроқ К.А.)* кардан ё таълим додани шахс, инчунин маблағгузории тахрибкорӣ» фаҳмида мешавад. Дар қ. 2 м. 281.1 КҶ ФР барои аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматиаш содир кирдорҳои пешбининамудаи қисми якуми м. 281.1 КҶ ФР, дар қ. 3 барои мусоидат кардан ба содир намудани ҳадди ақалл яке аз ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 281 КҶ ФР ва дар қ. 4 барои ташкили ҳадди ақалл як ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ФР ё роҳбарӣ ба содир намудани онҳо, инчунин ташкили маблағгузории тахрибкорӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст [26].

Дар м. 281.2 КҶ ФР, ки гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ном дорад, ҷавобгарии ҷиноятиро барои аз ҷониби шахс гирифтани таълимот, дидаву дониста барои таълимгиранда, ки бо мақсади анҷом додани фаъолияти тахрибкорӣ ё содир намудани ҳадди ақал яке аз ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 281 КҶ ФР, аз ҷумла гирифтани дониш, малака ва маҳорати амалӣ дар рафти таълими омодагии ҷисмонӣ ва равонӣ, ҳангоми омӯзиши усулҳои содир намудани ин ҷиноятҳо, қоидаҳои муносибат бо ярақ, таҷҳизоти тарканда, инчунин бо маводи тарканда, заҳролудкунанда, ҳамчунин дигар моддаҳо ва предметҳое, ки барои атрофиён хатар эҷод мекунад, муқарар намудааст.

Дар м. 281.3 КҶ ФР ташкили гуруҳи (иттиҳоди) тахрибкорӣ ном дорад, ҷавобгарии ҷиноятиро барои ташкили гуруҳи тахрибкорӣ, яъне гуруҳи устувори шахсоне, ки бо мақсади анҷом додани фаъолияти тахрибкорона ё омода кардан ё содир кардани як ё якчанд ҷиноятҳои дар м. 281 КҶ ФР пешбинишуда ё ҷиноятҳои дигар бо мақсади таблиғ, сафед ё дастгирии тахрибкорӣ пешакӣ муттаҳид шудаанд, инчунин роҳбарӣ ба чунин иттиҳодҳо, зерсохторҳои он ё қисмҳои таркбие, ки ба ин иттиҳод таалуқ дорад, муқаррар намудааст. Дар қ. 2 м. 281.3 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои иштирок дар иттиҳодӣ тахрибкорӣ пешбинӣ гардидааст.

Таҷрибаи КҶ ФР барои мукаммалнамудани КҶ ҶТ намунаи хубе мебошад. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки бештари кирдорҳое, ки бо тахрибкорӣ алоқаи

ногусастатнӣ доранд, то ҳол дар КҶ ҶТ криминализатсия карда нашудаанд. Ба монанди гирифтани таълимоти диверсионӣ (тахрибкорона), иштирок дар гурӯҳи тахрибкорӣ, ташкили гурӯҳи (иттиҳоди) тахрибкорона.

*Масалан, гирифтани таълими тахрибкорона аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористӣ-экстремистии Ҳизби наҳзати ислом (ТТЭ ҲНИ) бештар ба назар мерасад. Гузашти марҳилаҳо ва ба вуҷуд омадани воқеаву рӯйдоди нав дар кишвар ва хориҷи дуру наздик нишон медиҳад, ки ташкилоти террористӣ-экстремистии Ҳизби наҳзати ислом (ТТЭ ҲНИ) ба таври комил дастпарвардаву дастнишондаи бегонагон буда, ҳадафи ягонаи он шикасти тафаккури миллии мардуми Тоҷикистон, барҳам задани истиқлолияти сиёсӣ ва ба таври комил гирифтори афкори мазҳабию ғайримиллӣ намудани мардуми фарҳангсолору шарафманди тоҷик мебошад. Боздошти шахсиятҳо ва собиқадорони аршади ин ҳизби миллаткуш ин калому даъвии моро собит месозад, ки ин афрод дар макотиби мазҳабии хориҷӣ тамриноти динию низомӣ ва диверсионӣ гирифта, усулҳои таблиғу ташвиқ, суханварию гӯлзании мардум, тирпарронию куштор, тарконидану сӯзонидан ва дар умум тамоми аносири террору қатл ва дигар нозукиҳои муборизаҳои идеологию низомиро аз худ намуда, барои иҷрои аҳдофи барномарезишуда дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамҷавор корҳо намудаанд* [230].

*Мисоли амалии дигар, 29 июли соли 2018, тахминан соати 15:30-дақиқа, гурӯҳи мусаллаҳи ҷинояткорон бо автомашинаи тамғаи «Леганзе», рақами қайди давлатиаш 74-98 ВН 03 дар шоҳроҳи Кӯлоб – Душанбе дар ҳудуди деҳаи Сафобахши ҷамоати деҳоти Оқсуи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон (дар км 81) бо суръати баланд ба 7 нафар сайёҳони хориҷӣ – шаҳрвандони Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Швейцария, Нидерландия ва Франсия, ки бо воситаи велосипедҳо аз самти Кӯлоб ба самти шаҳри Душанбе ҳаракат менамуданд, ҳуҷум карданд. Пас аз онҳоро зада, аз по афтонидан, бо мақсади куштан бо олотҳои халандаю бурранда аз қабили кордҳои калон ва табарҳо ба узвҳои ҳаётан муҳими сайёҳон зада, ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ расонида, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд. Ҷинояткоронро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зуд дастгир намуданд. Ҳангоми пурсиш дастгиршуда А.Ҳ.А. тасдиқ кард, ки ӯ роҳбари гурӯҳи муташаккили ҷиноятии мазкур мебошад. Аз нишондоди А.Ҳ.А.*

*бармеояд, ки номбурда дар солҳои 2014-2015 чор маротиба ба шаҳрҳои Қум ва Мозандарони Ҷумҳурии Исломии Эрон рафта, таълими идеологӣ, ҳарбӣ-диверсионӣ гирифта, дар он ҷо бо аъзои фаъоли ташкилоти террористӣ ва экстремистии Ҳизби наҳзати ислом, ҷинояткори дар ҷустуҷӯ қарордошта У.Н.А. бо тахаллуси «Қорӣ-Носир» вохӯрӣ намуда, бо роҳи додани байъат ба Ҳизби экстремистии наҳзати Ислом шомил гардидааст* [227].

*Мисоли дигари гирифтани таълимӣ диверсиониро мо дар ҳаракатҳои баъзе аз аъзоёни ташкилоти террористӣ-экстремистии Ҳизби наҳзати ислом (ТТЭ ҲНИ) дида метавонем. Масалан, Абдуқодир Абдуллоев, мулаққаб ба «Рустами Норакӣ», Тағоймурод Ашрапов, мулаққаб ба «Алӣ» ва Саймуҳриддин Қудратов, мулаққаб ба «Авлиё» ва «Эшон» дар барномаи телевизионӣ сареҳан иқрор карданд, ки қатли низомиёни дивизияи 201-и Русия ва куштори шахсиятҳои варзидаи сиёсӣ, илмӣ, адабӣ, динӣ ва фарҳангии тоҷик, назири Сафаралӣ Кенҷаев, Отахон Латифӣ, Муҳаммад Осимӣ, Юсуф Исҳоқӣ, Карим Юлдо-шев, Минҳоҷ Ғуломов, Сайф Афардӣ, муфтии собиқ Фатҳуллохон Шарифзодаро бо супориши Ҳизби наҳзати исломӣ ва узви он Ҳоҷӣ Ҳалим ва «бо дастури Эрон» анҷом медоданд. Дар натиҷаи корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ташхисӣ- тафтишотӣ масъулини ҷараёни тафтиши қазия ба натиҷае расиданд, ки омилони аслии ама-лиёти террористии солҳои навадуми асри бист Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва пуштибо-ни аслии он мақомоти марбутаи ҶИЭ буда, дар созмон ёфтани гуруҳҳои махсуси диверсионӣ ва ҳаросафканӣ нақши калидӣ доштаанд. Таълимоти лозимаи диверсионӣ-тахрибкорӣ ва дар айни замон тадриси динӣ-мазҳабӣ гириф-тани гумонбаршудагони қазияи солҳои навадуми асри гузашта дар минтақаҳои Эрон ин нукта-ро тақвият медиҳад, ки Ҳизби наҳзати исломӣ, дарвоқеъ, хостори бо роҳи зурӣ сари қудрат ра-сидан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, сарварон ва ҳомиёни пружаи наҳзатӣ ҷиҳати роҳандозӣ намудани барномаи муназзами тарҳрезишуда давра ба давра ва марҳила ба марҳила (дар таъбири раҳбари фирории наҳзатӣ М. Кабирӣ, «қадам ба қадам») саъю кӯшиш намуданд* [238].

Мафҳуми “ташкили таълим ва гирифтани таълим хусусияти тахрибкоранадошта” дар доираи илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, амниятшиносӣ,

криминология, ҳуқуқи байналмилалӣ ва мубориза бо терроризм як масъалаи басо муҳим ва дар айни замон мураккаб ба шумор меравад. Ин мафҳум, пеш аз ҳама, ба омӯзиши мақсадноки афрод ё гуруҳҳо бо ҳадафи содир кардани амалҳои зиддиамниятӣ, зиддидавлатӣ ё ҷиноятии хатарнок, аз ҷумла амалиёти тахрибкорӣ, ишора мекунад. Асосноккунии криминализатсияи “ташкили таълим ва гирифтани таълим хусусияти тахрибкоранадошта” бо чунин ваҷҳҳо асос меёбад:

1. Дар шароити муосир, гуруҳҳои экстремистӣ ва террористӣ ба воситаи ташкили марказҳои пинҳонии таълимӣ, курсҳои фаннӣ, тамринҳои низомӣ, фанҳои тактикӣ, кор бо моддаҳои тарканда, муоширати рамзӣ (шифрнависӣ), ва тактиткаи ҷангҳои шаҳрӣ, ҷалби афродро барои амалиётҳои тахрибкорона анҷом медиҳанд. Дар ин маврид, таълим на ҳамчун ҷараёни маърифатӣ, балки ҳамчун марҳилаи омодагӣ ба ҷиноят баромад мекунад. Дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла ҶТ, КҶ таълими шахс бо ҳадафи содир кардани ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла тахрибкориро ҳамчун ҷинояти алоҳида эътироф намекунад. Масалан, ташкили омӯзиш, гирифтани таълим ё тамрин барои содир кардани тахрибкорӣ метавонад ҳамчун омодагӣ ба содир намудани ҷинояти вазнин ё ҳамдастӣ дар фаъолияти террористӣ маънидод шавад. Ин равиш дар муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии зиддитеррористӣ низ (масалан, Қарори Шӯрои Амнияти СММ №1373) таъкид шудааст;

2. Тағйир ёфтани муҳит ва технологияи иттилоотӣ сабаб шудааст, ки чунин таълим дар лагерҳои ҷисмонӣ анҷом дода намешавад. Имрӯз таълими тахрибкорона метавонад тавассути интернет, видеоҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳои пӯшида ва шабакаҳои торик (dark web) амалӣ гардад. Ин раванд, ки бо номи ифротишавии рақамӣ шинохта мешавад, хусусияти пинҳонӣ ва глобалӣ дорад;

3. Шахсе, ки дар чунин омӯзиш иштирок мекунад, тадриҷан зери таъсири идеологияи ифротгароёна, таблиғоти зиддимиллӣ, ифротсозии динию сиёсӣ ё национализм қарор мегирад. Ин раванд оҳиста-оҳиста қобилияти интиқодӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии шахсро коста карда, ӯро ба субъекти омодаи содир кардани ҷиноятҳои хавфнок табдил медиҳад;

4. Пешгирии таълими хусусияти тахрибкоранадошта танҳо тавассути санадҳои ҳуқуқӣ, назорати муассисаҳои таълимӣ, мониторинги киберфазо,

ҳамкории байналмилалӣ ва баланд бардоштани савияи маърифати амниятии аҳолӣ имконпазир аст. Қонунгузор бояд ҳар гуна талош барои ташкили таълими ҷиноятӣ ва гирифтани он, ҳатто агар ҳанӯз амали ҷиноят анҷом нашуда бошад, ҷазо диҳанд.

Ташкили таълим ва гирифтани таълими хусусияти тахрибкоранадошта ҷузъи муҳими механизми тайёр кардани шахс ба амалҳои тахрибӣ, террористӣ ва дигар шаклҳои ҷиноятҳои зиддиамниятӣ мебошад. Ин раванд ҳамзамон омезиши ҷанбаҳои идеологӣ, фаннӣ ва иҷтимоиро дар бар гирифта, таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти миллӣ ва байналмилалӣ эҷод мекунад. Баррасии илмии ин падида барои таҳияи стратегияи миллии муқовимат бо терроризм, тақвияти амнияти дохилӣ ва роҳандозии чораҳои пешгирӣ дорои аҳамияти стратегӣ мебошад.

Ҳамчунин, пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ м. 309.3 (Ташкили гуруҳи тахрибкорона ё иштирок дар он) ворид карда шавад. Ворид намудани м. 309(3) дар КҶ ҶТ ҳамчун як чорабинии ҳуқуқӣ бар зидди таҳдидҳои муосири амниятӣ, ки аз фаъолияти махфӣ ва ташкилшудаи гуруҳҳои тахрибкорона бармеоянд, аҳамияти стратегӣ дорад. Ин модда ҷавобгӯи талаботи амнияти миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ буда, як унсури муҳим дар низоми пешгирии ҷиноятҳои хавфнок ва зиддидавлатӣ ба шумор меравад.

Ташкили гуруҳи тахрибкорона ё шомилшавӣ ба он маҳз ба хотири анҷом додани амалҳои тахриби инфрасохтори муҳими давлатӣ, ҳарбӣ ё иқтисодӣ, фалаҷ кардани фаъолиятҳои стратегӣ ва заифсозии иқтидори мудофиавӣ равона мегардад. Ин амал, тибқи принсипи иҷтимоиётгароӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, хатарнокии баланд дорад ва бояд пеш аз он ки натиҷаи ҷиноят амалӣ гардад, пешгирӣ шавад. Қабули чунин модда нишон медиҳад, ки давлат сиёсати превентивӣ (пешгирикунанда) пеш гирифтааст. Яъне қонунгузор танҳо анҷоми тахрибкориро кофӣ намедонад, балки ҳатто омодагӣ ва ташкили шароитро барои содир кардани он низ ҳамчун ҷиноят эътироф менамояд. Ин мувофиқ ба меъёрҳои байналмилалии мубориза бо терроризм ва диверсия мебошад (масалан: Қатъномаи Шӯрои Амнияти СММ №1373, 2001).

Аз дидгоҳи амниятӣ, гурӯҳҳои тахрибкорона метавонанд на танҳо ба таркиши объектҳо, балки ба таъсири равонӣ ва нооромсозии ҷомеа мусоидат кунанд. Аксаран чунин гурӯҳҳо бо хориҷ, шабакаҳои ҷосусӣ, гурӯҳҳои экстремистӣ ё манфиатҳои

геополитикии давлатҳои дигар иртибот доранд. Аз ин рӯ, назорати ҳуқуқӣ ва криминализатсияи ташкил ва иштирок дар чунин гурӯҳҳо барои ҳифзи истиқлолият, якпорчагӣ ва суботи сиёсӣ зарур аст.

Моддаи 309(3) КҶ ҶТ ҷавобгӯи талаботи ҷомеаи муосири амниятӣ буда, бо назардошти хусусияти махсусан хавфноки фаъолияти тахрибкорӣ ва зарурати пешгирии он дар марҳилаи аввала, асоснок ва саривақт қабул шудааст. Ин модда на танҳо воситаи ҷазо, балки абзори ҳуқуқии муҳофизати сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат ва зиндагии осоиштаи шаҳрвандон мебошад. Иҷро ва татбиқи он бояд дар заминаи таҳлили мукаммали амниятӣ, иттилоотӣ ва сиёсӣ сурат гирад.

Ҳамин тавр, ба назари мо криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гуруҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ва иштирок дар он амали саривақтӣ буда, барои таъмини сулҳу субот, ҳифзи истиқлолият, таҳкими Ваҳдати миллӣ, ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ дар умум ва амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлат дар алоҳидагӣ заминаи ҳуқуқӣ бавуҷуд меорад.

**Ҷазо барои тахрибкорӣ дар КҶ давлатҳои узви ИДМ.** Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки монандии ҳадҳои санксияҳо назаррас намебошад. Омӯзиши муқоисавии ҳуқуқии санксияҳои меъёрҳое, ки тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, алалхусус кишварҳои узви ИДМ ҷазо барои содир кардани тахрибкориро пешбинӣ мекунанд, нишон медиҳад, ки барои содир кардани тахрибкорӣ ҳар як давлат вобаста ба анъанаҳои худ, фарҳанг, маърифати ҳуқуқӣ ва принсипҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ҷазоро муайян мекунад.

Ҳамзамон, тибқи меъёрҳои байналмилалӣ оид ба муқовимат бо ҷинояткорӣ ба сиёсати миллии ҷиноятӣ ҳангоми муайян кардани ҷазо барои содир кардани тахрибкорӣ таъсири назаррас доранд, ки бояд ба хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ин амал мувофиқ бошанд.

Бояд гуфт, ки мутобиқи КҶ намунавии кишварҳои ИДМ, қисми асосии амали тахрибкорӣ ба категорияи ҷиноятҳои вазнин тааллуқ дорад. Ҷиноятҳои вазнин тибқи қисми 4-и м. 18-и КҶ намунавии кишварҳои узви ИДМ амалҳои барқасдона шумурда мешаванд, ки ҷазои барои онҳо дар КҶ мазкур пешбинишуда аз 12 соли маҳрум

сохтан аз озодӣ зиёд наметавонад бошад. Ин муқаррарот, ки ба сохтори асосии тахрибкорӣ «баста» шудааст, дар ҳама қонунҳои ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, ба истисноӣ Ҷумҳурии Беларус, риоя карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки қонунгузории ҷиноии давлатҳои узви ИДМ чунин ҳудуди ҷазоҳоро барои тахрибкорӣ пешбинӣ намудааст:

аз 15 то 20 сол ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан бо маҳрум кардан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Қазоқистон ё бидуни он, ё ҳукми қатл бо мусодираи молу мулк (КҶ Қазоқистон);

– маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то 15 сол (КҶ Арманистон);

– аз 10 то 20 сол (КҶ Туркманистон, КҶ Озарбойҷон, КҶ Ӯзбекистон);

– аз 10 то 25 ё якумрӣ аз озоди маҳрум кардан ё ҳукми қатл (КҶ Беларус);

– аз 10 то то 15 сол бо мусодираи амвол (КҶ Ҷумҳурии Украина);

Тавре ки дида мешавад, санксияҳои моддаҳои дар боло зикршудаи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, ки ҷавобгариро барои тахрибкорӣ пешбинӣ мекунанд, чунин намудҳои ҷазоро ба мисли маҳрум кардан аз озодӣ, якумра маҳрум кардан аз озодӣ, мусодираи амвол, инчунин ҳукми қатлро пешбинӣ мекунанд, ки он аз дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии ин ҷиноят гувоҳӣ медиҳад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар КҶ Озарбойҷон, Беларуссия, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Русия, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба таври возеҳ пешбинӣ шудааст. Аммо дар кишварҳои гуногун ин ҷиноят мазмуни дигар дорад. Шумораи зиёди арзишҳои иҷтимоӣ бо таркиби тахрибкорӣ ба КҶ Украина, Арманистон, Қазоқистон ва Молдова ҳифз карда мешаванд. Бо тафовут аз м. 309 КҶ ҶТ ин таркибҳо чунин шаклҳои тахрибкориро дар бар мегиранд, ба монанди қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, нобуд ё вайрон кардани объектҳои муайяни муҳим, инчунин заҳролудшавии оммавӣ ва паҳн намудани эпидемия ва эпизоотия. Дар дигар кишварҳо тарафи объективии тахрибкорӣ шаклҳои камтари кирдорро фаро мегирад. Ҳамин тавр, КҶ Қирғизистон, ки ба КҶ ҶТ монанд мебошад ва ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои тахрибкорӣ дар шакли содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон

кардани корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ содир шудааст, пешбинӣ мекунад. Ҳамин тавр, дар ҶТ тахрибкорӣ бо шумораи ками шаклҳои тахрибкорӣ ва арзишҳои иҷтимоии ҳифзшуда тавсиф карда мешавад.

Дар баъзе давлатҳо аломатҳои бандубастшавандаи тахрибкорӣ муқаррар карда мешаванд, масалан, содир кардани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи муташаккил, такроран ё агар чунин амал боиси марги инсон, зарари калони молӣ ё дигар оқибатҳои вазнин шуда бошад. Дар кишварҳои гуногун ва бо мақсади содир кардани ҷиноят шаклҳои гуногуни тахрибкорӣ вуҷуд дорад.

Ҳамин тариқ, мақсади таҷовуз ба қобилияти мудофиавӣ ва амнияти иқтисодӣ, инчунин мақсади расонидани зарар ба иқтидори мудофиа, вайрон кардани амният ва мудофиа, заиф кардани давлат, ноором кардани фаъолияти мақомоти давлатӣ ё вазъи иҷтимоию сиёсӣ вуҷуд дорад. Дар робита ба ин, дар ин кодексҳо тахрибкорӣ дар шакли нобуд кардани одамон ё расонидани зарар ба саломатии онҳо пешбинӣ шудааст. Ин амал дар Молдова бо мақсади халал расонидан анҷом дода мешавад. Дар Ӯзбекистон – бо мақсади ноором кардани фаъолияти мақомоти давлатӣ ё вазъи иҷтимоию сиёсӣ ё халалдор кардани иқтисодиёти давлат содир карда мешавад.

Дар қонунгузории ҷиноии хориҷӣ ҳамон камбудҳо мавҷуданд, ки дар м. 309 КҶ ҶТ, вақте ки ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон бевосита ба мавҷудияти нишонаҳои таҷовуз ба давлат вобаста аст. Дар бораи синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ талаб карда мешавад, ҷолиби диққат аст, ки дар аксари кишварҳои хориҷӣ он аз 16 солагӣ фаро мерасад. Синни коҳишёфтаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз 14 солагӣ танҳо дар Қазоқистон ва Молдова пешбинӣ шудааст. Дар ҳама кишварҳое, ки тахрибкорӣ ба таври возеҳ пешбинӣ шудааст, ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин аст ва дар баъзе кишварҳо ҷазои ҳадди аксар барои тахрибкорӣ ҳабси абад ё ҳукми қатл мебошад (дар сурате ки чунин ҷазоҳо дар қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шуда бошад).

Бояд қайд намуд, ки яке аз вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ дар баробари ҳифзи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ пешгирии содир намудани ҷиноят мебошад. Ин вазифаи қонуни ҷиноятӣ тавассути меъёрҳои ҳавасмандкунӣ амалӣ карда мешавад,

ки ба хусус ба муайян кардани шахсоне, ки барои пешгирии содир шудани ҷиноят кумак мекунанд, равона карда шудааст. Аммо мутаассифона дар ҳеҷ меъёри қонунгузории ҷиноятиии кишварҳои узви ИДМ марбут ба тахрибкорӣ ин шакли пешгирии содир намудани ҷиноят истифода намегардад.

Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ барои пешгирии амалҳои тахрибкорӣ аз меъёрҳои ҳавасмандкунӣ истифода намебаранд, ба истисноси Федератсияи Россия. Таҳлили моддаҳои КҶ кишварҳои ИДМ, ки ҷавобгариро барои тахрибкорӣ пешбинӣ мекунанд, нишон медиҳанд, ки меъёрҳои ҳавасмандкунӣ дар моддаҳои КҶ сабт нашудаанд. Ба андешаи мо, меъёрҳои ҳавасмандкуниро ба монанди дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба таври зер шароите фароҳам меорад, ки дар он шахсро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти таҳлилшуда озод кардан мумкин аст, ва мо онҳоро ба таври зерин гуруҳбандӣ намудем:

1) Иштирок кардан танҳо дар омодагии тахрибкорӣ. Ин шарт дар ҳама моддаҳои КҶ кишварҳои ИДМ оид ба масъулият барои ҷой надорад;

2) Огоҳии (хабари) саривақтии мақомот (мақомоти давлатӣ) ё ба тариқи дигар иштирок намудан дар пешгирии кирдорҳои тахрибкорӣ;

3) Дар кирдори шахс мавҷуд набудани аломатҳои ҷинояти дигар (нишонаҳои ҷинояти дигар). Ин шарти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм дар ҳама КҶ кишварҳои ИДМ мавҷуд аст. Ба ҳамин монанд илова намудани чунин эзоҳро ба ҷиноятӣ тахрибкорӣ мувофиқи мақсад мешуморем.

Ҳамин тариқ, таҳлили натиҷаҳои бадастомада дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ имкон медиҳад, ки дар он омилҳои мусбати қонунгузории ҶТ ва давлатҳои аъзои ИДМ-ро ёдоварӣ намоем ва онро дар такмили ояндаи ҷинояти тахрибкорӣ истифода барем. Муқоисаи қонуни ҷиноятӣ оид ба ҷинояти тахрибкорӣ ба мо имкон дод, ки хулосаҳои зерро барорем.

1. Усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун абзори методологии таҳқиқоти илмӣ, балки ҳамчун воситаи самарабахши арзёбӣ ва такмили низоми қонунгузории миллӣ амал мекунад. Дар шароити муосир, ки бо рушди босуръати ҳамкориҳои байналмилалӣ, афзоиши таҳдидҳои трансмиллӣ ва зарурати мутобиқшавии ҳуқуқи миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ тавсиф мeёбад,

усули муқоисавӣ аҳамияти стратегии худ ба сифати механизми таҳлили илмӣ ва сиёсатгузории ҳуқуқӣ беш аз пеш афзоиш ёфтааст. Маҳз тавассути таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқи ҷиноятӣ, имкон фароҳам мегардад: муқаррар карда шавад, ки кадом механизмҳои ҳуқуқии хориҷӣ дар шароити дохилӣ қобили қабул ва самараноканд; таҷрибаи пешқадами қонунгузорӣ дар бахшҳои алоҳида, аз ҷумла мубориза бо ҷиноятҳои махсусан хавфнок, монанди тахрибкорӣ, дар низоми ҳуқуқии миллӣ татбиқ шавад; санҷиши таносуб ва самаранокии низоми ҷазоҳо ва чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ анҷом дода шавад; ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии байналмилалӣ, аз ҷумла конвенсияҳо ва тавсияҳои СММ, Шӯрои Аврупо ва дигар созмонҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад. Дар асоси таҳлили муқоисавии моддаҳои марбут ба тахрибкорӣ дар кишварҳои узви ИДМ, маълум мешавад, ки шабоҳати умумӣ дар сохтор ва нишонаҳои ҳуқуқии ин ҷиноят зери таъсири Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ ташаккул ёфтааст. Бо вуҷуди ин, фарқиятҳо дар синни ҷавобгарӣ, дараҷаи таҳдид, шаклҳои вазниншуда ва субъектҳои ҷиноят нишон медиҳанд, ки ҳар як давлат бо назардошти воқеиятҳои миллии худ қонунгузории ҷиноятиро танзим мекунад. Аз ин рӯ, усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ метавонад барои қонунгузори миллӣ сарчашмаи арзишманди иттилоот ва таҷрибаи ҳуқуқӣ гардад, ки дар асоси он метавон тағйироти зарурӣ ворид карда, сатҳи адолат, самаранокии мубориза бо ҷинояткорӣ ва мутобиқати қонунҳои миллӣ ба талаботи замони муосирро таъмин намуд.

2. Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, якдилона объекти асосии тахрибкориро ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлатро таъмин мекунанд, муайян мекунад.

Албатта, матни пешниҳодкардаи шуморо метавон бо забони илмӣ ва равиши академикӣ тартиб дод ва сабки баёнро таҳким бахшид. Лутфан, матни зеринро ҳамчун шакли дигар ва такмилёфтаи андешаҳо қабул намоед:

3. Бо дарназардошти он, ки дар фазои ҳуқуқии кишварҳои узви ИДМ КНҶ ба сифати заминаи методологӣ ва меъёрию ҳуқуқии ягона амал мекунад, мувофиқи мантиқ ва таҷрибаи қонунгузории муқоисавӣ зарур аст, ки тарзҳои содирсозии ҷиноят, ки дар он санад ҳамчун нишонаҳои тарафи объективии ҷинояти тахрибкорӣ

зикр шудаанд, дар таҳлили илмӣ ба таври муттаҳид мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор дода шаванд. Зеро аксарияти кишварҳои аъзои ИДМ, ҳангоми тартиб додани қонунҳои ҷиноятии худ, маҳз ба ҳамин аломатҳо истинод намуда, амалҳои яксон ва шабеҳи тахрибкориро дар диспозитсияҳои моддаҳои дахлдор дарҷ намудаанд.

4. Дар шароити муосири рушди технологияҳои рақамӣ ва шиддат гирифтани хатарҳои иттилоотӣ, истифодаи ғайриқонунии иттилоот бо мақсади тахриби иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии давлат, ки хусусияти тахрибкории киберӣ дорад, бояд ҳамчун объекти ҳамлаи ҷинояткорона ва предмети мустақими тахрибкорӣ дар қонунгузории ҷиноятии на танҳо ҶТ, балки дигар кишварҳои ИДМ расман шинохта ва танзим карда шавад. Эътирофи чунин унсур дар доираи ҷинояти тахрибкорӣ ҷавобгӯи талаботи амнияти муосир ва мутобиқ ба равандҳои нави таҳдидҳои гибридӣ мебошад.

5. Аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷинояти тахрибкорӣ, ки дар тамоми КҶ кишварҳои узви ИДМ пешбинӣ гардидааст, мақсади содир кардани тахрибкорӣ мебошад.

6. Дар КҶ аксари кишварҳои узви ИДМ масъалаи субъекти тахрибкорӣ, ки як мавзуи маъмул аст, низ нисбатан якранг ҳал карда шудааст. Дар қонунҳои ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ синну соле, ки шахс метавонад дар ин давлатҳо барои тахрибкорӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, муқаррар карда шудааст (масалан, дар КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Украина) аз 14-солагӣ ва дар дигар давлатҳо (масалан, дар КҶ ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Молдова, Туркманистон ва Ӯзбекистон) – аз 16-солагӣ.

8. Бояд гуфт, ки мубориза муассир, самаранок ва ҳамоҳангшуда бо воситаҳои қонуни ҷиноятӣ бар зидди тахрибкорӣ дар саросари кишварҳои узви ИДМ ва берун аз он танҳо вақте метавонад ҷой дошта бошад, ки ихтилофҳо дар фаҳми ҳамон як зуҳуроти марбут ба тахрибкорӣ дар сатҳи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои гуногун бартараф ё ҳадди ақал чунин ихтилофҳо кам карда шавад. Баҳри рафъи чунин ихтилофот муттаҳид сохтани қонунгузории ҷиноияти кишварҳои узви ИДМ зарур аст. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ имконият дод, ки ба

таври мушахас қонунияти пайдоиши манъи ҳуқуқӣ–ҷиноят тахрибкорӣ, ҳастӣ ва татбиқи он, ояндаи инкишоф ва мукаммалгардии таркиби он муайян карда шавад. Чунин ҷиҳатҳои мусбии (навгонии) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ метавонанд дар самти мукаммалгардии КҶ ҶТ вобаста ба ҷинояти тахрикборӣ аҳамияти махсус дошта бошанд: а) криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гурӯҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он; тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, инчунин заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия ва эпизоотия алоқаманд аст; б) муқаррар намудани аломатҳои бандубастшаванда, ба омнандӣ: - содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; 2) тахрибкорие, ки сабаби бавуҷуд омадани зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад; 3) тахрибкорие, ки боиси марги инсон гаштааст.

9. Дар асоси таҳлили КҶ давлатҳои узви ИДМ пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ таркибҳои зерини нав, ки бо тахрибкорӣ алоқаманданд, пешбинӣ карда шавад:

**Моддаи 309.1 (Ташкили таълим ва гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта)**

1. Ташкили таълим ё гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта, инчунин роҳбарӣ ё иштирок дар чунин таълим новобаста аз ҷой ва шакли таълим ... ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдор, агар:

– бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад;

– бо маблағгузорӣ намудани чунин кирдор алоқаманд бошад ... ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 309.3 (Ташкили гурӯҳи тахрибкорона ё иштирок дар он)**

1. Ташкил ва таъмини фаъолияти гурӯҳи тахрибкорона ва сохторҳои таркибии он ... ҷазо дода мешавад.

2. Иштирок дар гурӯҳи тахрибкорона ... ҷазо дода мешавад.

# БОБИ II. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТИ ТАХРИБКОРӢ

## 2.1. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти ҷинояти тахрибкорӣ

Омӯзиши ҳар ҷинояте, аз ҷумла тахрибкорӣ низ бе таҳлили унсурҳои таркибии он ғайримумкин аст, зеро тибқи муқаррароти м. 11 КҶ ҶТ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркибии ҷиноят аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ «зери мафҳуми «таркиби ҷиноят» – маҷмӯи тамоми аломатҳои объективӣ ва субъективии аз тарафи қонуни ҷиноятӣ муайяншудае фаҳмида мешавад, ки кирдори мушаххасро ҳамчун ҷиноят муқаррар намудааст» [163, с. 212-218]. Мавриди зикр аст, ки таркиби ҷиноят аз чаҳор унсур – объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективӣ иборат буда, ҳар яки он дорои аломатҳои хоси худ мебошанд. Дар тамоми таҳлилҳо омӯзиши таркиби ҷиноят аз баррасии хусусиятҳои объективии он, яъне объекти ҷиноят оғоз мегардад.

Муҳаққиқи ватанӣ М.М. Акилова (Зоҳидова) чунин менависад, ки «мушаххаснамоии объекти ҷиноят метавонад ба сохти қонуни ҷиноятӣ ва бандубасти ҷиноят, муайян кардани дараҷа ва хусусиятҳои иҷтимоӣ ба ҷамъият хавфнокии зарар, ки дар натиҷаи ҷиноят ба амал омадааст, ба муайян кардани асосҳо ва маҳакҳои интихоби объекти ҳифзи ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ва воситаи ҳимояи онҳо таъсир расонад. Ба таври дақиқ муайян намудани объекти ҷиноят аҳамияти калони амалӣ дорад. Ҳама гуна ҷиноят (аз ҷумла ҷиноятҳое, ки ба ҳамдигар бо бисёр ҷиҳатҳо мушобеҳанд) аз ҷинояти дигар бо ин ё он нишона фарқ мекунанд. Хусусиятҳои фарқкунанда имкон медиҳанд, ки ҷиноятҳои бо ҳам алоқаманд фарқ карда шаванд ва меъёри ягонаи дурусти қонуни ҷиноятӣ барои бандубаст татбиқ карда шавад. Дар акси ҳол, бандубасти нодурусти амали ғайриқонунии ҷиноятӣ боиси хулосаи нодуруст дар бораи объекти ҷиноят мегардад» [198, с. 77].

Таҳлили илмии таърифи мафҳуми умумии объекти ҷиноят аз охири асри XX оғоз гардида, то имрӯз идома дорад. Дар давраи пеш аз инқилоб мафҳумҳои гуногуни объекти ҷиноят мавҷуд буданд. Масалан, «В.Д. Спасович назарияи ҳуқуқи субъективиро дастгирӣ кард, ки тибқи он объекти ҷиноятро шахс эътироф менамуд [110, с. 91], Л.С. Белогритс-Котляревский, Н.Д. Сергеевский ва И.Я. Фойницкий –

назарияи меъёрӣ, ки объекти ҷиноятро волоияти қонун якҷоя бо манфиатҳо муайян мекарданд [57, с. 443]. М.С. Тагансев зимни таҳқиқи объекти ҷиноят онро ҳамчун манфиатҳои ҳуқуқӣ ва ҳаётӣ эътироф мекард [111, с. 393]. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии замони шӯравӣ мавқеи ҳукмрон муайян намудани объекти ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ буд [65, с. 30], ки имрӯз низ тарафдори зиёд дорад [104, с. 221-218]. Ин нуқтаи назарро бори аввал А.А. Пионтковский пешниҳод карда буд [94] ва дар таҳқиқоти монографии чунин олимон, аз қабили В.К. Глистин [65, с. 127], М.И. Коржанский [73, с. 120], Б.С. Никифоров [89, с. 228] ва В.Я. Татсия [114, С. 198] инъикос ёфтааст. Аммо баъдан, ин мафҳуми объекти ҷиноят ба танқид рӯ ба рӯ гардид, ки дар натиҷа назарияҳои дигаре пайдо шуданд, ки ба сифати объекти ҷиноят манфиатҳо [216, с. 41], муносибатҳои ҳуқуқӣ [60, с. 61], арзишҳо [118], амнияти иҷтимоиро» [153, с. 29-31] эътироф менамуданд.

Ҳамин тавр, назарияҳои гуногуни илмии мафҳуми объекти ҷиноят мавҷуданд, аммо, тавре ки дида мешавад, ҳангоми омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ бояд мафҳуми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи ҷиноятӣ татбиқ карда шавад, зеро он бештар таҳқиқшуда, асоснок ва дар таҷриба озмудашуда мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии объекти ҷиноят ба умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита тасниф карда мешавад [134, с. 70].

«Объекти умумии ҷиноят тамоми муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае мебошанд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят ба онҳо (шахсият, ҷамъият ва давлат) зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад» [49, с. 52]. Тибқи қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ ба объекти умумии ҷиноят ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ, сулҳ ва амнияти башарият аз таҷовузи ҷиноятӣ дохил мешаванд [5, с. 488].

Ба объекти хелии ҷиноятҳо бошад меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ дохил мешаванд, ки дар доираи як фасл, ки ҷавобгариро барои содир намудани таҷовуз ба муносибатҳои якхела ё монанди ҷамъиятӣ муқаррар мекунанд.

Қонунгузор объекти хелии ҷиноятро дар номи фасли дахлдори КҶ ҶТ муайян менамояд, аммо баъзан таърифи он таҳлили таркибҳои ҷиноятиро, ки ба ин фасл дохил карда шудаанд, тақозо мекунад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар м.309 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки дар фасли XIII КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ҷойгир шудааст. Бино бар ин, объекти хелии тахрибкорӣ таъмини амнияти ҳокимияти давлатӣ мебошад, зеро тамоми ҷиноятҳое, ки дар фасли мазкур ҷой дода шудаанд бар зидди асосҳои таъмини амнияти ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд.

Тавре аз таҳлили низоми ҳуқуқии ҶТ ва қонунгузории муқоисавии кишварҳои ИДМ бармеояд, ҳалли масъалаи муайянсозии объекти хелии (навъии) ҷинояти тахрибкорӣ беш аз ҳама бо фаҳмиши дурусти муҳтавои Фасли XIII қисми махсуси КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо бар зидди ҳокимияти давлатӣ» алоқаманд аст. Маҳз дар доираи ин фасл, ки бевосита ба ҳифзи сохтор, устуворӣ ва қобилияти амалкунандаи ҳокимияти давлатӣ равона шудааст, ҷиноятҳои дорои хусусияти хавфноки сиёсӣ ва зиддидавлатӣ, аз ҷумла тахрибкорӣ, ҷой дода шудаанд. Аз ин нуқтаи назар, ҳокимияти давлатӣ ҳамчун объекти хелии тахрибкорӣ баромад мекунад. Ин мафҳум ба фаъолияти муътадил, пайгирона ва конститутсионии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ишора мекунад, ки тавассути онҳо халқ, ҳамчун сарчашма ва соҳибихтиёрии ягонаи ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ месозад ва идораи ҷомеаро ба роҳ мемонад. Маҳз ҳамин устувории фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, ки низоми сиёсӣ ва ҳуқуқиро дар кишвар барпо медорад, зери ҳимояи ҷиноятӣ қарор дорад.

Тахрибкорӣ, ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти махсусан хавфнок, ба ин суботи низоми ҳокимият таҳдид намуда, ба механизми амалисозии салоҳиятҳои давлат, яъне новобаста аз шохаҳои он, таъсир мерасонад. Ҳамин тавр, ҳар гуна амал (аз ҷумла тахриби объектҳои стратегӣ, заъифсозии зерсохторҳои мудофиавӣ ва иқтисодӣ), ки ба шикасти амнияти давлат ва фалаҷи ҳокимияти амалӣ мебарад, боиси халалдоршавии асосҳои конститутсионии идоракунӣ мегардад ва ҳамчун ҷинояти бар зидди ҳокимияти давлатӣ арзёбӣ мешавад. Мафҳуми ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ дар м.м. 6 ва 9 Конститутсияи ҶТ низ рӯшан ва дақиқ муайян шудааст. Мувофиқи м. 6, халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимият, онро бевосита ё тавассути вакилони худ амалӣ

месозад. Моддаи 9 бошад, принсипи тақсимоти ҳокимиятро ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ муқаррар мекунад, ки ҳар кадоми онҳо дар маҷмӯъ рамзи амалисозии ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Аз ин рӯ, зарурати муҳофизати низоми мазкур ба воситаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, бахусус бо муқаррароти тахрибкорӣ, асоси устувории сохти конститутсионӣ ба шумор меравад.

Объекти намудии тахрибкорӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки барои ҳифзи заминаҳои амнияти ҳокимияти давлатӣ равона карда мешаванд.

«Объекти намудии ҷиноят – ин қисми объекти хелии ҷиноят ба ҳисоб рафта, гуруҳи муайяни як намуд ҷиноятҳоро дар як боб ҷамъ меоварад. Вобаста ба ин, аз рӯйи объекти намудии ҷиноят, фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба бобҳо ҷудо карда мешаванд» [168, с. 187], [214, с. 103].

Дар боби 29-и КҶ ҶТ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ ҳамчун объекти намудии тахрибкорӣ баромад мекунанд. Объекти намудии тахрибкорӣ - асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ (боби 29 КҶ ҶТ) - дар қонуни ҷиноятӣ ифшо нашудааст, зеро қонунгузор ба дигар санадҳои меъёрӣ ҳавола мекунад, ки дар онҳо мафҳумҳои зарурӣ дарҷ гардидаанд. Масалан, Конститутсияи ҶТ (1994 бо ислоҳу иловаҳо 1999, 2003, 2016) ва Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» (аз 28 июни 2011) [207, с. 108].

Боби якуми Конститутсияи ҶТ, ки зери унвони «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» муқаррар шудааст, пояи ҳуқуқии тамоми сохтори давлатдориро ташкил дода, арзишҳо ва принсипҳои бунёдии таркиби ҳуқуқии Тоҷикистонро ба таври мукаммал ва дақиқ инъикос менамояд. Ин боб ҳамчун заминаи меъёрии низоми конститутсионӣ, муҳтавои мазмунӣ ва шаклии давлатдории миллӣ ва соҳибихтиёриро муайян мекунад.

Дар ин боб арзишҳои зерин ҳамчун усул ва мақомоти олии ҳуқуқӣ эътироф гардидаанд:

1. Шакл ва моҳияти давлат, яъне ҶТ ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ таъриф мешавад, ки ба таври возеҳ принсипи истиқлолияти давлатӣ ва хосияти мардумсолориро инъикос мекунад;

2. Рамзҳои давлатии ҶТ, Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ, ки нишонаи таҷассумёфтаи ҳувияти миллӣ, соҳибихтиёрӣ ва ягонагии давлат мебошанд;

3. Шахс ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, яъне шахс ҳамчун арзиши олӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои табиии инсон ҳамчун асоси низоми ҳуқуқӣ эътироф мешавад. Конститутсия ҳуқуқу озодиҳои инсонро на танҳо муқаррар менамояд, балки онҳоро дахлнопазир ва мустақиман амалкунанда мешиносад;

4. Принсипи соҳибихтиёрии халқ, дар ҶТ халқ сарчашма ва бунёди ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро ё бевосита (масалан, тавассути райъпурсӣ) ва ё ба воситаи намояндагони худ (парлумон, мақомоти маҳаллӣ) амалӣ менамояд;

5. Дахлнопазирӣ ва тамомияти арзии ҶТ, ҳар гуна таҷовуз ба қаламрави давлат манъ гардида, тамомияти арзӣ ҳамчун унсури муқаддаси сохти конститутсионӣ шинохта мешавад;

6. Плюрализми сиёсӣ ва идеологӣ, рушди ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ ва озодии идеологӣ пешбинӣ гардида, ғасби ҳокимият манъ карда мешавад;

7. Тақсимоти ҳокимият, ҳокимияти давлатӣ дар асоси принсипи таҷзияи он ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ ба роҳ монда мешавад, ки барои таъмини мувозинат ва муқовимат байни шохаҳои ҳокимият замина фароҳам меорад;

8. Қувваи олии ҳуқуқӣ ва таъсири бевоситаи меъёрҳои конститутсионӣ, яъне меъёрҳои Конститутсия мустақиман амалкунанда буда, нисбат ба дигар қонунҳо ва санадҳо устувортарин ва олимақом мебошанд;

9. Эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ҶТ он созишномаҳое, ки ба онҳо ҳамроҳ шудааст, ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии миллӣ эътироф менамояд ва ӯҳдадориҳои байналмилалиро риоя мекунад;

10. Сохтори иқтисодӣ ва шаклҳои моликият, яъне Конститутсия шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, давлатиро эътироф намуда, баробарии ҳуқуқӣ ва ҳимояи онҳо-ро кафолат медиҳад.

Боби якуми Конститутсия ба сифати нигаришномаи давлатдорӣ на танҳо принсипҳои ҳуқуқиро муайян менамояд, балки меъёри олии арзишии ҳимояи сохти конститутсионӣ мебошад. «Ҳар гуна амале, ки ба ин арзишҳо таҳдид мекунад, аз

ҷумла ҷиноятҳое чун тахрибкорӣ, метавонанд на танҳо амали ҷиноятии хатарнок шинохта шаванд, балки ҳамчун таҳдид ба пояҳои сохтори конститутсионӣ низ арзёбӣ гарданд» [207, с. 111].

Ҳамин тавр, «асосҳои сохти конститутсионӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба таъмин намудани:

а) шакл ва моҳияти давлат;

б) соҳибихтиёрии халқ ва шаклҳои он;

в) дахлнопазирӣ ва тамомияти қаламрави ҶТ;

г) рушди ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси плюрализми сиёсӣ ва идеологӣ;

д) манъ кардани ғасби ҳокимият;

е) амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимоти он ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ;

ж) ба роҳ мондани сиёсати сулҳомез мебошанд» [207, с. 123].

Мавриди зикр аст, ки солҳои охир дар адабиёти илмӣ ба таври васеъ истилоҳи «амният» истифода мегардад. Дар нашрияҳои илмӣ, суханронии сарони давлатҳо ва сиёсатмадорони пешқадам, барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ истилоҳҳои «амният», «амнияти миллӣ», «амнияти давлатӣ», «амнияти байналмилалӣ», «амнияти конститутсионӣ», «амнияти ҷамъиятӣ» ва ғайра ба назар мерасанд. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» аз 25 июни 2011 дар баробари мафҳуми «амнияти миллӣ» категорияҳои «амнияти иқтисодӣ», «амнияти ҳарбӣ», «амнияти озуқаворӣ», «амнияти экологӣ» ва «амнияти ҷамъиятӣ» [9] истифода гардидааст. Ин таърифҳо дар маҷмӯъ як мафҳуми ягонаи амнияти миллиро ташкил медиҳанд. Амнияти давлатӣ ҳамчун як шакли алоҳидаи амнияти миллӣ дар ин қонун мавҷуд нест [161, С. 29-34]. Аз ҷиҳати этимологӣ худи калимаи «амният» маънои «набудани хатар, осоиш, эътимоднокӣ» - ро дорад, яъне «ҳолате, ки дар он хатари касе, чизе вуҷуд надорад [161, с. 32]. Амнияти давлатӣ ҳамчун яке аз шохаҳои марказии низоми амнияти миллӣ, мафҳуми васеъ ва мураккаберо фаро мегирад, ки ба таъмини суботи сохти конститутсионӣ, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ, нигоҳдории тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди кишвар равона шудааст. Дар заминаи васеътари стратегӣ, амнияти давлатӣ ҳамчун зидди таҳдидҳо ва хатарҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ ба

вуҷудомадаи хусусияти дохилӣ ва хориҷӣ амал мекунад, ки ба поёни манфиатҳои ҳаётан муҳими миллӣ равона шудаанд.

Амнияти давлатӣ инҳоро дар бар мегирад: мустаҳкамсозии асосҳои сохти конститутсионӣ, ки дар боби аввали Конститутсияи ҶТ (асосҳои сохти давлат) ба таври олии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд; таъмини соҳибихтиёрии миллӣ, ки аз мустақилияти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ҳудудии давлат маншаъ мегирад; тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии қаламрав, ки асоси якпорчагии давлат ва суботи марзиро ташкил медиҳад; иқтидори мудофиавӣ, ки қобилияти муқовимат бо таҳдидҳои ҳарбӣ ва диверсионӣ мебошад; амнияти иқтисодӣ ва иттилоотӣ, ки ба ҳифзи зерсохторҳои стратегӣ, тавоноии молиявӣ, устувории бозор ва низоми иттилоотӣ дахл дорад; ва дигар манфиатҳои ҳаётан муҳими миллӣ, ки метавонанд аз ҷониби неруҳои дохилӣ ва хориҷӣ мавриди ҳамла қарор гиранд. Дар шароити муосир, ки таҳдидҳо шакли мураккаб, трансмиллӣ ва гибридӣ гирифтаанд, амнияти давлатӣ бояд ҳамчун принсипи устувори сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат арзёбӣ гардад. Муносибати комплексӣ ба ҳимояи амнияти давлатӣ, аз ҷумла тавассути қонунгузории ҷиноятӣ, механизмҳои амнияти иттилоотӣ, назорати сарҳадӣ, таҳкими муассисаҳои давлатӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, шарти муҳим барои устувории сохти конститутсионӣ ва рушди минбаъдаи давлатдории миллӣ мебошад.

Объекти бевоситаи ҷиноят муносибати мушаххаси ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае мебошад, ки ба он кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ҷиноятии бевосита равонашуда зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад. Аз рӯйи нишонаи объекти бевосита, бобҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба моддаҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд [128; 129; 181]. «Дар навбати худ, объекти бевоситаи ҷиноятро аз рӯйи гуруҳбандии уфуқӣ ба се навъ ҷудо кардан мумкин аст: объекти бевоситаи асосӣ, объекти бевоситаи иловагӣ ва объекти бевоситаи алтернативӣ (факултативӣ)» [102], [182, с. 219-224], [199]. «Объекти бевоситаи асосӣ он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки қонунгузор пеш аз ҳама онҳоро ҳифз менамояд ва ҷузъи объекти умумӣ мебошанд ва маҳз онҳо аз ҷиноят зарар мебинанд» [54, с. 722].

Андешаҳои олимон дар бораи таъйини объекти бевоситаи асосии тахрибкорӣ ба таври назаррас тафовут мекунанд ва дар таҳияи назариявии он равишҳои гуногун истифода мешаванд. Як идда олимон баҳс мекунанд, ки оё тахрибкорӣ ба амнияти дохилӣ дахолат мекунад ё беруна. Ҳамин тавр, «ба андешаи А.А. Чуваков тахрибкорӣ ба ҷиноятҳое дахл дорад, ки ба амнияти дохилӣ ва иқтисодӣ таҷовуз мекунанд» [188, с. 247]. Далели ин ақида он ҳолате мебошад, ки ҳангоми содир шудани ин ҷиноят сухан дар бораи таҳдиди дохилӣ меравад (яъне, таҳдиди татбиқи ин ҷиноят берун аз қаламрав ба амал намеояд). Ба андешаи мо, мавқеи дуруст ин аст, ки тибқи он тахрибкорӣ метавонад ҳам ба амнияти дохилӣ ва ҳам берунии ҶТ таҷовуз намояд. Чунин ақидаҳоро, аз ҷумла, «И.С. Ятсута иброз доштааст, ки новобаста ба самти манбаъҳои таҳдидҳо, чи дохилӣ ва чи берунӣ, объекти тахрибкориро муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳам дар самти амнияти дохилӣ ва ҳам амнияти берунии давлат эътироф намудааст» [137, С. 364], «С.В. Дяков менависад, ки ҳангоми тахрибкорӣ таҳдидҳо ба иқтисодиёт метавонанд ҳам аз берун ва ҳам аз дохил сарчашма гиранд» [67, с. 31].

Ҳамин тавр, объекти бевоситаи ҷинояти м. 309 КҶ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлат баромад мекунанд.

Истилоҳи «иқтисоди миллӣ» дар ҶШС Тоҷикистон пайдо шуда, ба низоми онвақтаи мавҷудаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ комилан мувофиқ буд. Дар чунин шароит, ҳалли масъалаи муҳими иқтисодии объект аз муайян кардани он, ки ин объект ба соҳаи муайяни хоҷагии халқ тааллуқ дорад, оғоз ёфт. Баъди ба даст овардани истиқлол низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ тағйир ёфт, муносибатҳои бозоргонӣ ташаккул ёфтанд. Дар матни м. 309 КҶ ҶТ мафҳуми «аҳамияти муҳимми иқтисодӣ» нигоҳ дошта шудааст, бино бар ин, ҳангоми татбиқи ин модда истифодаи қонунгузории амалкунанда, ки ба фаъолияти иқтисодӣ ва идоракунӣ дахл дорад, зарур аст.

Дар адабиёти илмии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва назарияи амният, амнияти иқтисодӣ ва қобилияти мудофиавии давлат ҳамчун муносибатҳои мустақили ҷамъиятӣ эътироф шудаанд, ки дар заминаи ҷинояти тахрибкорӣ ба сифати объекти бевоситаи ҳамлаи ҷинояткорона баромад менамоянд. «Ин муносибатҳо, бо дарназардошти арзиш ва аҳамияти стратегии худ, зери ҳимояи махсуси ҳуқуқи

ҷиноятӣ қарор гирифтаанд, зеро халалдорсозии онҳо метавонад ба фалаҷ шудани сохтори иқтисодии кишвар, заъифшавии иқтидори мудофиавӣ ва коста гардидани амнияти миллӣ бирасад» [79], [122], [165]. Амнияти иқтисодӣ яке аз мафҳумҳои нисбатан нав ва мураккаб дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар буриши се соҳаи калидии илмӣ – ҳуқуқшиносӣ, иқтисодиёт ва назарияи амният, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор мегирад. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва гузариши кишварҳои пасошӯравӣ ба иқтисоди бозорӣ, ниёзи устувор ба таъмини заминаҳои ҳуқуқии амнияти иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти миллӣ ба миён омад.

То ба имрӯз, таърифи ягонаи илмӣ ва универсалӣ барои мафҳуми «амнияти иқтисодӣ» дар ҷомеаи илмии Тоҷикистон мавҷуд нест. Вале, дар қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» [9], мафҳуми мазкур чунин тавсиф ёфтааст: *«Амнияти иқтисодӣ – ин вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохилию берунаест, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд».*

Тибқи ин таъриф, амнияти иқтисодӣ на танҳо ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ вобаста аст, балки маҷмӯи чораҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва технологиро дар бар мегирад, ки ба муҳофизати захираҳо, инфрасохтор, салоҳиятҳои бозорӣ ва суботи молиявӣ равона гардидааст. Қобилияти мудофиавӣ низ ба сифати объекти мустақили ҳуқуқӣ ва ҷузъи ҳалкунандаи амнияти давлатӣ баррасӣ мешавад. Он маҷмӯи иқтидорҳои низомӣ, ташкилӣ ва моддӣ-техникиро фаро мегирад, ки барои дифоъ аз истиқлолияти кишвар, сарҳадҳо ва сохтори конститутсионӣ равона шудааст. Аз ин рӯ, ҳар гуна амали қасдонае, ки бо мақсади заъифсозии иқтидори мудофиавӣ анҷом дода мешавад (аз ҷумла тахрибкории равонашуда ба пойгоҳҳо, системаҳои иртиботӣ ё захираҳои стратегӣ), бояд ҳамчун ҷинояти дорои унсурҳои махсусан хавфнок ва муқобил ба манфиатҳои давлат арзёбӣ гардад. Хулоса, ворид намудани тахрибкории иқтисодӣ ва тахрибкории иттилоотӣ ҳамчун унсурҳои махсус ё шаклҳои муосири тахрибкорӣ ба м.309 КҶ ҶТ, бо дарназардошти таҳаввулоти муосир ва таҷрибаи кишварҳои ИДМ, як иқдоми зарурии ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ хоҳад буд. Ин тағйирот метавонад ба

такмили механизми ҳимояи сохти конститутсионӣ ва таҳкими суботи миллӣ дар заминаи ҳуқуқӣ мусоидат намояд.

Дар адабиёти илмӣ амнияти иқтисодӣ ва қобилияти мудофиавии давлат дар таркиби тахрибкорӣ муносибатҳои мустақили ҷамъиятие эътироф мегарданд, ки объекти бевоситаи ин таҷовузи ҷиноятӣ мебошанд [75]. «Амнияти иқтисодӣ» як истилоҳи нисбатан нав дар илми Тоҷикистон аст ва он дар таркиби илмҳои «ҳуқуқшиносӣ», «иқтисодиёт» ва «назарияи амният» таҳлил мегардад. Таърифи ягонаи илмии мафҳуми «амнияти иқтисодӣ» вуҷуд надорад. Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» амнияти иқтисодиро ҳамчун «вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд» [9] муайян менамояд.

Ҳамин тавр, «амнияти иқтисодӣ» яке аз қисматҳои асосии амнияти миллии давлат фаҳмида мешавад. Зери он кофи будани таъминот мутобиқи сатҳи талаботи амнияти миллӣ бо захираҳои молиявӣ ва бештар захираҳои зурурии худӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодиёт ва боло бурдани сатҳи рақобатпазирии мамлакат, ҳифозати манфиатҳои иқтисодии шахсӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ, аз таҳдидҳои дохилию хориҷӣ дар амон будан фаҳмида мешавад. Амнияти иқтисодӣ бунёди амнияти миллӣ мебошад, ки сарватҳои табиӣ, захираҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, амволи ғайриманқул, захираҳои моддӣ (молӣ), инсонӣ, сохторҳои хоҷагӣ, оила, шахсӣ ва амсоли инҳоро фарогир аст. Коста шудани амнияти иқтисодӣ ба хоҷагии ҳар як мамлакат таъсири манфӣ расонида, манфиатҳои иқтисодии шахс, ҷамъият ва давлатро маҳдуд месозад. Стратегияи амнияти иқтисодӣ, шароити мусоиди рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ, инчунин ҳимояи манфиатҳои барои ҳаёт муҳимро аз хатарҳои дохилӣ ва берунӣ дар бахши иқтисодиёт таъмин менамояд. Таъмини амнияти иқтисодӣ аз рӯйи хусусиятҳои худ вазифаи стратегӣ ва дарозмуддат мебошад.

Мафҳуми «амнияти иқтисодӣ» ба мафҳуми «амнияти давлатӣ» алоқамандии зич дорад. Тибқи Стратегияи милии рушди ҶТ «Иқтидори иқтисодии кишвар, бояд ҳамчун заминаи модии амнияти миллӣ арзёбӣ гардид» [15, с. 11]. Он ҳамчун ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат, инчунин арзишҳо ва тарзи

ҳаёти миллӣ аз доираи васеи таҳдидҳои берунӣ ва дохилии дорои хусусияти гуногун фаҳмида мешавад (сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, экологӣ ва ғайра). Масалан дар ИМА маҳз иқтисодиёт дар таъмини амнияти миллӣ нақши калидӣ мебозад [135, с. 61-63].

Тавре ки В.А. Рубанов зикр мекунад, «гарчанде иқтисод, аслиҳа, илм, техника, иттилоот ва табиат ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил бошанд, онҳо субъектҳои иҷтимоӣ нестанд» [179, с. 45]. Аз ин рӯ, амнияти иқтисодӣ, низомӣ ва дигар навъҳои амният ҳамчун тарафҳои алоҳида ва мустақили таъмини амнияти миллӣ баромад мекунанд, ки онҳоро метавон ба ҳайси объектҳо, омилҳо ё соҳаҳои функсионалии таъмини амният арзёбӣ намуд. Ба ибораи дигар, амнияти иқтисодӣ як унсури махсусест дар системаи умумии амният, ки ба муҳофизати соҳа ва манфиатҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ нигаронида шудааст. «Дар ҳамин замина, В.С. Загашвилӣ амнияти иқтисодиро ҳамчун унсури марказии низоми амнияти миллӣ мешиносад, зеро он заминаи устувории дигар ҷанбаҳои амниятро ташкил медиҳад, аз ҷумла амнияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва иттилоотиро» [92, с. 278]. Дар шароити муосир, ки хатарҳои иқтисодӣ метавонанд сабабгори бевоситаи беқурбшавии институтҳои давлатӣ ва заъиф шудани истиқлолияти иқтисодӣ гарданд, ин мавқеи марказӣ аҳамияти махсус касб мекунад. Бо вуҷуди аҳамияти илмӣ ва амалӣ доштани мафҳуми «амнияти иқтисодӣ», то ҳол таърифи ягонаи умумқабулшудаи илмӣ барои он вуҷуд надорад. «Аз дидгоҳи иқтисоддони маъруф Л.И. Абалкин, амнияти иқтисодӣ ин ҳолати низоми иқтисодӣ аст, ки дар он он метавонад ба таври динамикӣ ва муассир рушд ёбад, мушкилоти иҷтимоиро ҳал кунад ва давлат қобилияти таҳия ва татбиқи сиёсати мустақили иқтисодиро дошта бошад» [135, с. 3]. Ин таъриф робитаи мустаҳками амнияти иқтисодиро бо истиқлолияти иқтисодӣ, суботи дохилӣ ва самаранокии сиёсати давлатӣ таъкид мекунад. Аз ин рӯ, таҳкими амнияти иқтисодӣ на танҳо вазифаи иқтисодӣ, балки як ҳадафи стратегии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ низ мебошад, ки таъминкунандаи пойдории низоми давлатдорӣ ва кафили рушди устувори ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Амнияти иқтисодӣ як категорияи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад, ки зери таъсири пайвастаи омилҳои тағйирёбандаи истеҳсолоти моддӣ,

таҳдидҳои дохилӣ ва беруна қарор дорад. Маҳз ҳамин тағйирпазирии муҳити иқтисодӣ ва омилҳои сиёсиву геостратегӣ онро ба як самти махсусан ҳассос ва серунсури низоми амнияти миллӣ табдил медиҳад. Амнияти иқтисодӣ на танҳо яке аз унсурҳои муҳими рушди устувори давлат мебошад, балки асоси амнияти миллӣ маҳсуб меёбад. Таъмини амнияти миллӣ, ки зимни он ҳифзи сохти конститутсионӣ, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ ба роҳ монда мешавад, дар навбати худ вобаста ба вазъи амнияти иқтисодӣ ва қобилияти молиявию истеҳсолии давлат мебошад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, таъмини амнияти иқтисодӣ ҳамчун вазифаи стратегӣ ва дарозмуддати давлатӣ баромад мекунад.

Масъулияти таъмини амнияти иқтисодӣ бар дӯши давлат қарор дошта, он танҳо дар асоси ҳамкории самарабахш бо субъектҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳо, ташкилотҳо, соҳибкорон ва муассисаҳои илмӣ амалӣ карда мешавад. «Дар ин замина, амнияти миллӣ қобилияти институтҳои дахлдори сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии давлатро дар таъмини ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими субъектҳои миллӣ инъикос менамояд. Ин қобилият бояд ба ҳимояи арзишҳои анъанавии иқтисодӣ, ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҳифзи захираҳо, кафолати рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва нигоҳдории устувории молиявӣ равона гардад» [226].

Бо назардошти ин ҳама, рушди амнияти иқтисодӣ бояд дар доираи сиёсати ягонаи амнияти миллӣ ва дар заминаи умумии ташаккули стратегии он баррасӣ гардад. «Танҳо дар асоси як муносибати мутобиқшуда ва муназзами миллию минтақавӣ ба масъалаҳои иқтисодӣ ва амниятӣ, давлат метавонад ба ҳадафҳои рушди устувор, рақобатпазирии иқтисодӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ноил гардад» [146, с. 9-15].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили муфассали қонунгузорӣ ва андешаҳои илмӣ метавон ба хулосае омад, ки амнияти иқтисодӣ, дар доираи татбиқи м. 309 КҶ ҶТ (тахрибкорӣ), ба таври мустақим тавассути ҳимояи корхонаҳо ва иншооти стратегӣ, роҳу воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар гуна амале, ки ба таркиш, сӯхтор, нобудсозӣ ё вайрон кардани ин объектҳо равона шуда бошад, ҳамчун таҷовуз ба амнияти иқтисодӣ ва

қобилияти мудофиавии кишвар арзёбӣ мегардад ва ба сифати ҷинояти тахрибкорӣ шомил мешавад.

Дар баробари ин, категорияи дуюми муҳиме, ки м. 309 КҶ ҶТ ҳимоя мекунад, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи қобилияти мудофиавии давлат мебошад. Гарчанде то имрӯз таърифи ҳуқуқии мушаххаси «қобилияти мудофиавии давлат» дар қонунгузории миллӣ вуҷуд надорад, аммо ин мафҳум дар шарҳи илмӣ ҳамчун категорияи васеъ ва мураккаби бисёрсоҳа арзёбӣ мешавад.

Дар доираи м. 309 КҶ ҶТ, қобилияти мудофиавии давлат бо имконияту устувории корхонаҳо ва зерсохторҳое алоқаманд аст, ки ба низоми мудофиа хизмат мерасонанд. Ба ин зерсохторҳо метавон дохил намуд: объектҳои истеҳсолии саноати мудофиавӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ, марказҳои таъминоти логистикӣ, муассисаҳои илмӣ-техникӣ ва ҳарбӣ, объектҳои ҳаётан муҳими муҳандисӣ ва энергетикӣ, ки ҳар кадоми онҳо унсури таркибии қобилияти мудофиавии давлат мебошанд. Қобилияти мудофиавӣ на танҳо маҷмӯи чорабиниҳои низомӣ, балки системаи ҳамоҳангшудаи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад, ки вазифаашон ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ, тамомияти арзӣ ва манфиатҳои ҳаётан муҳими давлат мебошад. Ин қобилият на танҳо ба дифоъи низомӣ аз таҷовузҳои хориҷӣ, балки ба муқовимат ба таҳдидҳои дохилӣ, аз ҷумла диверсияҳои технологӣ, тахрибкории иқтисодӣ ва ҳамла ба зерсохторҳои муҳими давлат, равона шудааст. Аз ин рӯ, м. 309 КҶ ҶТ на танҳо ҳамчун механизми муҳофизати сохтори низомии мудофиа, балки қисмати муҳими ҳифзи амнияти иқтисодӣ ва таъмини устувории функсионалии давлати соҳибихтиёр ба ҳисоб меравад. «Васеътар тафсир кардани ин модда, бо дарназардошти таҳдидҳои муосири гибридӣ, барои такмили сиёсати ҷиноятӣ ва таҳкими ҳуқуқии амнияти давлатӣ аҳамияти калон дорад» [75].

Тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноят ба пояҳои амнияти давлатӣ таҷовуз мекунад. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи амният», манфиатҳои миллӣ манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлатро ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, на танҳо манфиатҳои ҳаётан муҳими давлат, балки ҷомеа ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи амнияти давлатӣ оварда шудаанд. Мувофиқ ба ин саволе ба миён меояд, ки дар м.

309 ҚҶ ҶТ то чӣ андоза дар ибораи объектҳои бевоситаи тахрибшавӣ инъикос ёфтааст.

«Объекти иловагии тахрибкорӣ моликият ва объекти факултативияш ҳаёт ва саломатии инсон, олами набототу ҳайвонот, об, атмосфера ва дигар объектҳои олами моддӣ, ки дар натиҷаи тахрибкорӣ ба онҳо зарар расонида мешавад, мебошад» [208, с. 378]. Мавриди зикр аст, ки тахрибкорӣ метавонад ба дигар объектҳои амнияти давлатӣ ё амнияти иқтисодӣ ё иқтидори мудофиавии давлат зарар расонад, ки умуман дар м. 309 КҶ ҶТ зикр нашудаанд. Баъзе олимон амнияти ҳаёт ва саломатии одамонро як қисми таркибии таъмини амнияти давлат медонанд. Ин равиши илмӣ ба муҳаққиқони шӯравӣ бештар хос буд. Масалан, А.Н. Игнатев «таркиби тахрибкориро тибқи КҶ ИҶШС соли 1960 баррасӣ намуда, навишта буд, ки ҳангоми содир намудани тахрибкорӣ, ки ба талафоти одамон алоқаманд аст, набояд шахсияти шаҳрвандони шӯравӣ ҳамчун объекти ҷиноят эътироф карда шавад, зеро ҷиноят зидди зиндагии шахсони алоҳида равона нашудааст, балки бар зидди заминаи иқтисодии Иттиҳоди Шӯравӣ равона гардидааст, ки дар натиҷаи талаф гардидани шаҳрвандони шӯравӣ низоми фаъолияти сохаҳои гуногуни хоҷагии халқ заиф мегардад» [93, с. 137].

Дар баробари ин, таъқид намудан зарур аст, ки мавқеи эътирофи шахс ҳамчун объекти бевоситаи тахрибкорӣ дар баробари амнияти давлат аз ҷониби баъзе олимони шӯравӣ низ ёдоварӣ мегардид. Масалан, В.Д. Меншагин «дар тафсири Қонуни ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои давлатӣ» соли 1958 навишта буд, ки дар робита бо муқаррароти м. 5 ин Қонун чунин шаклҳои тахрибкорӣ, ба монанди содир кардани заҳролудкунии оммавӣ ва паҳн кардани эпидемия, бояд ба назар гирифта шавад, ки объекти мустақими ҳамла ҳангоми тахрибкорӣ на танҳо ин ё он моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, балки одамон низ будан метавонад» [83, с. 36]. «Имконияти ба объекти бевоситаи тахрибкорӣ ворид намудани ҳаёт ва саломатии одамонро ҳангоми таҳлили таркиби тахрибкорӣ тибқи КҶ соли 1960 М.И. Якубович низ дастгирӣ намуда буд» [61, с. 52].

Таърифи объектҳои бевоситаи тахрибкорӣ, бо аҳаммитянокии баъзе муқаррарот аз якдигар фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, С.И. Селетский «таҳти объекти бевоситаи тахрибкорӣ, вобаста ба шаклҳои содир шудани он, асосҳои иқтисодӣ, амнияти дохилӣ, инчунин ҳаёт ва саломатии одамон, амнияти иқтисодӣ ва ғайраро ворид менамояд» [106, с. 496]. Тахрибкорӣ ба амнияти дохилии давлат, ба пояҳои иқтисодии он, инчунин ба амнияти ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ҳаёти одамон таҷовуз менамояд. Баъзе муаллифон ҳангоми муайян кардани объекти бевоситаи тахрибкорӣ ба амнияти давлат дар самтҳои алоҳидаи он ё дар бораи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини ҳифзи амнияти миллӣ ишора мекунанд. Ҳангоми ҳалли масъалаи муайян кардани объекти бевоситаи тахрибкорӣ ва механизми расонидани зарар ба онҳо бояд баррасии муқаррароти зер ба назаргирифта шавад:

1. Объекти бевоситаи тахрибкорӣ бояд нисбат ба шакли алоҳидаи тахрибкорӣ ё якчанд шакли он муайян карда шавад (агар онҳо аз ҷиҳати хусусияти хатари ҷамъиятии амалҳои дахлдор ба ҳам монанд бошанд). Аз ҷумла тибқи диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ шаклҳои тахрибкорӣ равона карда шудаанд ба:

а) нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот:

б) нобуд ё вайрон кардани роҳ ва воситаҳои нақлиёт;

в) нобуд ё вайрон кардани воситаҳои алоқа;

г) нобуд ё вайрон кардани объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ

2. Ҳангоми мушаххас намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки объекти бевоситаи тахрибкорӣ эътироф карда мешаванд, бояд доираи муносибатҳои ҷамъиятиро муайян кард, ки вобаста ба онҳо санад қабул шудааст. Аз ҷумла, м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» рӯйхати зерро муқаррар намудааст, ки ба объекти амният дохил мешаванд: ҳифзи ҳуқуқ, мубориза бо коррупсия, фаъолиятҳои марзӣ ва мудофиа, сиёсати муҳоҷират, ҳифзи саломатӣ, маориф ва илм, сиёсати илмию техникӣ ва инноватсионӣ, рушди фарҳангии аҳолӣ, таъмини озодии сухан ва амнияти иттилоотӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва нафақа, хадамоти манзилию коммуналӣ, бозори хадамоти молиявӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият, бозорҳои саҳмияҳо ва гардиши коғазҳои қиматнок, молиявӣ ва сиёсати гумрукӣ, тиҷорат, бозори хидматҳои бонкӣ, сиёсати сармоягузорӣ, фаъолияти аудиторӣ, сиёсати пулию қарзӣ, ҳифзи иттилоот,

иҷозатномадиҳӣ, саноат ва кишоварзӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, технологияҳои иттилоотӣ, энергия ва ҳифзи он, фаъолияти монополияҳои табиӣ, истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, замин ва об, захираҳо, сарватҳои зеризаминӣ, ҳифзи экология ва муҳити табиӣ ва ғ. Аммо ин рӯйхат мукаммал нест, аз ин рӯ, ҳангоми тахрибкорӣ метавонад ба соҳаи дигари муносибатҳо низ таҷовуз намояд;

3. Дар ҳар як объекти мушаххас арзиши асосии иҷтимоӣ бояд муқаррар карда шавад, ки барои ҷомеа ва давлат ҳаётан муҳим аст ва ба сатҳи пояҳои амнияти иқтисодӣ ва амнияти давлатӣ мерасад;

4. Предмети таҷовузи ҷиноятӣ унсури муносибатҳои иҷтимоии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда аст, ки таҳти таъсири мустақими ҷиноятӣ қарор мегирад ва дар навбати аввал осеб мебинад. Барои комилан ва дақиқ нишон додани механизми расонидани зарар ба объекти тахрибшавӣ онро алоҳида муайян кардан лозим аст: 1) нисбат ба амалҳое, ки ба м. 309 КҶ ҶТ ворид карда шудаанд сохтори ҷинояти кутоҳкардашударо ташкил медиҳанд ва 2) нисбат ба амалҳое, ки баъд аз пайдоиши асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба анҷом расонидашуда содир карда мешаванд ва амалисозии нияти шахс.

Мавриди зикр аст, ки дар тафовут аз кодексҳои шӯравӣ ва баъзе кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ м. 309 КҶ ҶТ ба сифати объекти ин ҷиноят ҳаёт ва саломатии одамонро пешбинӣ намекунад. Аммо бояд гуфт, ки дар бештари ҳолатҳои тахрибкорӣ дар шакли таркишҳо, сӯхтор ё дигар амалҳо, куштори оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатии онҳо, ё амалҳое, ки бо паҳн кардани эпидемия, эпизоотия ва эпифитотия алоқаманданд, ба вуҷуд меояд. «Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар заминаи объекти бевоситаи тахрибкорӣ ба ҳаёт ва саломатӣ ба таври гуногун ишора мекунад. Ҳамин тавр, баъзе олимон ҳаёт ва саломатии инсонро ба сохти дохилии объекти бевоситаи тахрибкорӣ дохил мекунанд» [219, с. 241]. Баъзе олимон ба ҳаёт ва саломатии одамон аз нуқтаи назари аҳамияти онҳо барои давлат диққат медиҳанд. Масалан, «Р.Л. Чорний мегуяд, ки қонунгузор, ки чунин навъи ҷиноятро ба монанди таркишҳо, оташзанӣ ё амалҳои дигаре, ки ба куштори оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё осеби дигар ба саломатии онҳо нигаронида шудаанд, пешбинӣ намуда, потенсиали инсониро

ҳифз мекунад, ки асоси тамоми потенсиалҳои давлат аст ва бе амнияти он мавҷудияти давлат ба мисли ин номумкин аст» [187, с. 261-272]. Аммо, аксари муаллифон ҳаёт ва саломатиро танҳо ҳамчун як объекти иловаи тахрибкорӣ меноманд. Ин тасмим замоне гирифта шуд, ки қонунгузор тахрибкориро ҳамчун ҷиноят алайҳи давлат эътироф кард ва дар сатҳи қонунгузорӣ ҳаёт ва саломатӣ ҳамчун объекти мустақили амнияти давлати эътироф шуданд.

Мувофиқи таърифи мавҷудаи қонунгузории амнияти миллӣ ҳаёт ва саломатии инсон чунин объекти мустақили алоҳида мебошад ва аз ин рӯ онро ба объектҳои иловагӣ нисбат додан мумкин нест ва объекти бевоситаи тахрибкорӣ метавонад ҳамчун «манфиатҳои асосӣ дар соҳаи бехатарии ҳаёт ва саломатӣ, амнияти низоми иқтисодии он, амнияти мудофиавӣ» эътироф шавад. Аммо ин мавқеъ хусусиятҳои муҳимми ҳаёт ва саломатии инсонро ҳамчун объекти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ дар м. 309 КҶ ҶТ инъикос намекунад.

Ҳаёт ва саломатӣ бояд ҳамчун арзиши асосии ҷамъиятие эътироф карда шаванд, ки ҳангоми содир кардани тахрибкорӣ дар шаклҳои мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо бар хилофи дигар моддаҳои Қисми махсуси КҶ, ки ин арзишро ҳифз мекунанд м. 309 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои амалҳое, ки ба ҳаёт ё саломатии бисёр одамон зарар мерасонад ё таҳти таҳдиди расонидани чунин зарар баррасӣ намекунад. Маҳз мавҷудияти таҷовуз ба ҳаёти оммавии одамон аз баланд шудани хатари иҷтимоии ин амалҳо гувоҳӣ медиҳад ва зарурати ҳифзи чунин муносибатҳои ҷамъиятиро дар сатҳи олӣ - асосҳои амнияти миллӣ ба вуҷуд меорад.

Н.А. Қудратов, А.Ф, Бантишев А.Ф. ва А.В. Шамара пешниҳод менамоянд, ки дар таркиби тахрибкорӣ илова намудани номгӯи амалҳое, ки метавонанд ба дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷовуз оварад, зарур мебошад:

1) ҳангоми содир кардани тахрибкорӣ дар шакли таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ равона шудааст ва дар натиҷа куштори оммавии одамон ба вуҷуд омадааст;

2) «содир намудани амалҳое, ки ба паҳн кардани эпидемия равона шудаанд – таҷовуз ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки амнияти ҳаёт ва ё саломатии бештари одамонро таъмин мекунанд» [55, с. 210], [165, с. 203-206].

3) Дар адабиёти илмӣ [165, с. 204] чунин шакли содир гардидани тахрибкорӣ паҳн кардани эпизоотия ё эпифитотия қайд мегардад, ки ба м. 309 ворид намудани онҳоро мо низ мувофиқи мақсад мешуморем. Эпизоотияро ҳамчун паҳн шудани бемориҳои сирояткунандаи ҳайвонот дар як муддати кӯтоҳ муайян мекунад, ки ин аз густариши маъмулии ин бемориӣ дар ҳудуди мавриди зикр зиёдтар аст ва эпифитотия – дар як ё якчанд воҳиди маъмурию ҳудудӣ паҳн шудааст ва бемориҳои сирояткунандаи рустанӣ аз сатҳи маъмулии ин бемориӣ дар ин минтақа хеле зиёдтар аст. Ҳамин тавр, маҳз паҳн шудани бемориҳои сироятӣ метавонад ба бисёр ҳайвонот ё наботот зарар расонад ё зарари дигари ҷиддиро ба вуҷуд оварад.

Мавҷудияти хусусиятҳои умумӣ дар ин шаклҳои тахрибкорӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҳамзамон сохтори муносибатҳои ҷамъиятиро, ки объектҳои бевоситаи тахрибкорӣ мебошанд, таҷдиди назар кунем. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки шаклҳои баррасишудаи тахрибкорӣ амалҳоеро дар бар мегиранд, ки ба паҳн кардани эпизоотия ё эпифитотия дар байни ҳама гуна ҳайвонот ё наботот ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил карда мешаванд. Аммо возеҳ аст, ки на ҳамаи онҳо бо аҳаммияти иҷтимоие, ки доранд объектҳои амнияти иқтсодӣ, иқтидори мудофиавии давлат мебошанд. Аз ин рӯ, интихоби чунин объект дар робита ба шакли тахрибкорӣ шарҳи назариявиро тақозо мекунад: а) тафовутҳо дар аҳаммияти иҷтимоии навъҳои гуногуни ҳайвонот ва наботот; б) муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар онҳо ҳайвонот ё наботот предмет мебошанд; в) моҳияти иҷтимоии амалҳои таҳрибкорона ва оқибатҳои эҳтимолии онҳо.

Дар байни муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар онҳо ҳайвонот ё наботот предмети онҳо мебошанд, фарқ кардани ду навъи асосии онҳо муҳим аст: экологӣ ва иқтисодӣ. Дар муносибатҳои экологӣ ҳайвонот ва наботот ҳамчун объекти табиӣ аҳаммияти асосии иҷтимоӣ доранд ва дар муносибатҳои иқтисодӣ онҳо хусусияти моликиятӣ доранд, ки арзиши иҷтимоияшон бо маҷмуи омилҳо ба монанди дигар намудҳои моликият ё мол муайян карда мешавад.

Объекти бевоситаи тахрибкорӣ, ки дар натиҷаи таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиа нигаронида шудаанд, муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки амнияти объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавиро таъмин мекунанд.

Ҳамин тавр, предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки объекти бевоситаи тахрибкорӣ дар шаклҳои мавриди баррасӣ қарор гирифта мебошанд, бехатарии ҳайвонот ва наботот мебошад. Эътирофи ҳайвонот ва наботот ҳамчун объекти амнияти давлатӣ дар ҳар сурат бояд бо дарназардошти бехатарии бисёр ҳайвонот ва наботот, ки арзиши иҷтимоии онҳо ба сатҳи объектҳои амнияти миллӣ мерасадва мансубияти онҳо ба ҷомеаи мушаххас муайян карда шавад. Ҳалокати оммавии ҳайвонот ё наботот бар асари паҳн шудани эпизоотия ё эпифитотия метавонад як офати табиӣ бошад. Масалан, таърих гувоҳ аст, ки дар соли 1996 дар Бритониё беш аз 500 000 ҳайвони соҳаи кишоварзӣ ба ҳуҷуми ҳашароти зараррасон мубтало шудаанд. Зарурати нобуд кардани ҳайвоноти бемор ва партофтани онҳо боиси хароҷоти зиёди молиявӣ шудааст. Содироти гӯшт боздошта шуд ва соҳаи чорводорӣ дар остонаи харобӣ қарор гирифт. Дар натиҷа сатҳи истеъмоли гӯшт дар Аврупо якбора коҳиш ёфт ва бозори гӯшти он ноором шуд. Паҳн шудани эпифитотия низ хатарнок аст. Дар шароити муайян, паҳн шудани бемориҳои сирояткунандаи рустаниҳо, ки аз тарафи ҷинояткорон сурат мегирад, метавонад ҳосилнокиро ба таври назаррас коҳиш диҳад ва хатари гуруснагиро ба вуҷуд орад. Паҳн шудани эпифитотия метавонад ба сарвати мавҷудаи миллӣ зарар расонад. Зарарҳо дар натиҷаи чунин амалҳо метавонанд на танҳо хусусияти иқтисодӣ, балки экологӣ низ дошта бошанд ва бо дарназардошти фоидаи аздастрафта андозаи онҳо бешумор бошад. Аммо ҷумлаи «амалҳое, ки ба паҳншавии эпизоотия ё эпифитотия нигаронида шудаанд», ки дар моддаи мазкур пешбинӣ нагардидааст, мувофиқи хусусиятҳои ҳуқуқии расмии худ таҷовузро низ дар бар мегирад, ки аз рӯйи дараҷаи хатари ҷамъиятӣ ба сатҳи асосҳои амнияти миллӣ нарасидаанд. Ин зарурати такмил додани ҷинояти тахрибкориро нишон медиҳад. Ба андешаи мо, барои ҳалли ин мушкилот дар м. 309 КҶ ҶТ ибораи «объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ё

мудофиавӣ» бояд бо иборае иваз карда шавад, ки ҳайвонот ва набототро ҳамчун объекти амнияти миллӣ фаро гирад.

Ҳангоми омӯзиши объект ва предмети тахрибкорӣ мо чунин мешуморем, ки предмети ин ҷиноят аломати факултативии ҷиноят аст ва бояд дар доираи объекти ҷиноят таҳлил карда шавад. Он дар арзишҳои моддӣ, ашё ё падидаҳои олами объективӣ (ашё, иттилоот, энергия) зоҳир мегардад, ки дар бораи он ё бо таъсири бевосита ба он (ё бе чунин таъсир) ҷиноят содир шудааст ё бо баъзе хусусиятҳое, ки қонуни ҷиноятӣ дар амали шахс мавҷуд будани нишонаҳои ҷинояти мушаххасро мепайвандад. Предмети ҷиноят метавонад бо предмети муносибатҳои ҳифзшавандаи ҷамъияти мувофиқат кунад; инчунин ифодаи моддии (субстрат) муносибатҳои ҷамъиятӣ ё шарти зарурии фаъолияти мӯътадили онҳо бошад. «Барои комилан ва ҳамаҷониба ифшо кардани мазмуни предмети ҷиноят муқаррароти назариявие, ки М.И. Панов дар бораи зарурати фарқи кардани хусусиятҳои физикӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии предмети ҷиноят таҳия кардааст, аҳаммияти хоса дорад» [174, с. 72].

Объекти тахрибкорӣ хусусиятҳои ҳуқуқии муҳим дорад, аз он, ки тахрибкорӣ аз нуқтаи назари объективӣ метавонад дар шаклҳои гуногун сурат гирад, аммо на ҳамаи онҳо хусусияти предмети ҷиноятро доранд. Дар чунин шароит он асарҳои илмӣ сазовори тавзеҳҳои интиқодӣ мебошанд, ки дар онҳо предмети тахрибкорӣ новобаста ба шаклҳои ҷиноят номбар карда мешавад. Дар чунин мавридҳо хавфи бандубасти нодурусти м. 309 КҶ ҶТ вуҷуд дорад, ки дар натиҷаи нодуруст фаҳмидани амалкунанда ба вуҷуд омадааст ва дар он предмети мушаххас хусусияти ҳатмии таркиби тахрибкорӣ мебошад. Аз ин рӯ, он муаллифоне, ки объектҳои тахрибкориро, ки танҳо ба шаклҳои муайяни содир кардани чунин ҷиноят марбутанд, ҷудо мекунанд.

Бо дарназардошти он ки предмети ҷиноят наметавонад ҳаёт ва саломатии одамон бошад [167, с. 101-109], мо пешниҳод мекунем, ки навъҳои зерини объектҳои тахрибкорӣ ҷудо карда шаванд: 1) объектҳое, ки аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд; 2) қаламрав – ҳангоми содир намудани амалҳое, ки ба олудагии радиоактивӣ нигаронида шудаанд; 3) ҳайвонот – ҳангоми содир кардани амалҳое, ки ба

заҳролудии оммавӣ ё паҳн шудани эпизоотия нигаронида шудаанд; 4) рустаниҳо – ҳангоми иҷрои амалҳое, ки ба паҳн шудани эпифитотия нигаронида шудаанд.

Муайян кардани хусусиятҳои ҷисмонӣ ва ҷамъиятии онҳо барои тавсифи ин объектҳои тахрибкорӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро бо ёрии онҳо мундариҷаи табиӣ ва иҷтимоии ин ашёро ифшо мекунанд, ки барои дуруст ба роҳ мондани амали онҳо мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, хусусияти ҷисмонии объекти ҷиноят якҷоя бо хусусиятҳои миқдор, сифат, шакл, ҳолат ва сохтор хосиятҳои табиии онро инъикос мекунад ва аломати иҷтимоӣ - мавҷудияти иҷтимоии он ва аҳаммияти он барои одамон мебошад.

Қонунгузории амалкунанда таърифҳо ва рӯйхати объектҳоеро дар бар намегирад, ки аҳаммияти миқтисодӣ ё мудофиавӣ дошта бошанд ва ҳамчун предмети тахрибкорӣ кунанд. Олимон ин масъаларо бо роҳҳои гуногун ҳал кардаанд. Бале, баъзе олимон танҳо объектҳоеро номбар мекунанд, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд. Аз ҷумла, онҳо нерӯгоҳҳои барқӣ, ширкатҳои дифоӣ, роҳҳо, лӯлаҳои нафту газ, қубурҳо, пулҳо, сарбандҳо, нақбҳо, фурудгоҳҳо, метроҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, киштиҳо, ҳавопаймоҳо ва ғайра мебошанд. Ин равиш саволи амалиро, ки «Оё дар ҳама ҳолатҳо ин гуна ашё бояд предмети ҷиноят дониста?» шаванд, беҷавоб мегузорад, масалан, дар мавриди пулҳое, ки аҳаммияти иҷтимоии онҳо гуногун аст.

Баъзе олимон мекӯшанд меъёреро пайдо кунанд, ки мувофиқи он мансубияти ашёи мушаххасро ба ашёи дорои аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиа эътироф кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, ба андешаи «М.И. Хавронюк, инҳо биноҳо, иншоот ва дигар объектҳое мебошанд, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд ва ба фаъолияти онҳо фаъолияти ҳаётии баъзе минтақаҳо ё дигар минтақаҳои калон, фаъолияти дурусти баъзе бахшҳои иқтисодиёт, мақомоти давлатӣ вобастагӣ дорад (нерӯгоҳҳои барқӣ, об, нафт, газ, лӯлаҳои нафт, пулҳо, сарбандҳо, сарбандҳо, системаҳои алоқаи иттилоотӣ, истгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, бандарҳои баҳрӣ ё дарёӣ, метроҳо ё дигар корхонаҳои муҳим, новобаста ба моликият, низомӣ ва ғ.), аз ҷумла корхонаҳое, ки нобуд шудан ё вайрон шудани онҳо худ як омили хавф аст (корхонаҳои кимиёвӣ, биологӣ, корхонаҳои истеҳсоли маводи заҳролуд, моддаҳо ва

маҳсулот, истеҳсол ё нигоҳдории маҳсулоти ба сӯхтор номувофиқ, истеҳсол бо пайваста равандҳои технологӣ дар саноати кимиё, микробиология ва ғ.)» [87, с. 1064].

О.М. Грудзур ва В.И. Шакун «мансубияти ашёро ба объектҳое, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд, бо фароҳам овардани шароити муқаррарии зиндагӣ барои шумораи зиёди одамон ё фаъолияти муътадили минтақаҳои калон (минтақаҳо ё воҳидҳои калони маъмурӣ) мепайванданд. Ба ин муаллифон иншооти электрикӣ (нерӯгоҳҳои барқӣ, хатҳои барқ), комплекси маводи сӯхту энергетикӣ (нафт, лӯлаҳои газ, истгоҳҳои насосӣ, анборҳои нафту газ), коммуникатсияи нақлиётӣ (роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, шоҳроҳҳо ва ғайра), манзилию коммуналӣ хадамотӣ (шабакаҳои таъминоти гармӣ ва об, иншооти поксозӣ, коллекторҳо, истгоҳҳои насосӣ), махсусан иншооти муҳимми муҳофизатӣ (сарбандҳо ва ғайра), объектҳои дорои аҳаммияти мудофиавӣ (постҳои фармондҳӣ, қисмҳои ҳарбӣ, фурудгоҳҳои ҳарбӣ, пойгоҳҳои баҳрӣ ва ғайра) ва инчунин биноҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатиро дохил мекунанд» [87, с. 1064].

Э.Д. Скулиш ва О.Ю. Звонарев чунин мешуморанд, ки инҳомуҳимтарин объектҳое мебошанд, ки фаъолияташонҳамоҳангшуда ва бефосила буда, қисмҳои алоҳидаи иқтисодиётро ҳамчун маҷмуи ягонаи иқтисодӣ ва давлатӣ фаро мегирад ва дар сурати таҷовуз ба онҳо зарар расонида мешавад [121, с. 427]. Минбаъд муаллифон мундариҷаи онҳоро тавзеҳ медиҳанд, объектҳоеро, ки барои аҳаммияти иқтисодии биноҳо, иншоот, роҳҳо ва воситаҳои алоқа, системаҳои иттилоотии коммуникатсионӣ, шабакаҳои компютерӣ, воситаҳои зиндагӣ ва дигар объектҳоеро, ки фаъолияти онҳо ба фаъолияти ҳаётан муҳим вобаста аст, фарқ мекунанд. Дар зери объектҳои дорои арзиши муҳимми мудофиавӣ биноҳо, иншоот, анборҳо ва дигар обектҳо мавҷуданд ё вайрон шудани онҳо ба омодагии ҷангӣ ва қобилияти ҷангӣ таъсири манфӣ мерасонад. Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои низомие, ки корхонаҳои комплекси саноатӣ, анборҳои хурокӣ, силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ, постҳои фармондиҳӣ, қалъаҳо, таҷҳизоти назорати оташ, алоқа, таҷҳизоти махсуси нерӯҳои муҳандисӣ ва сарбозонро дар бар мегиранд. Аммо олимон барои муайян кардани меъёри таъйиннамудани объектҳои мушаххас ба предмете, ки аҳаммияти

муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд, муносибати яксон надоранд ва баъзеи онҳо иборaҳои диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ-ро аслан такрор мекунанд.

Ҳамин тавр, навъҳои ашёе, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё иқтидори мудофиавӣ доранд, мувофиқи хусусиятҳои физикияшон метавонанд эътироф карда шаванд: 1) ашё; 2) натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, эҷодӣ; 3) иттилоот.

Рушди илмию техникӣ доираи муносибатҳоро васеъ менамояд, ки метавонанд ҳадафи тахрибкорӣ қарор гиранд ва ҳамчун предмети он баромад намоянд. Ҳоло арзиш ва аҳаммияти иттилооте, ки дар самтҳо ва соҳаҳои гуногуни илм, техника, менеҷмент истифода мешавад, новобаста ба шакли ифода, муттаҳидсозӣ, ҳифз ва интиқоли он, хеле афзоиш ёфтааст. Сатҳи баланди рушди технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи васеи онҳо дар раванди фаъолияти корхонаҳо, сохторҳо, хатсайрҳо ва воситаҳоинақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ аз андешиданичораҳои дахлдори муҳофизатӣ таҷовузи ҷиноятӣ вобастагӣ дорад. Амнияти иттилоотии ин объектҳо яке аз шартҳои асосии фаъолияти муътадили иқтисодиёт ва мудофиа мебошад. Илова бар ин, амнияти иттилоотӣ дар системаи амнияти миллӣ нақши муҳим мебозад, зеро дар баъзе соҳаҳо мудофиа ва амнияти иқтисодӣ бевосита ба иттилоот вобастагӣ доранд. «Фаъолиятҳое, ки ба амнияти иттилоотии кишвар халал мерасонанд, тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи амният», яке аз шаклҳои таҳдид ба амнияти миллӣ мебошад. Олимон дигар таваҷҷуҳро ба зарурати ба рӯйхати объектҳои тағйир додани иттилоот ҷалб намудаанд ва дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ ҳатто намунаҳои ба ном тахрибкории иттилоотӣ масъалагузорӣ карда шудааст ва амалҳои тахрибкории киберӣ» [155, с. 320]. «Воқеан, дар шароити ҷаҳонишавӣ амнияти иттилоотӣ аҳаммияти бештар пайдо карда, ба яке аз унсурҳои муҳимми амнияти миллӣ табдил меёбад» [156, с. 296-298]. Санади асосии ҳуқуқие, ки заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон ва шаҳрванд, ҷомеа ва давлат, манфиатҳои миллии дар фазои маҷозиро муайян мекунад, Қонун «Дар бораи ҳифзи иттилоот» 12 ноябри соли 2002, таҳти №334 мебошад. Бояд гуфт, ки ҷинояти киберӣ ҳамчун амали ҷиноятии хатарноки ҷамъиятӣ дар фазои маҷозӣ ва ё истифодаи он муайян мекунад, ки ҷавобгарии он дар КҶ пешбинӣ шудааст ва ё тибқи шартномаҳои байналмилалии ҷиноят эътироф шудааст, яъне онро

ҳама гуна ҷиноят тибқи КҶ, ки дар фазои маҷозӣ ва ё бо истифода аз он, аз ҷумла барои тахрибкорӣ содир мегардад, метавон баррасӣ кард.

Аммо бояд зикр намуд, ки дар кадом шароит ва дар кадом маврид маълумотро метавон предмети тахрибкорӣ эътироф намуд. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» - иттилоот ҳама гуна маълумоте эътироф карда мешавад, ки дар васоити ҷисмонӣ нигоҳ дошта мешаванд ё ба таври электронӣ намоиш дода мешаванд [14, С. 320]. Яъне, таърифи қонунгузории иттилоот ҳам иттилооти ҳуҷҷатгузоришударо, ки дар васоити моддӣ сабт шудааст ва ҳам иттилооти ҳуҷҷатношударо дар бар мегирад. Мувофиқи хусусияти ҷисмонии предмети ин ҷиноят танҳо маълумоте, ки бо амалҳои ҷиноятӣ несту нобуд кардан мумкин аст, ҳамчун субъективӣ эътироф карда мешавад. КҶ як қатор қоидаҳоро дар бар мегирад, ки амнияти иттилоотиро ҳифз мекунанд. Масалан, м.311-и КҶ сирри давлатиро аз ифшои маълумоте, ки онро ташкил медиҳад ва м.312 -и КҶ  аз гум шудани ҳуҷҷатҳо ё дигар васоити ахбори дорои сирри давлатӣ ҳифз мекунад. Дар сурати нобуд ё вайрон шудани иттилооти дорои сирри давлатӣ ё дигар маълумоти муҳим, яъне бо вайрон кардани тамомияти он, ҷавобгарӣ тибқи м.309 КҶ, ки онро аллакай баъзе олимон ёдоварӣ кардаанд, ба вуҷуд мояд. Дар адабиёти илмӣ аҳамияти махсуси пешгирии тағйироти беиҷозат ё нобудсозии иттилоотро таъкид мекунанд. Ин асосан барои системаи ҷаҳонии мониторинги иқтисодии кишвар ва идоракунии системаҳои технологияҳои хатарнок, аз қабили нерӯгоҳҳои атомӣ муҳим аст. Дар ҷомеа технологияҳои иттилоотӣ, ки асоси бештари равандҳои идоракунӣ ва равандҳои иҷтимоӣ мебошанд, аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Чунин технологияҳо дар системаҳои ягонаи таъмини энергия, системаҳои нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан нақши муҳим доранд.

Ҳамин тавр, ин гуна предмет дар сурати нобуд шудан ё осеб дидан предмети тахрибкорӣ бояд дониста мешавад.

Мисоли натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ ҳамчун объекти дорои аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиа метавонад ихтирооти гуногун, аз ҷумла штампҳои нави микроорганизмҳо бошад. Умуман, мо метавонем хулоса кунем, ки объектҳое, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд, аз рӯйи хусусиятҳои ҷисмонияшон танҳо он объектҳое эътироф карда мешаванд, ки: 1) моддӣ (онҳоро бо

ҳиссиёти инсон ё воситаҳои махсуси техникӣ дарк кардан мумкин аст) ва 2) онҳо ки бо кирдорҳои ҷинояткорона несту нобуд ё вайрон шуда метавонанд. Хусусиятҳои ҷамъиятии объектҳое, ки объекти тахрибкорӣ шуморида мешаванд, аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавии онҳо мебошад. Муайян кардани ин хусусиятҳо ҳам дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам дар амалияи он душвориҳои ҷиддиро ба миён меорад. Ин асосан аз он вобаста аст, ки қонунгузор консепсияи баҳодиҳии «аҳаммият»-ро истифода кардааст ва ин маънои онро дорад, ки чунин аҳамият танҳо дар асоси тамоми ҳолатҳои воқеии парвандаи мушаххас ва маълумоти мушаххас дар бораи объекти мушаххас (ҷиноят) муқаррар карда мешавад.

«Дар баъзе кишварҳои хориҷӣ иттилооти муҳим ҷузъи инфрасохтори ба истилоҳ иттилоотӣ мебошад, ки ҳамчун системаҳо ва захираҳои муҳимми физикӣ ё виртуалӣ муайян карда мешавад, ки корношоямӣ, несту нобуд кардани онҳо ба амнияти миллӣ, мудофиаи миллӣ таъсири харобиовар мерасонад ё ҳаёт» [223].

Ҳангоми муқаррар кардани аҳаммияти объекте, ки предмети тахрибкорӣ мебошад, ҳамаи ҳолатҳои воқеии парвандаи мушаххас ва маълумоти зикргардидаро дар бораи ашёи мушаххас (предмети ҷиноят) ба назар гирифтан лозим аст. Дар аксари мавридҳо мавҷуд будани рӯйхатҳои мушаххаси объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ дар сатҳи қонунгузории ҶТ метавонад барои дуруст ҳал кардани ин масъала кӯмак кунад. Аммо бояд дар назар дошт, ки меъёрҳое, ки барои тартиб додани рӯйхатти чунин объектҳо истифода мешаванд, наметавонанд пурра ё қисман бо меъёрҳои баҳодиҳии аҳамияти предметҳои м. 309 КҶ ҶТ мутобиқат кунанд. Инфрасохтори муҳим маънои маҷмуи иншооти инфрасохтори давлатиро дорад, ки барои иқтисодиёт ва саноат муҳимтарааст, фаъолияти ҷомеа ва амнияти ҷамъиятӣ ва аз кор баровардан ё нобуд кардани онҳо метавонад ба амнияти миллӣ ва мудофиа, муҳити зист таъсир расонад. Дар зери мафҳуми инфрасохтори муҳим – корхонаҳо ва муассисаҳои (новобаста ба шакли моликият) соҳаҳои энергетика, саноати кимиё, нақлиёт, бонкдорӣ ва молия, технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсия (алоқаҳои электронӣ), маводи хӯрокӣ, тандурустӣ, коммуналӣ, ки аз ҷиҳати стратегӣ барои фаъолияти иқтисод ва амнияти давлат, ҷомеа ва аҳолӣ муҳимманд, фаҳмида мешавад.

Дар бандубасти тахрибкорӣ предмети он нақши муҳим мебозад. Номгӯи предметҳое, ки дар натиҷаи тахрибкорӣ зарар мебинанд, бевосита дар м. 309 КҶ ҶТ нишон дода шудааст, ки онҳо ҳамчун ашёи моддӣ ба монанди корхона ва иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ мебошанд. «Предмети ҷиноят дар таркиби тахрибкорӣ ҳангоми бандубаст нақши муҳим мебозад. Предметҳое, ки дар м. 309 КҶ ҶТ ба таври мушаххас номбар гардидаанд, инҳоянд: корхонаҳо, иншоотҳо, роҳҳо ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ» [167, с. 101-103].

**Корхона ҳамчун объекти тахрибкорӣ.** Истилоҳи «корхона» дар ҳуқуқи маданӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад. Аввалан, ҳамчун субъекти ҳуқуқи гражданӣ (масалан, корхонаи воҳиди давлатӣ ва корхонаи давлатӣ ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ). Дувум истилоҳи «корхона» ба маънои дар КМ ҶТ истифодагардида, яъне ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, як шакли амволи ғайриманқуласт ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад. «Корхонаҳо (ҳамчун объекти тахрибкорӣ) фабрикаҳо, заводҳо ва дигар иншооти саноатӣ ва кишоварзие мебошанд, ки нобуд ё вайрон шудани онҳо амнияти иқтисодӣ ва қобилияти мудофиавии ҶТ-ро ноустувор мекунад» [208, с. 179].

Ҳамин тавр, ба истилоҳи «корхона» тибқи м. 309 КҶ ҶТ корхонаҳои воҳиди давлатӣ, корхонаҳои давлатӣ, инчунин дигар шахсони ҳуқуқӣ (новобаста ба тобеияти идоравӣ ва шакли моликият), ки амнияти иқтисодии давлат ба онҳо вобаста аст ё фармоиши давлатии мудофиаи давлат ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, фаҳмида мешавад. Масалан, мувофиқи м. 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи мудофиа» (аз 4 ноябри соли 1995, таҳти №208), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста ба тобеияти идорӣ ва шакли моликияташон мутобиқи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ: фармоишҳои давлатӣ ва ӯҳдадориҳои шартномавиродар бораи ташкил, истеҳсол, таъйин ва таъмири аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, дигар амвол ва ресурсҳои ҳарбӣ, корҳои пудратӣ ва адои хидматҳо барои эҳтиёҷи Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ ва дигар воҳидҳои ҳарбӣ иҷро мекунанд.

**Иншоот ҳамчун объекти тахрибкорӣ.** «Иншоот мутобиқи Кодекси шаҳрсозии ҶТ объектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ, низоми ҳаҷмӣ, сатҳӣ ё хаттии сохтмонӣ, ки аз конструксияҳои борбардор, панҷарагирӣ ё якҷоя шуда таркиб ёфта, барои иҷрои шаклҳои гуногуни равандҳои истеҳсолӣ, нигоҳдории мавод, маснуот, таҷҳизот, инчунин барои будубоши муваққатии одамон, аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани одамон, бор ва ғайра таъйин гардидаанд» [8]. Мафҳуми мазкур маҳдуд буда, танҳо он сохторҳоеро дар бар мегирад, ки бевосита бо фаъолияти шаҳрсозӣ алоқаманданд.

«Иншоот (constructions) иншооти анҷомёфта мебошад, аз ҷумла ба монанди сарбандҳо, пулҳо, роҳҳо, роҳҳои оҳан, хатҳои парвоз, хатҳои таъминоти об, хатҳои гармидиҳӣ, хатҳои таъминоти барқ, лӯлаҳо, системаи канализатсия ё натиҷаи амалиёт, масалан корҳои заминсозӣ, равандҳои геотехникӣ, ба истиснои биноҳои истиқоматӣ ва корҳои марбут ба онҳо дар майдони сохтмон» [88, с. 10].

«Номгуи баъзе навъҳои иншоот дар қонунҳои соҳавии ҶТ оварда шудааст. Масалан, дар соҳаи гидротехникӣ мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ» (аз 29 декабри соли 2010, таҳти №666) чунин шакли алоҳидаи иншооти зикр шудааст: иншоотҳои гидротехникӣ - сарбандҳо, биноҳои неругоҳҳои обии барқӣ, иншооти обпартоҳо, обҷамъкунию обсардиҳӣ, нақбҳо, каналҳо, истгоҳҳои обкашӣ, иншооти таъинотӣ барои ҳифз намудан аз обхезӣ, вайроншавии деворбандии соҳил, таги обанборҳо ва дарёҳо, иншоотҳои ҳифзкунандаи анборҳои нигоҳдории партовҳои моеъдори корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ, таҷҳизот барои пешгирӣ намудани рахнашудаи каналҳо, инчунин дигар иншооте, ки барои истифодаи захираҳои обӣ ва пешгирӣ намудани таъсири номатлуби об ва партовҳои моеъ таъйин шудаанд» [10].

Иншоотҳо дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ бошад, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» аз 3 июли 2012, таҳти №847 пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла роҳи оҳан, роҳҳои обии дохилӣ, хатсайрҳои пайвасткунанда, роҳҳои автомобилгард, нақбу пул, гузаргоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва автобусҳо, бандарҳои махсуси моҳидорӣ ва дарёӣ, воситаҳои бандарӣ, иншооти гидротехникии киштиронӣ, аэродромҳо, фурудгоҳҳо, объектҳои низоми алоқа, киштиронию

ҳавонавардӣ ва идораи ҳаракати воситаҳои нақлиётро дар бар мегиранд, инчунин дигар бино ва иншоот, дастгоҳҳо ва таҷҳизоте, ки фаъолияти маҷмӯи нақлиётро таъмин мекунанд.

Ҳамин тавр, иншоот натиҷаи сохтмон аст, ки барои иҷрои шаклҳои гуногуни равандҳои истеҳсолӣ, нигоҳдории маҳсулот, будубоши муваққатии одамон, ҳаракати одамон ва мол пешбинӣ шудааст. «Иншоотҳо, сохторҳо ба маънои маҳдуд объектҳое мебошанд, ки ба муҳити физикӣ ва табиӣ хидмат мекунанд, масалан роҳҳо, пулҳо, каналҳо, сарбандҳо (хусусан сарбандҳои гидроэнергетикӣ), фурудгоҳҳо, системаҳои канализатсия, лӯлаҳо ва роҳи оҳан. Н.А. Қудратов дуруст менависад, ки рӯшомиланд, номбар кардан ғайримумкин аст» [164, с. 399].

**Роҳ ва воситаҳои нақлиёт** ҳамчун объекти тахрибкорӣ ду объекти мустақили ба ҳам алоқаманданд: «роҳҳои нақлиётӣ ва воситаҳои нақлиёт». Роҳҳои алоқа хатсайрҳои нақлиётие ҳастанд, ки ба ҳар як навъҳои воситаҳои нақлиёт, ба мисли нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан, автомобилӣ, обӣ, барқӣ ва лӯлаи хосанд. На ҳама роҳҳои нақлиёт ҳамчун предмети тахрибкорӣ лӯлаӣ карда метавонанд. Қонуни ҶТ «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» (аз 3 июли 2012, таҳти №847), дар м. 7 таснифи объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт пешбинӣ мекунад, яъне, усулҳои алоқа, ки ба дараҷаи таҳдиди амал, дахолати ғайриқонунӣ ва оқибатҳои эҳтимолии он асос ёфтааст. Тавре ки маълум аст, на ҳамаи роҳҳои алоқаро аз нуқтаи назари қобилияти мудофиавӣ ва таъсири онҳо ба амнияти иқтисодӣ баррасӣ намудан мумкин аст. Бинобар ин мақомоти давлатии амнияти миллӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти давлатӣ дар соҳаи амнияти нақлиёт ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи рушди иқтисод, Ҳукумати ҶТ зарур аст, ки рӯйхати хатсайрҳои коммуникатсионӣ, ки амнияти иқтисодӣ ва қобилияти мудофиави аз давлат вобаста аст тартиб диҳанд. «Воситаҳои алоқа мошинҳо, қаторахо, ҳавопаймоҳо, киштиҳо, қубурҳо ва ғайра мебошанд. Воситаҳои нақлиёт – нақлиётҳои ҳавоӣ, роҳи оҳан, автомобилӣ, обӣ, барқӣ ва лӯлаӣ, ки барои ҳамлу нақл муқаррар шудаанд, шуда метавонанд» [11].

**Воситаҳои алоқа ҳамчун объекти тахрибкорӣ** ба воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва воситаҳои алоқаи почта тақсим карда мешаванд.

Воситаҳои алоқа мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи барқӣ» (аз 10 майи соли 2002, таҳти №56) – дастгоҳҳои техникӣ, таҷҳизот, иншоот ва системаҳое, ки барои ташаккул, коркард, интиқол, қабул ва коммутатсияи ишоратҳои электромагнитӣ ва оптикӣ истифода карда мешаванд, мебошанд. «Ба маҷмуи амволи алоқаи барқӣ биноҳо, аппаратура, таҷҳизот, иншооти кабелу канализатсионӣ ва хатти кабел, симчӯбҳои хатҳои алоқаи ҳавоӣ, таҷҳизоти хатти радиорелеии алоқа ва сиетемаҳои радиотелефонии алоқа (бесим), таҷҳизоти алоқаи радифии заминӣ, воситаҳои нақлиёт дохил мешаванд» [12]. «Воситаҳои алоқаи почта – биноҳо, иншоот, манзилҳои ғайрииқоматӣ, таҷҳизот ва нақлиёти алоқа, ашёи номӣ, мошинҳои тамғазанӣ, лифофаҳои почта, кортҳои почта ва зарфҳои почта, ки барои хизмати алоқаи почта истифода мешаванд» [13].

**Объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ** «ҳама гуна иншоот, аз ҷумла корхонаҳо, иншооте мебошанд, ки барои таъмини зиндагии муътадили аҳолӣ заруранд: шабакаҳои таъмини об ва канализатсияи коммуналӣ, хатҳои интиқоли барқ, системаҳои таъминоти гармӣ, системаҳои таъмини газ, вентилятсия, иншооти заҳкаш, лӯлаҳои маҳсулот, иншооти хизматрасонии тиббӣ, объектҳои системаҳои таъминоти маводи ғизоӣ, объектҳои будубоши оммавии аҳолӣ ва ғайра» [164, с. 382].

Таҳлили объектҳо ва ишшооти таъминоти зиндагии аҳолӣ нишон медиҳад, ки онҳо қисми ҷудонашавандаи якдигаранд. Масалан, фурудгоҳҳо, системаҳои канализатсия, лӯлаҳо ва роҳи оҳан ҳам иншоот ва ҳам объекти таъмини зиндагии аҳолӣ ҳисоб меёбанд. Ҳамин тавр, объекти таъминоти зиндагии аҳолӣ он объектҳое мебошанд, ки фаъолияташон ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки таъминоти зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст, ки барои ҳифзи ҳаёт ва нигоҳ доштани саломатии одамон дар ҳама гуна вазъият (осуда, фавқулода, ҳарбӣ) зарур мебошанд.

Корхонаҳо, иншоот, роҳҳо, воситаҳои нақлиёт ва воситаҳои алоқа, объектҳои таъмини зиндагии аҳолӣ ҳамчун предмети тахрибкорӣ барои рушди устувори ҶТ аҳаммияти иқтисодӣ ва мудофиавӣ доранд. Зарар ба онҳо метавонад ба вазъи амнияти миллии ҶТ дар умум таъсири манфӣ расонад, ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон таҳдид кунад. Барои ин, бо мақсади таъмини амнияти милилӣ дар Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи номгӯи объектҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва

стратегӣ» бояд рӯйхати объектҳои мушаххас тартиб дода шавад, ки барои амнияти иқтисоди ва иқтидори мудофиавии давлат муҳим мебошанд.

Ҳамин тавр, мувофиқи шакли таърифи қонунгузорӣ, предметҳое, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд, ҳамчун пердмети тахрибкорӣ мустақиман дар диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ муайян карда шудаанд. Ибораи қонунгузории «объектҳое, ки аҳамияти муҳимми иқтисодӣ ё мудофиа доранд» дорои камбудҳое мебошад, ки татбиқи м. 309 КҶ ҶТ-ро дар амал ба таври назаррас мушкил мекунанд. Дар робита ба ин, муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» ёдовар намудан зарур аст, ки тибқи он манфиатҳои миллии ҶТ инҳо мебошанд: таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; нигоҳдории ризояти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат; рушду устувории иқтисодиёти кишвар; тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ; пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият; тағйирнопазирии сохти конститутсионии ҶТ, аз ҷумла истиқлоли давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудошаванда будани ҳудуди он; фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо; таъмини муҷаҳҳазгардонӣ ва омодагии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии ҶТ; иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ; таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси шарикӣ. Ҳамин таврзери мафҳуми амнияти миллӣ на танҳо амнияти давлат, балки инсон ва ҷомеа, манфиатҳо ҳаётан муҳим эътироф карда мешаванд. Дар м. 309 КҶ ҶТ бошад, таъкид ба арзиши предмет танҳо барои давлат аст, ки бо мақсади ноустувор намудани давлат нишон дода шудааст, ки ин хусусияти ҳатмии тахрибкорӣ мебошад. Ҳамин тавр, номувофиқ будани муқаррароти м. 309 КҶ ҶТ бо дигар қонунҳо ба назар мерасад.

Бо мақсади мутобиқ кардани предмети тахрибкорӣ бо дигар қонунгузории соҳавӣ пешниҳод мекунем, ки дар диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ ба ҷои ибораи» объектҳое, ки барои одамон, ҷомеа, давлат аҳаммияти мудофиавӣ, иқтисодӣ ё дигар аҳаммияти ҳаётӣ доранд» илова карда шавад. Чунин предметҳо метавонанд ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт мансуб бошанд ва ба ҳама гуна шакли моликият таалуқ дошта бошанд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоби якуми боби дувуми диссертатсия ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Объекти намудии тахрибкорӣ асоси сохти конститутсионӣ ва амнияти давлати ҶТ мебошад. Бахри дуруст муайян намудани мазмуни м. 309 КҶ ҶТ ва такмили он, муқаррароти консептуалӣ, ки манфиатҳои амнияти давлатро ташкил медиҳанд, аҳамияти махсус доранд. Ин маънои онро дорад, ки аз нуқтаи назари таҳрибкории анъанавӣ ҳамчун ҷинояти зидди давлат ба ин мафҳум мувофиқат намекунад ва ҳангоми тафсири меъёри тахрибкорӣ, манфиатҳои ҳаётан муҳими одамон ва ҷомеа инчунин бояд ба назар гирифта шавад.

2. Дар тахрибкорӣ объекти ягонаи асосӣ вуҷуд надорад, ки дар ҳама ҳолатҳо ин ҷиноят ба он равона шуда бошад. Ҳар яке аз шакли тахрибкорӣ ба соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ иртибот дорад. Дар ин ҳолат арзиши муайяни иҷтимоӣ, ки ҳифзи он ба сатҳи пояҳои амнияти давлатӣ ва сохти конститутсионӣ расад, метавонад ё ягона бошад, дар доираи як шакли тахрибкорӣ ё дар якчанд шакл ҷой дошта бошад. Аз ин рӯ, объекти асосии ҳатмии тахрибкориро танҳо барои ҳар як шакли он алоҳида муайян кардан мумкин аст.

3. Объектҳои асосии бевоситаи тахрибкорӣ, вобаста ба шакли содир намудани он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ба вайрон намудани бехатарии объектҳои дорои аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ - ҳангоми содир кардани таркишҳо, сӯхтор ё дигар амалҳое, ки ба нобуд ё вайрон кардани ин объектҳо нигаронида шудаанд.

4. Объекти тахрибкорӣ хусусиятҳои ҳуқуқии муҳим дорад, аз он, ки тахрибкорӣ аз нуқтаи назари объективӣ метавонад дар шаклҳои гуногун сурат гирад, аммо на ҳамаи онҳо хусусияти предмети ҷиноятро доранд. Дар чунин шароит он асарҳои илмӣ сазовори тавзеҳҳои интиқодӣ мебошанд, ки дар онҳо предмети тахрибкорӣ новобаста ба шаклҳои ҷиноят номбар карда мешавад. Дар чунин мавридҳо хавфи бандубасти нодурусти м. 309 КҶ ҶТ вуҷуд дорад, ки дар натиҷаи нодуруст фаҳмидани амалкунанда ба вуҷуд омадааст ва дар он предмети мушаххас хусусияти ҳатмии таркиби тахрибкорӣ мебошад. Аз ин рӯ, он муаллифоне, ки объектҳои тахрибкориро, ки танҳо ба шаклҳои муайяни содир кардани чунин ҷиноят марбутанд,

ҷудо мекунанд. Бо дарназардошти он ки предмети ҷиноят наметавонад ҳаёт ва саломатии одамон бошад, мо пешниҳод мекунем, ки навъҳои зерини объектҳои тахрибкорӣ ҷудо карда шаванд: 1) объектҳое, ки аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд; 2) қаламрав – ҳангоми содир намудани амалҳое, ки ба олудагии радиоактивӣ нигаронида шудаанд; 3) ҳайвонот – ҳангоми содир кардани амалҳое, ки ба заҳролудии оммавӣ ё паҳн шудани эпизоотия нигаронида шудаанд; 4) рустаниҳо – ҳангоми иҷрои амалҳое, ки ба паҳн шудани эпифитотия нигаронида шудаанд.

5. Арзишҳои ҷамъиятӣ дар сохтори муносибатҳои воқеии иҷтимоӣ, ки бо м. 309 КҶ ҶТ ҳифз карда шудааст ин ҷиноят мебошад. Арзиши иҷтимоии объектҳое, ки аҳамияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд, бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси воқеии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва мудофиа муайян карда мешаванд.

6. Предмети ҷинояти тахрибкорӣ ашёе мебошанд, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд (корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ) – ҳангоми содир кардани таркиш, сӯхтор ё амалҳои дигар несту нобуд ё вайрон мегарданд, мекунанд. Ҳангоми муқаррар кардани аҳаммияти объекте, ки предмети тахрибкорӣ мебошад, ҳамаи ҳолатҳои воқеии парвандаи мушаххас ва маълумоти зикргардидаро дар бораи ашёи мушаххас (предмети ҷиноят) ба назар гирифтан лозим аст. Дар аксари мавридҳо мавҷуд будани рӯйхатҳои мушаххаси объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ дар сатҳи қонунгузории ҶТ метавонад барои дуруст ҳал кардани ин масъала кӯмак кунад. Аммо бояд дар назар дошт, ки меъёрҳое, ки барои тартиб додани рӯйхатти чунин объектҳо истифода мешаванд, наметавонанд пурра ё қисман бо меъёрҳои баҳодиҳии аҳамияти предметҳои м.309 КҶ ҶТ мутобиқат кунанд. Инфрасохтори муҳим маънои маҷмуи иншооти инфрасохтори давлатиро дорад, ки барои иқтисодиёт ва саноат муҳимтарааст, фаъолияти ҷомеа ва амнияти ҷамъиятӣ ва аз кор баровардан ё нобуд кардани онҳо метавонад ба амнияти миллӣ ва мудофиа, муҳити зист таъсир расонад. Дар зери мафҳуми инфрасохтори муҳим - корхонаҳо ва муассисаҳои (новобаста ба шакли моликият) соҳаҳои энергетика, саноати кимиё, нақлиёт, бонкдорӣ ва молия, технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсия (алоқаҳои электронӣ), маводи хӯрокӣ, тандурустӣ, коммуналӣ, ки аз ҷиҳати стратегӣ

барои фаъолияти иқтисод ва амнияти давлат, ҷомеа ва аҳолӣ муҳимманд, фаҳмида мешавад.

7. Рушди илмию техникӣ доираи муносибатҳоро васеъ менамояд, ки метавонанд ҳадафи тахрибкорӣ қарор гиранд ва ҳамчун предмети он баромад намоянд. Ҳоло арзиш ва аҳаммияти иттилооте, ки дар самтҳо ва соҳаҳои гуногуни илм, техника, менеҷмент истифода мешавад, новобаста ба шакли ифода, муттаҳидсозӣ, ҳифз ва интиқоли он, хеле афзоиш ёфтааст. Сатҳи баланди рушди технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи васеи онҳо дар раванди фаъолияти корхонаҳо, сохторҳо, хатсайрҳо ва воситаҳоинақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ аз андешиданичораҳои дахлдори муҳофизатӣ таҷовузи ҷиноятӣ вобастагӣ дорад. Амнияти иттилоотии ин объектҳо яке аз шартҳои асосии фаъолияти муътадили иқтисодиёт ва мудофиа мебошад. Илова бар ин, амнияти иттилоотӣ дар системаи амнияти миллӣ нақши муҳим мебозад, зеро дар баъзе соҳаҳо мудофиа ва амнияти иқтисодӣ бевосита ба иттилоот вобастагӣ доранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ амнияти иттилоотӣ аҳаммияти бештар пайдо карда, ба яке аз унсурҳои муҳимми амнияти миллӣ табдил меёбад. Бояд гуфт, ки ҷинояти киберӣ ҳамчун амали ҷиноятии хатарноки ҷамъиятӣ дар фазои маҷозӣ ва ё истифодаи он муайян мекунад, ки ҷавобгарии он дар КҶ пешбинӣ шудааст ва ё тибқи шартномаҳои байналмилалии ҷиноят эътироф шудааст, яъне онро ҳама гуна ҷиноят тибқи КҶ, ки дар фазои маҷозӣ ва ё бо истифода аз он, аз ҷумла барои тахрибкорӣ содир мегардад, метавон баррасӣ кард. Аммо бояд зикр намуд, ки дар кадом шароит ва дар кадом маврид маълумотро метавон предмети тахрибкорӣ эътироф намуд. Ҳамин тавр, ин гуна предмет дар сурати нобуд шудан ё осеб дидан мавзуи тахрибкорӣ бояд дониста мешавад.

### 2.2. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тарафи объективии тахрибкорӣ

«Мафҳуми «таркиби ҷиноят» ё «corpus delict» дар ибтидо аҳамияти мурофиавиро дошта, дар асрҳои миёна (асрҳои XVI-XVII) зери мафҳуми таркиби ҷиноят маҷмуи далелҳои бевосита ва бавосита фаҳмида мешавад, ки аз кирдори ҷинояти содиршуда гувоҳӣ медиҳад. Моҳиятан ҳуқуқшиносони асри миёнагӣ ба сифати таркиби ҷиноят асосҳое, ки барои истеҳсолот аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ

басанда аст, медонистанд» [128]. «Аҳаммияти ҳуқуқии тарафи объективии ҷиноят дар он аст, ки он яке аз асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Тарафи объективии ҷиноят асоси ҳуқуқӣ барои бандубасти ҷиноят буда, таркиби ҷиноятҳои ба ҳам монандро аз якдигар фарқ мекунонад. Тарафи объективии ҷиноят воқеияти ошкоро, зоҳиран амалкунанда бошад ҳам, дарк кардани он хеле мушкил аст» [181, с. 213-217]. «Тавре ки Ҳ.С. Ҳусейнов иброз менамояд, «бе тарафи объективии ҷиноят умуман мавҷуд будани ҷиноятро ҳатто тасаввур кардан ҳам ғайриимкон аст» [130, с. 55].

Тарафи объективии ҷиноят амали зоҳирии кирдори барои ҷамъият хавфноке, ки ба объекти аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзгардида таҷовуз мекунад ва дар натиҷаи ин таҷовуз ба он объект зарар мерасад. Тарафи объективии ҷиноят воқеияти ошкоро, зоҳиран амалкунанда бошад ҳам, дарк кардани он хеле мушкил аст. Барои он ки унсури ҷиноят, чӣ тавре, ки дар боло қайд шуда буд, дар тарафи ботинии фаъолият аст, яъне, дар фикру андеша, дар хаёли он шакли муайянро мегирад ва пас аз вай зоҳиран ҷомаи амал мепӯшад. Аз дигар тараф, тарафи объективии ҷиноят чун объекти даркшаванда хеле мураккаб бошад ҳам, ба осонӣ ошкор кардан мумкин аст. Тарафи объективӣ аз кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибати барои ҷамъият хавфнок ва аз робитаи сабаби байни кирдор ва оқибати барои ҷамъият хавфнок иборат аст. «Тарафи объективии ҷиноят бо якчанд аломат тавсиф карда мешавад. Ҳамаи аломатҳои тарафи объективии ҷиноятро ба ду гурух, ба гуруҳи аломатҳои ҳатмӣ ва гуруҳи аломатҳои иловагӣ тақсим мекунанд. Кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибати барои ҷамъият хавфнок ва робитаи сабаби байни кирдор ва оқибати барои ҷамъият хавфнок аломатҳои ҳатмӣ мебошанд» [133].

Ҳамин тавр, тарафи объективии ҷиноят ҳамчун падидаи объективии мавҷудбуда - як раванди таҷовузи аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок ва ғайриқонунӣ ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда мебошад, ки аз берун аз нуқтаи назари рушди пайдарпайи ҳодисаҳо ва падидаҳое, ки бо амали (беамалии) ҷиноятии субъект ва бо фарорасии натиҷаи ҷиноятӣ хотима меёбад.

«Тарафи объективии ҷиноят ҳамчун амали берунии рафтори ҷиноятӣ муайян карда мешавад, ки дар шароити муайяни макон, вақт ва вазъият сурат мегирад ва маҷмуи аломатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим буда, тарафи берунии кирдорро тавсиф

мекунад» [72, с. 21], [115, с. 6]. «Тарафи объективии ҷиноят муносибатҳои берунаи шахс нисбат ба кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои ҷинояти пешомада мебошад» [176, с. 210-211], [178, с. 212-213], [194, с. 227-232]. Тарафи объективии ҷиноят унсури ҳатмии ҷиноят мебошад, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ буда, асосан хавфнокии ҷамъиятии кирдори ҷиноятро муайян мекунад, барои дуруст тасниф кардани ҷиноят мусоидат мекунад, зеро таҳлили он имкон медиҳад, ки дигар унсурҳо ва хусусиятҳои таркиби ҷиноят муайян карда шаванд ва барои фарқ кардани ҷиноятҳо мусоидат мекунад. Амалҳои тарафи объективии ҷиноят ба суд имкон медиҳад, ки вазнинии ҷиноятро ҳангоми қабули ҳукм дуруст муайян кунад. Тарафи объективии ҷиноят бо якчанд аломат тавсиф карда мешавад. Ҳамаи аломатҳои тарафи объективии ҷиноятро ба ду гурух, ба гуруҳи аломатҳои ҳатмӣ ва гуруҳи аломатҳои иловагӣ тақсим мекунанд. Кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибати барои ҷамъият хавфнок ва робитаи сабаби байни кирдор ва оқибати барои ҷамъият хавфнок аломатҳои ҳатмӣ мебошанд. Ҷой, вақт, тарз, олот ва воситаи содир кардани ҷиноят аломатҳои иловаи тарафи объективии ҷиноят мебошанд.

Моддаи 309 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ равона шудааст, пешбинӣ менамояд. Ин нуқтаи назари қонунгузор аз ҷониби бештари муҳаққиқон баён мегардад. «Аз ҷумла ба чунин амалҳо дар адабиёти илмӣ содир кардани таркиш, сухтор ё амалҳои дигар (ярч, обхезӣ, афтодани сангҳо, садамаҳо, офатҳои табиӣ ва ғайра) ифода карда мешавад. Хавфнокии ин ҷиноят дар он зоҳир мегардад, ки ин амалҳо ба нест кардан ё зарар расонидан ба корхонаҳо, иншоот ва ғайра нигаронида шудааст» [67], [97], [98], [117], [122].

Тавре ки аз диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ бармеояд, аломатҳои тарафи объективӣ дар шакли кирдори ба ҷамъият хавфнок дар ин модда номбар карда шудаанд, ки вобаста ба самт навъҳои гуногун дорад. Оқибатҳои барои ҷомеа хавфнок дар матни м. 309 КҶ ҶТ инъикос карда нашудааст. Ҳамин тавр, ягона аломати ҳатмии тарафи объективии тахрибкорӣ кирдори барои ҷамъият хавфнок мебошад. Ин маъноие онро дорад, ки таркиби тахрибкорӣ ба таркиби ба истилоҳ моддӣ тааллуқ надорад.

Таркиби тахрибкорӣ расмист. Ҷиноят аз лаҳзаи содир кардани амалҳои хавфноки дар боло зикргардида, ки ба несту нобуд ё вайрон кардани объектҳои дар КҶ ҶТ номбаршуда равона карда шудаанд, анҷом ёфта эътироф мегардад, ҳатто агар онҳо воқеан нобуд ё вайрон нашуда бошанд. Зарари моддии бавуҷудомада ба бандубасти ин ҷиноят таъсир намерасонад, аммо ҳангоми муайян кардани дараҷаи гуноҳ ва ҳукм ба назар гирифта мешавад.

«Аз ин рӯ, мо мавқеи аксари олимонро дуруст мешуморем, ки тибқи онҳо тахрибкориро ҳамчун ҷинояти анҷомёфта аз лаҳзаи содир кардани ҳама гуна амале, ки дар диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ нишон дода шудааст, эътироф мекунанд» [158, с. 292], сарфи назар аз оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок. Агар чунин оқибатҳо ба амал оянд, онҳо бояд аз ҷониби суд ҳангоми содир кардани ҳукм ба назар гирифта шаванд.

Барои дуруст муайян кардани мазмуни қонуни ҷиноятӣ оид ба тахрибкорӣ, дуруст таҳлил ва муайян намудани масъалаи шаклҳои содир шудани ин ҷиноят муҳим аст. Дар робита ба ин, фарқ кардани ду ҷанбаи зер муҳим мебошад. Аввалан, нисбати шакли амал ҳамчун рафтори шахс, ки дар маҷмӯъ метавонад фаъол ва ғайрифаъол бошад, яъне имкони содир кардани тахрибкорӣ дар шакли амал ё беамалӣ. «Дар назари аввал қонун имкони тахрибкориро танҳо тавассути рафтори фаъолона пешбинӣ мекунад, ки ин аз худи мазмуни бевоситаи матни м. 309 КҶ ҶТ бармеояд, яъне - «содир намудани... равона шудаанд» Аммо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, баъзе муҳаққиқон ба эҳтимолияти содир кардани тахрибкорӣ тавассути беҳаракатӣ низ ишора менамоянд. Ин мавқеъро асосан баъзе олимони шӯравӣ вобаста ба КҶ ИҶШС соли 1958 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ишғол мекарданд» [69], [108]. Ба андешаи онҳо қасдан несту нобуд кардани молу мулк, аз ҷумла моликияти низомӣ, объективан ҳам бо амал ва ҳам беамалӣ содир карда мешавад ва аз ин рӯ, ҳангоми содир кардани тахрибкорӣ барои заиф намудани давлат чунин амвол метавонад бо амал ва беамалӣ нобуд ё вайрон карда шавад. Аммо бояд зикр намуд, ки тахрибкорӣ танҳо бо амалҳои фаъолонаи субъекти ҷиноят, яъне бо таъсири бевоситаи таҷовузкорона ба предмети ҷиноят амалӣ карда мешавад.

Мо андешаи Н.А. Қудратовро дастгирӣ менамоем. «Тибқи он тарафи объективии тахрибкорӣ содир кардани таркиш, сӯхтор ё ҳаракатҳои дигар (ярч,

обхезӣ, афтодани сангҳо, садамаҳо, офатҳои табиӣ ва ғайра) ифода карда мешавад» [166, с. 244]. «Амалҳои зикршудаи дар умум хавфнок буда, ба несту нобуд кардани корхонаҳо, иншоот ва ғайра, ки ба предмети ҷиноят марбутанд, нигаронида шудаанд» [67, с. 125]. «Ин мавқеъро аксарияти олимон дастгирӣ мекунанд, ки тахрибкориро ҳамчун ҷиноят таҳлил намудаанд» [98], [122, с. 111].

Ҳар се шакли тахрибкорӣ (таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳо) ба нобуд ё вайрон кардани объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиави ҶТ (корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ) нигаронида шудаанд. Баррасии якҷояи ин шаклҳои тахрибкорӣ бо сабаби мавҷудияти хусусиятҳои умумии қонунгузорӣ, ки онҳоро тавсиф мекунад, вобаста аст: «содир кардани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки ба...». Аз мундариҷаи ин муқаррарот бармеояд, ки таркиш ва сӯхтор мушаххасоти алтернативии амалҳое мебошанд, ки тахрибкориро тавсиф мекунанд. Нишон додани «содир кардани кирдорҳои дигар» маънои онро дорад, ки рӯйхати амалҳои тахрибкорона кушода мебошад, яъне баҳододашаванда ва ҳар амале, ки бо мақсади дар м. 309 КҶ ҶТ нишондодашуда содир мешавад ва предмети ҷинояти тахрибкориро дар бар мегирад, бояд ин амал бо . 309 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Шакли якуми тарафи объективии тахрибкорӣ ин содир намудани таркише, мебошад, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ равона шуда, мақсади он ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ мебошад. «Энсиклопедияи Бузурги Шӯравӣ таркишро ҳамчун як раванди тези ҷисмонӣ ё физикохимиявӣ тавсиф мекунад, ки бо тавлиди назарраси энергия дар ҳаҷми хурд дар як муддати кӯтоҳ ба амал меояд ва ба зарба, ларзиш ва гармӣ ба муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонад. Таркиш дар муҳити сахт боиси харобшавӣ ва парокандагӣ мегардад. Навъҳои таркиш (термодинамикӣ, кинетикӣ, электрикӣ, ҳастаӣ, кимиёвӣ) ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад. Ба ақидаи Л.М. Гейман, таркиш дар як муддати кӯтоҳ баровардани миқдори зиёди энергия дар фазои маҳдуд мебошад» [64, с. 256]. «Вобаста ба навъи энергияи истеҳсолот, шаклҳои зерини таркишҳо мавҷуданд: кимиёвӣ (таркиши газҳо, буғҳо, гард, моддаҳои тарканда),

электрикӣ (разрядҳои пурқуввати барқ), кинетикӣ (ҳангоми бархӯрд бо ҷисмҳои ҷисмонии бо суръати баланд ҳаракаткунанда), гармидиҳӣ (бо коҳиши якбораи ҳарорат ё фишори аз ҳад зиёд гарм, ба истилоҳ «таркишҳои дегхонаи буғӣ»), ядрой (баровардани энергияи зарраҳои элементарии ядрои атом), инчунин таркиши таркандаи энергияи фишурдасозии фишурда (мас. таркишҳои баллонҳо бо газҳои фишурда)» [212, с. 97-98]. Ҳамчун як қисми тахрибкорӣ таркиш маънои ҳама гуна шаклҳои онро дорад.

Таркишҳо аз қабили хокаи тапонча, динамит, тротил, нитроглитсерин ва дигар маводди кимиёвӣ, пайвастагиҳо ё омехтаҳои онҳо, ки бидуни дастрасӣ ба оксиген таркиданаш мумкин аст ва дастгоҳҳои тарканда, ки маҳсулоти дар як навбат сохташудаи саноатӣ мебошанд, барои таркиш махсус истифода мешаванд. Ҳолатҳое, ки истифодаи кимиёвӣ, гармӣ, энергияи барқ ё таъсири физикӣ (таркиш, зарба) метавонад омилҳои зарароварро ба вуҷуд орад - боиси марг, захмӣ ё зарари ҷиддии моддӣ гардад.

*Масалан, 14-17 сентябри соли 2022 хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Қирғизистон бо мақсади халалдор намудани Истиқлолият, тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғасб намудани ҳудуди мамлакат аз техникаи ҳарбӣ ва силоҳҳои оташфишони гуногунтамға, аз ҷумла ҳавопаймоҳои бесарнишин, ба дидбонгоҳҳои сарҳадии Қушунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва деҳаҳои аҳолинишин, воқеъ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов ва Лахш ҳуҷуми мусаллаҳона намуданд.*

*Тафтишоти пешакӣ муайян кард, ки Ҷумҳурии Қирғизистон пешакӣ нақшаи ҷанги таҷовузкоронаро бо мақсади ғасби ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ намуда, дар маҳалҳои наздисарҳадӣ ба миқдори зиёд техникаҳои ҳарбии вазнини заминию ҳавоӣ ва шумораи зиёди хизматчиёни ҳарбиро ҷой дода, зиёда аз 140 ҳазор сокинони маҳаллии наздисарҳадии худро пешакӣ аз манзилҳои истиқоматӣ ба дигар минтақаҳо кӯчонида, якбора ба ҳудуди 4 шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ҳуҷуми мусаллаҳона намуда, барқасдона хилофи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ба минтақаҳои ғайринизомӣ, аз қабили муассисаҳои таълимӣ, масҷид, беморхонаҳо, мошинҳои ёрии таъҷилӣ, занон, кудакон ва аҳолии мулкӣ зарбаҳои ҳалокатовар зад.*

*Дар натиҷа садҳо хизматчиёни ҳарбӣ ва сокинони осоишта ҷароҳатҳои гуногун бардошта, даҳҳо нафар ҳалок гардидаанд. Ба манзилҳои истиқоматии шаҳрвандон, иншооти муҳими ҷамъиятиву давлатӣ ва техникаҳои ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарари зиёд расонида шудааст.*

*Бинобар ин, аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати гуруҳи хизматчиёни ҳарбӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон бо дастрасии қисми 2 моддаи 395 (оғоз ё пешбурди ҷанги таҷовузкорона), қисми 2 моддаи 104 (одамкушии ду шахс ё бештар аз он, аз ҷумла вобаста ба иҷрои фаъолияти хизматӣ; бо тарзи ба ҳаёти мардуми зиёд хавфнок; аз ҷониби гуруҳи муташаккил; бо нияти ғаразнок, инчунин марбут ба роҳзанӣ ё бандитизм; бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқоми хунӣ), қисми 2 моддаи 403 (барқасдона вайрон намудани меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар), қисми 2 моддаи 309 (диверсия) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд* [236].

Инчунин зикр кардан муҳим аст, ки маводди тарканда ва дастгоҳҳои таркандае, ки барои анҷом додани таркиш ҳангоми тахрибкорӣ истифода мешаванд, метавонанд табиати объектҳои дахлдори ҷиноятҳои зидди амнияти ҷамъиятӣ дошта бошанд. Хусусияти хоси чунин шакли тахрибкорӣ хавфи умумии баланди онҳо мебошад, ки хатари зиёд ба ҳаёт ва саломатии инсон ва моликият дорад. Бояд гуфт, ки ҳама гуна маводҳои хатарнокро метавон барои тахрибкорӣ истифода намуд, масалан, вақте, ки таркиш дар натиҷаи таъсири ҷинояткорона ба нуқтаи фурӯши маводи сӯхт ё балони гази хонагӣ ба вуқӯъ меояд. Илова бар ин, таркиши тахрибкорона метавонад дар натиҷаи ихроҷи энергияе содир гардад, ки ба як модда хос нест, аммо аз манбаи берунӣ, ба мисли разряди пурқуввати барқ дар муҳити муайян, ки ба гази иондори бо фишори баланд табдил меёбад ва ҳарорат ё ҳангоми дучор шудани нури лазерӣ ва ғ.

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд намуда буданд, ки бо талошҳои кормандон ва низомиёни сохторҳои қудратӣ шуруъ аз соли 1995 180 гуруҳи муташаккили ҷиноятӣ, ки шумораи умумии онҳо беш аз 800 нафарро ташкил медиҳад, ошкор карда шуд. 700*

*аслиҳаи оташфишон ва дигар техникаи низомӣ дарёфт ва мусодира шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҳозиринро ба таҳдидҳои муосири ҷаҳон – терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ҷалб намуда, қайд намуд, ки аз соли 1995 то имрӯз дар қаламрави Тоҷикистон 86 ҷинояти террористӣ содир шудааст, ки 37-тои он, аз ҷумла 9 таркиш ва 2-тоаш тахрибкорӣ ошкор карда шудааст. Зиёда аз 300 нафар аъзои фаъоли ҳизби ифротии ғайриқонунии Ҳизб-ут-Таҳрир боздошт ва ба ҷавобгарӣ кашида шуданд* [131, с. 72].

Хавфи иҷтимоии таркиш ба хосиятҳои харобиовари он вобастагӣ дорад, ки бино бар он, ҳам ба ашёи моддӣ ва ҳам ба ҳаёт ва саломатии инсон зарар расонидан мумкин аст. «Ҳангоми таркиш онро боздоштан ва оқибатҳои онро пешгирӣ кардан ғайримумкин аст, бино бар ин, он ҳамчун яке аз амалҳои хатарноктарин тавсиф мегардад» [212, с. 187]. Ба андешаи мо, таркишҳои харобкорона тибқи м. 309 КҶ ҶТ инчунин бо он тавсиф мегарданд, ки онҳо метавонанд ҳам бо амал ва ҳам бо беамалӣ содир шаванд.

Ҳамин тавр, таркише, ки ба куштори оммавии одамон, расонидани осеби ҷисмонӣ ё расонидани зарарҳои дигар ба саломатии одамон, нобуд ё вайрон кардани объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавӣ нигаронида шудааст, мумкин аст дар сурати қасдан иҷро накардани уҳдадориҳои хидматӣ ё касбии онҳо сурат гирад. Ин, алалхусус, дар истеҳсоли таркиш имконпазир аст, ки дар он аммиак, атсетон, бензин, бутан, силон, метан, спирт, эфир, сулфид гидроген, дисулфиди карбон ва ғайра ҳамчун ашёи хом ё маҳсулоти асосӣ истифода мешаванд, ё моводди тарканда ва лавозимоти ҷангӣ истеҳсол карда мешавад. Гузашта аз ин, барои татбиқи м. 309 КҶ ҶТ пешакӣ расман эътироф кардани истеҳсолоти мушаххас ҳамчун маводи тарканда ҳатмӣ нест. Мисоли чунин тахрибкорӣ метавонад таркише бошад, ки бино бар қасдан фаъол накардани системаи хунуккунӣ дар коргоҳе, ки моводди тарканда истифода мешавад, ба амал меояд. Шарти ҳатмии ҷавобгарӣ барои беамалӣ дар чунин ҳолатҳо ҳузури шахси гунаҳкор барои андешидани чораҳои зарурӣ барои пешгирии таркиш ва имконияти воқеии ин кор мебошад. Амал дар чунин мавридҳо барои вайрон кардани баъзе қоидаҳо бандубасти иловаро талаб намекунад.

Навъи дуюми кирдори тахрибкорӣ содир намудани сӯхтор мебошад, ки мақсади асосии он нобуд кардан ё вайрон кардани корхонаҳо, иншоот, хатсайрҳо, воситаҳои алоқа ва объектҳои таъмини зиндагии аҳолӣ мебошад. Сӯхтор ҳамчун усули тахрибкорӣ дорои дараҷаи баланди хатари ҷамъиятӣ аст, зеро он метавонад ба нобудшавии васеи инфрасохтори муҳими давлатӣ, коҳиши иқтидори истеҳсолӣ, халалдор шудани шабакаҳои иртиботӣ ва маҳдудшавии дастрасӣ ба хадамоти ҳаётан муҳим оварда расонад. Хатари ҷиддии сӯхтор на танҳо ба зарар расонидан ба молу мулк, балки ба таҳдид ба ҳаёт ва саломатии одамон низ алоқаманд аст. Дар ҳолати содир гардидани сӯхтор дар корхонаҳои саноатӣ, иншооти химиявӣ, нерӯгоҳҳои барқӣ ё объектҳои стратегӣ, оқибатҳои он метавонанд на танҳо ба вайроншавии амвол, балки ба паҳншавии маводи заҳролуд, радиоактивӣ ё тарканда оварда расонанд, ки дар натиҷа ба муҳити зист, саломатии ҷамъият ва амнияти иқтисодӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунанд. Илова бар ин, сӯхторҳо метавонанд боиси қатъ гардидани таъминоти нерӯи барқ, об, газ ва дигар манбаъҳои ҳаётан муҳим шаванд, ки ин ба нооромии иҷтимоӣ, афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ ва паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ оварда мерасонад. «Аз ин рӯ, сӯхтор ҳамчун яке аз шаклҳои асосии тахрибкорӣ дорои хусусияти махсусан хавфнок буда, бояд дар қонунгузорӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин баҳогузорӣ карда шавад» [166, с. 244].

«Сӯхтор як амали қасдан (одатан дар шакли фаъол) содиргардида мебошад, ки бо мақсади ба вуҷуд овардани сӯхтор, ҳамчун бе назорат паҳн кардани оташ ба дигар объектҳо, таҳдид ба ҳаёт ва саломатии одамон, молу мулк ва дигар манфиатҳои ҳифзшаванда сар мезанад» [148, с. 11]. А.Б. Барихин сӯхторро ҳамчун оташзании барқасдонаи объектҳо медонад, тавре ки он метавонад мустақилона пас аз бартараф кардани василаҳои оташзани паҳн гардад [56, с. 443]. «Ба андешаи А.В. Мишин, оташзанӣ бояд ҳамчун як усули хатарноки қасдан несту нобуд кардани молу мулки муайян, ки бо воситаҳо ва усулҳои гуногун амалӣ карда мешавад ва боиси пайдоиши оташи кушод мегардад, ки одатан ба раванди сӯхтори беназорат табдил меёбад» [84, с. 10].

Олимон сӯхторро ба таври гуногун тавсиф мекунанд: а) ҳамчун истифодаи бошууронаи манбаи оташ нисбат ба ашёи муайян; б) ҳамчун амалҳои барқасдона, ки

боиси нобуд ё вайрон шудани ашёи моддӣ бо истифода аз реаксияи сӯхтор, яъне ба вуҷуд овардани оташгирии беназорати оташ, ки боиси расонидани зарари моддӣ, зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, манфиатҳои ҷомеа ва давлат мегардад. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», сӯхтор оташи назоратнашавандаест, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон зарар ва ба ҷамъияту давлат зиёни моддӣ мерасонад [195, с. 292], [209]. Одатан, аломатҳои сӯхтор хатари умумӣ, зуд паҳншудаи, идоранашавандааст ва эҳтимоли расонидани оқибатҳои назарраси харобиовар мебошанд. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки хусусияти асосии сӯхтор ҷараёни он аст. Барои эътироф кардани таркиш ва сӯхтор, ки содир шуда бошанд, эҷоди чунин хатари умумӣ зарур нест. Ҳатто олимони шӯравӣ ҳангоми таҳлили ин ҷиноят тибқи КҶ ИҶШС соли 1958 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ба он таваҷҷӯҳ зоҳир карда буданд, аммо дар шароити муосир ин хусусияти амалҳои тахрибкорӣ, инчунин барои фарқ кардани тахрибкорӣ аз амали террористӣ муфассал тавсиф шудааст, аҳаммияти калон пайдо кардааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, бояд қайд кард, ки категорияи «сӯхтор» дар қонунгузории ҷиноятӣ таърифи дақиқ дошта бошад, зеро ин мафҳум яке аз усулҳои маъмултарини содир кардани ҷиноятҳои тахрибкорӣ, терроризм ва дигар кирдорҳои хавфнок мебошад. Бо назардошти аҳамияти ин масъала ва зарурати дуруст баҳо додан ба ҳамаи ҷиноятҳое, ки дар он «сӯхтор» ҳамчун усули асосии содиршавӣ истифода мешавад, пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии сӯхтор» аз 20 марти 2008, таҳти №7 мафҳуми «сӯхтор» дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Сӯхтор – амалҳои барқасдона ё беэҳтиётонаест, ки боиси сар задани оташ ва паҳн шудани он мегардад, ки дар натиҷа ба нобудшавии амвол, расонидани зарар ба саломатӣ ё марги одамон, вайроншавии муҳити зист ё хароб шудани инфрасохтори муҳим оварда мерасонад». Ворид кардани чунин таъриф ба қонунгузории миллӣ имкон медиҳад, ки ҳолатҳои сӯхтор ба таври дақиқтар бандубаст ва таҳлил шаванд, инчунин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин гуна кирдорҳо мукаммал гардад. Илова бар ин, чунин таъриф имконият медиҳад, ки марзҳои байни сӯхтори барқасдона, беэҳтиётӣ ва ҳодисаҳои тасодуфии сӯхтор равшантар муайян

гарданд, ки барои самаранокии амалиёти тафтишотӣ ва мурофиавӣ аҳамияти бузург дорад.

Таркиш ва сӯхтор дар таркиби тахрибкориро аз таркиш ва сӯхтор ҳамчун воситаи умуман хавфноки қасдан несту нобуд кардани амволи шахси бегона фарқ кардан зарур аст. Дар ҳолати охирин таркиш ва сӯхтор ҳамеша бо он тавсиф мешавад, ки дар як ҳолати муайяни ҷиноят хатари умумӣ, яъне таҳдид ба ҳаёт ё саломатӣ ё расонидани зарари ҷиддии моддӣ ба вуҷуд меояд. «Ҳангоми таркиш ва сӯхтор ҳангоми тахрибкорӣ ба вуҷуд омадани чунин оқибат ба бандубасти ин ҷиноят таъсир намерасонад. Олимони шӯравӣ ҳангоми таҳлили ин ҷиноят тибқи КҶ ИҶШС соли 1958 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ба ин таваҷҷӯҳ дода буданд» [77, с. 138], [93], аммо дар шароити муосир ин хусусияти амалҳои тахрибкорӣ барои фарқ кардани тахрибкорӣ аз амали террористӣ низ муҳим гардидааст.

Усулҳои содир кардани тахрибкорӣ ва амали террористӣ дар бисёр ҷиҳатҳо шабеҳанд, зеро ҳар ду ин ҷиноятҳо бо истифодаи зӯроварӣ, таркишҳо, сӯхторҳо ва дигар амалҳои харобиовар амалӣ мешаванд. Бо вуҷуди ин, байни онҳо як қатор фарқиятҳои асосӣ мавҷуданд, ки аз мақсад ва самти амали онҳо бармеоянд.

Тахрибкорӣ маъмулан бо мақсади хароб кардани инфрасохтори муҳими давлатӣ, заиф кардани иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии кишвар ва халалдор кардани суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ содир мегардад. Ин амалиётҳо одатан ба таври махфӣ ва бо нақшаи пешакӣ таҳияшуда анҷом дода мешаванд, то ки самаранокии онҳо зиёдтар ва оқибатҳои онҳо ҷиддитар бошанд. Тахрибкорӣ метавонад ба пояҳои сохти конститутсионӣ, қобилияти мудофиавии давлат ва суботи умумии ҷомеа таҳдид намояд. Хусусияти фарқкунандаи тахрибкорӣ дар он аст, ки он метавонад ба вайрон кардани равандҳои асосии иқтисодӣ, фаннӣ ва сиёсӣ равона гардад, ки ба заифшавии низоми давлатдорӣ оварда мерасонад.

Баръакс, амалҳои террористӣ маъмулан бо мақсади эҷоди тарсу ваҳм дар байни аҳолӣ, фишор ба мақомоти давлатӣ ё маҷбур кардани онҳо ба қабули қарорҳои муайян содир мегарданд. Амалҳои террористӣ, хусусан дар замони осоишта, аксаран як маротиба ё дар шакли ҳамлаҳои хурд анҷом дода мешаванд, ки ҳадафи асосии онҳо таъсир ба афкори ҷамъиятӣ ва эҷоди муҳити ноором аст. Гарчанде ки чунин

амалҳо хавфи ҷиддӣ доранд, онҳо на ҳамеша ба сохторҳои асосии давлат таъсири амиқ мерасонанд.

Дар муқоиса бо амалҳои террористӣ, тахрибкорӣ метавонад оқибатҳои васеътар ва ҷиддитар дошта бошад, хусусан агар он бо нақшаи фарогири зидди манфиатҳои давлат амалӣ гардад. Тахрибкорӣ метавонад ба таври мустақим ба пояҳои сохти конститутсионӣ, қобилияти мудофиавии кишвар ва суботи иқтисодӣ таъсир расонад, ки дар маҷмӯъ ба заиф шудани амнияти давлатӣ ва маҳдуд шудани имкониятҳои мудофиавии кишвар меорад. Аз ин рӯ, тахрибкорӣ нисбат ба амали террористӣ хавфи бештар дорад, зеро он метавонад ба системаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии давлат таҳдиди ҷиддӣ эҷод намояд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, ба назари мо, зери мафҳуми «амалҳои дигар» дар доираи м. 309 КҶ ҶТ бояд амалҳое эътироф карда шавад, ки бар муқобили суботи иҷтимоии ҷомеа, амнияти иқтисодӣ ва қобилияти мудофиавии ҶТ, яъне, бар зидди асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат нигаронида шудаанд. Амалҳои дигар, ки ба нобуд кардан ё вайрон намудани объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавӣ барои давлат дошта нигаронида шудаанд, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бо роҳҳои гуногун инъикос ёфтаанд. Аксари вақтҳо он ба рӯйхати амалҳое, кики бо хосиятҳои вайронкории худ ба таркиш ва сӯхтор монанданд, тавсиф мегарданд.

Зери мафҳуми «амалҳои дигар» дар тахрибкорӣ фаҳмида мешаванд: а) вайрон намудани сарбанди нерӯгоҳи барқи обӣ, ки боиси обхезӣ дар маҳалли аҳолинишин гардидааст; б) ташкили обхезӣ ё фурӯ рафтани конҳо, ташкили садамаҳо ва фалокатҳои нақлиёт, хароб намудани хонаҳо, муассисаҳо, корхонаҳо; г) ворид кардани вирусҳо ба системаҳои компютерӣ бо мақсади боздоштани кори онҳо ё нобуд кардани иттилооти муҳим ва ғ.

Дар доираи «амалҳои дигар» дар м. 309 КҶ ҶТ, ба андешаи мо, бояд амалҳои қасдан содиргардидае фаҳмида шаванд, ки ба инҳо боис мегарданд:

– вайрон кардани принсипи дахлнопазирии Конститутсия;

– вайрон сохтани институтҳои демократия;

– таҷовуз ба ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон;

– хароб кардани иқтидори иқтисодии кишвар;

– ташвиқи коррупсия;

– паст гардидани некӯаҳволӣ, яъне камбизоатии қисми зиёди аҳолӣ;

– харобӣ ё таназзули институтҳои иҷтимоӣ;

– фароҳам овардани шароите, ки ба вазъи демографии кишвар таъсири манфӣ мерасонад;

– ноустувор кардани қобилияти мудофиавии кишвар;

– қасдан вайрон кардани принсипҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии ҶТ;

– барангехтани таҳаммулнопазирии байналмиллӣ, мазҳабӣ ва низоъҳо;

– ҷудо кардани кишвар аз ҷаҳони берунӣ.

Моҳияти ин амалҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин фаҳмида мешавад:

1. Вайрон кардани принсипи дахлнопазирии Конститутсия, яъне ворид намудани тағйирот ба Конститутсия бо роҳҳои ғайриқонунӣ, ки мухолифи муқарраротй боби 10 Конститутсияи ҶТ аст. Ин амалҳо метавонанд ба халалдор кардани сохтори конститутсионӣ, тағйири маҷбурии низоми давлатдорӣ ё барҳам додани принсипҳои асосии конститутсионӣ, ки асоси ҳуқуқӣ ва сиёсии давлатро ташкил медиҳанд, равона бошанд.

2. Барҳам додани институтҳои демократия, яъне аз байн бурдан ё суст кардани сохторҳо ва механизмҳои демократии идоракунӣ, нодида гирифтан ё дасткорӣ кардани натиҷаҳои интихоботи озод ва одилона, манъ кардан ё маҳдуд кардани фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба таври мустақил фаъолият мекунанд, инчунин ҷорӣ кардани режимҳои авторитарӣ ё тоталитарӣ, ки бар зидди манфиатҳои ҷомеа ва шаҳрвандон равона шудаанд.

3. Таҷовуз ба ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, яъне маҳдуд кардан ё нодида гирифтании ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, қабули қонунҳое, ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ё сиёсии шаҳрвандонро маҳдуд ё бекор мекунанд, таҳдид ба озодии сухан, маҳдуд кардани озодии ҷамъомад ва иттиҳод, манъи фаъолияти васоити ахбори омма, маҳдуд кардани ҳуқуқ ба иштироки сиёсӣ ва дигар шаклҳои маҳдудсозии озодиҳои шаҳрвандон, ки асосҳои ҳуқуқии низоми демократиро халалдор мекунанд.

4. Қасдан вайрон кардани иқтидори иқтисодии кишвар, яъне ин амалҳо мақсаднок равона карда шудаанд ба заиф кардани асосҳои иқтисодии давлат, ки метавонанд боиси бекории оммавӣ, паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, коҳиш ёфтани даромади миллӣ ва ноустувории иҷтимоӣ гарданд. Ин амалҳо, ба монанди вайрон кардани инфрасохтори саноатӣ, коҳиши иқтидори истеҳсолӣ, бастани корхонаҳои калидӣ ё маҳдуд кардани дастрасӣ ба захираҳои муҳими табиӣ, метавонанд ба суботи иқтисодӣ, амнияти иҷтимоӣ ва қобилияти мудофиавии кишвар таъсири манфии ҷиддӣ расонанд.

5. Нест кардан ё вайрон намудани муассисаҳои иҷтимоӣ – ин амалҳо қасдан нобуд кардан, кам кардан ё вайрон кардани муассисаҳои муҳимми иҷтимоӣ, ба монанди муассисаҳои тандурустӣ, маориф, таҳсилот, фарҳанг, хадамоти иҷтимоӣ ва дигар инфрасохтори асосии иҷтимоӣ мебошанд. Ин амалҳо метавонанд ба коҳиши сифати зиндагии аҳолӣ, коҳиши сатҳи саводнокӣ, паҳншавии бемориҳо, афзоиши фавт ва заифшавии устувории иҷтимоӣ оварда расонанд. Дар маҷмӯъ, вайрон кардани муассисаҳои иҷтимоӣ ба суботи миллӣ, рушди иқтисодӣ ва амнияти иҷтимоии давлат таъсири манфӣ мерасонад.

7. Фароҳам овардани шароите, ки ба вазъи демографии кишвар таъсири манфӣ мерасонад – ин амалҳо метавонанд ба коҳиши суръати афзоиши аҳолӣ, паст шудани сатҳи таваллуд, афзоиши фавт ва муҳоҷирати оммавӣ оварда расонанд, ки дар натиҷа ба таназзули нерӯи инсонӣ, коҳиши иқтидори истеҳсолӣ ва заиф шудани захираҳои дифоъии кишвар сабаб мегарданд. Таъмини суботи демографӣ яке аз омилҳои асосии амнияти иқтисодӣ ва мудофиавии ҳар як давлат маҳсуб ёфта, аз вазъи саломатии ҷамъият, сатҳи маориф, шароити иқтисодӣ ва сиёсати иҷтимоӣ вобаста аст.

8. Вайрон кардани қобилияти мудофиавии кишвар – ин амалҳо метавонанд аз нобуд кардани саноати ҳарбӣ, аз кор мондани инфрасохтори мудофиа, коҳиш додани сармоягузорӣ ба таҳқиқоти ҳарбӣ, нобуд кардани захираҳои муҳим, норасоии мутахассисони баландихтисос ва номуназзамии идоракунии нерӯҳои мусаллаҳ иборат бошанд. Дар ин замина, набудани маркази ягонаи идоракунии системаи мудофиа, заифии сохторҳои фармондеҳӣ, паст будани сатҳи омодагии касбӣ ва

техникӣ, камбуди таҷҳизоти муосир ва заифии низоми логистикӣ метавонанд ба паст шудани қобилияти дифоии кишвар ва заиф гардидани мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ оварда расонанд.

9. Қасдан вайрон кардани принсипҳои умумии эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии ҶТ – ин амалҳо метавонанд ба бад шудани мавқеи байналмилалии кишвар, таназзули муносибатҳои дипломатӣ, коҳиши эътимоди байналмилалӣ ва ҷорӣ шудани таҳримҳо сабаб гарданд. Ҳамчунин, чунин амалҳо метавонанд ба маҳдудшавии ҳамкориҳои иқтисодӣ, коҳиши сармоягузории хориҷӣ, паст шудани нуфузи сиёсии кишвар ва заиф шудани қобилияти мудофиавии он оварда расонанд. Дар шароити муосир, риояи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои таъмини суботи сиёсӣ, амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор аҳамияти махсус дорад.

10. Барангехтани таҳаммулнопазирӣ ва низоъҳои маҳаллӣ ва мазҳабӣ – ин амалҳо барқасдона ва ҳадафмандона тавассути паҳн кардани идеологияҳои тундгаро, истифодаи васоити ахбори омма, интернет ва дигар воситаҳои иртибот, ки ба эҷоди низоъҳои этникӣ, мазҳабӣ ё маҳаллӣ равона шудаанд, амалӣ мегарданд. Ин гуна амалҳо метавонанд ба таназзули суботи иҷтимоӣ, коҳиши эътимоди байнигурӯҳӣ, афзоиши зӯроварӣ ва ҷинояткорӣ, харобшавии муносиботи байналмилалӣ ва коҳиши сармоягузории хориҷӣ оварда расонанд. Илова бар ин, чунин ҳолатҳо метавонанд ба заиф шудани қобилияти мудофиавии кишвар ва ташаккули фазои ноамнӣ сабаб шаванд.

Ба андешаи мо, барои дарки яксони «амалҳои дигар» тибқи м. 309 онҳоро дар ду ҷиҳат мушаххас кардан лозим аст: 1) мазмуни иҷтимоии онҳо; 2) содир гардидани онҳо ҳамчун амалӣ кардани қасди ҷинояткор дар марҳалаи муайян. Дар ҳолати аввал муносибати «амалҳои дигар» бо таркишҳо ва сӯхторҳо бо яксон тавсиф мегардад, ки дар назария ҳамчун амали монанд, ки ба як гуруҳ мансубанд, фаҳмида мешавад. Сабаб дар он аст, ки таркишҳо, сӯхторҳо ва дигар амалҳо дар м. 309 КҶ ҶТ хусусиятҳои ҳуқуқии яксон доранд: а) тамоюли иҷтимоии онҳо ба муқобили баъзе объектҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ; б) хусусият ва дараҷаи хатари иҷтимоии онҳо. Аммо чунин монандӣ,

тавре ки таҳлили назари зер нишон медиҳад, танҳо дар доираи ҳар се шакли тахрибкорӣ нигоҳ дошта мешавад.

Дар шароити муосири технологӣ, системаҳои компютерӣ, интернет ва шабакаҳои мухталифи телекоммуникатсионӣ на танҳо воситаҳои муҳим барои иртибот ва коркарди маълумот мебошанд, балки асоси инфрасохтори ҳаётии шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо низ ба ҳисоб мераванд. Фаъолияти муқаррарӣ ва иҷрои вазифаҳои асосии бисёр сохторҳо ва шахсони воқеӣ ба кори устувор ва бехатари ин системаҳо бевосита вобаста аст. Бо вуҷуди ин, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва густариши васеи истифодаи интернет сабаб гаштааст, ки шаклҳои нави ҷиноятқорӣ, ки қаблан дар қонунгузории ҷиноятӣ мавҷуд набуданд, пайдо шаванд. Маъмулан, ҷиноятҳои киберӣ метавонанд ҳамчун "содир кардани ҷинояти анъанавӣ ба таври ғайрианъанавӣ" тасниф карда шаванд, ки дар онҳо технологияҳои компютерӣ ҳамчун восита ё муҳити содиршавии ҷиноят истифода мешаванд. Бо ин вуҷуд, дар байни онҳо ҷиноятҳои комилан нави ба қонунгузории ҷиноятӣ то ҳол номаълум низ вуҷуд доранд, ки хусусияти махсусан хавфнок дошта, танҳо тавассути истифодаи технологияҳои компютерӣ ва шабакавӣ содир карда мешаванд. Ба чунин ҷиноятҳо метавон ҳамлаҳои киберӣ, воридшавӣ ба шабакаҳои компютерӣ, зараррасонӣ ба системаҳои иттилоотӣ, дуздии маълумоти махфӣ, фишинг, дуздии шахсият ва дигар шаклҳои мураккаби ҷиноятҳои рақамиро дохил кард.

Коршиносони амнияти иттилоотӣ аз таҳдидҳои нави киберӣ ва афзоиши хатари ҷиноятҳои рақамӣ ҳушдор медиҳанд, ки метавонанд дарояндаи наздик ба як воқеияти доимии ҷаҳони рақамӣ табдил ёбанд. Яке аз чунин таҳдидҳо истифодаи технологияҳои "Deepfake" мебошад, ки имкон медиҳанд, ки аксҳо, видео ва аудиои сохта эҷод шаванд, ки бо нусхаҳои аслӣ ба таври аҷиб монананданд. Ин технология метавонад барои фиреб додани мардум, паҳн кардани иттилооти бардурӯғ, барангехтани ихтилофоти иҷтимоӣ ва ҳатто таъсир ба равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ истифода шавад. Илова бар ин, паҳншавии босуръати аутсорсинги маҳсулоти баландтехнологӣ ва афзоиши шумораи транзаксияҳои онлайн, ки тавассути ташкилотҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ анҷом дода мешаванд, хатари ҳамлаҳои кибериро

дучанд мекунад. «Ҳамчунин, дар солҳои охир шумораи объектҳои нави барои ҳамлаҳои киберӣ дастрас, аз ҷумла дастгоҳҳои мустақил бо унсурҳои зеҳни маснӯъ, ки барои мақсадҳои низомӣ ва амниятӣ истифода мешаванд, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ин дастгоҳҳо, ки дар бисёр кишварҳо фаъолона таҳия ва озмоиш мешаванд, метавонанд на танҳо дар амалиётҳои низомӣ, балки дар ҳамлаҳои киберӣ низ мавриди истифода қарор гиранд. Ин таҳаввулот зарурати таҳияи меъёрҳои нави амнияти иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои муосири муҳофизатиро дар сатҳи байналмилалӣ ба миён меорад» [91; 150, С. 104-116]. «Хавф дар он аст, ки ҷинояткорон метавонанд чунин силоҳҳо, аз ҷумла дронҳо, танкҳо ва ғайраро таҳти назорат гиранд ва «метавонанд бо мақсадҳои ғайри қобили қабул истифода намоянд», ин ҳолат яке аз сабабҳои мурочиати гуруҳи мутахассисон ба СММ оид ба манъи истеҳсоли чунин силоҳ буд» [228].

Яке аз аввалин ва маъруфтарин амалҳои тахрибкоронаи ҳамлаи киберӣ, ки ба таври оммавӣ маълум гардид, ҳамлаи вируси компютерии Stuxnet мебошад. Ин вирус, ки тибқи иттилои манбаъҳои гуногун аз ҷониби мутахассисони амрикоӣ ва исроилӣ таҳия шудааст, барои халалдор кардани фаъолияти барномаи ҳастаии Эрон истифода шудааст. «Stuxnet дар системаи саноатии корхонаҳои ядории Эрон паҳн гардида, тавассути тағйир додани параметрҳои кори сентрифугаҳои коркарди ураниум ба корношоямшавии онҳо ва паст шудани самаранокии истеҳсоли маводи ядорӣ оварда расонд. Ин вирус бо истифода аз якчанд осебпазирии дар системаҳои компютерӣ сохта шуда, ҳамчун яке аз аввалин намунаҳои кибераслиҳа, ки ба таҷҳизоти физикӣ таъсир мерасонад, ба ҳисоб меравад. Таҳлили Stuxnet нишон дод, ки он на танҳо барои ҷамъоварии маълумот, балки барои зиён расонидан ба инфрасохтори физикӣ низ таҳия шудааст. Ин ҳолат нишон дод, ки киберҷанг метавонад ба ҷуз таъсири иттилоотӣ, инчунин оқибатҳои ҷиддии физикӣ дошта бошад, ки амнияти миллиро зери хатари ҷиддӣ мегузорад» [224].

Вируси Stuxnet, ки дар даҳаи аввали асри 21 таҳия шудааст, яке аз аввалин намунаҳои силоҳи кибернетикӣ ба ҳисоб меравад, ки махсус барои ҳамла ба системаҳои саноатӣ ва инфрасохтори муҳим таҳия шудааст. Ин нармафзори шубҳанок аввалин бор барои таъсир ба системаҳои назорати саноатӣ, ба монанди

системаҳои SCADA (Supervisory Control and Data Acquisition), ки барои идора ва назорати равандҳои технологии корхонаҳои саноатӣ, лӯлаҳои газ ва нерӯгоҳҳои барқӣ истифода мешаванд, равона гардидааст. Stuxnet бо истифода аз якчанд осебпазирии "нул рӯз" ба компютерҳои саноатӣ ворид шуда, тавассути тағйир додани параметрҳои амалиётӣ, ба монанди суръати гардиши сентрифугаҳои ғанисозии уран, онҳоро аз кор баровард.

Ба гуфтаи коршиносони амнияти киберӣ, аз ҷумла «Ралф Лангнер, Stuxnet танҳо як олати киберҷанг набуд, балки оғози як давраи нави низоъҳои кибернетикӣ гардид, ки дар он системаҳои саноатӣ ва инфрасохтори муҳими давлатӣ ба ҳадафи асосии ҳамлаҳои киберӣ табдил ёфтанд. Р. Лангнер қайд мекунад, ки Stuxnet дарвоқеъ ҳамчун як воситаи зидди густариши силоҳи ҳастаӣ таҳия шуда буд, аммо он ҳамзамон дари густариши силоҳи кибернетикиро боз кард, ки назорат ва маҳдуд намудани истифодаи он дар оянда хеле мушкил хоҳад буд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки кибераслиҳа метавонад ба таври куллӣ парадигмаи амнияти иттилоотӣ ва стратегии ҳарбиро тағйир диҳад, зеро таъсири онҳо метавонад на танҳо ба системаҳои компютерӣ, балки ба амнияти миллӣ, суботи иқтисодӣ ва саломатии ҷамъиятӣ низ таҳдид намояд» [225].

Дар робита ба ин, дастдарозӣ ба фаъолияти муътадили чунин инфрасохтор метавонад боиси вайрон шудани вазифаҳои ҳаётии тамоми нуқтаҳои аҳолинишин, системаҳои телефон, системаҳои барқ ва газ, нақлиёт, энергияи атомӣ ва ғайра гардад. Ҳамин тавр, истифодаи интернет бо чунин мақсад метавонад на танҳо ба корхонаҳо, муассисаҳо ё шахсони алоҳида, балки ба амнияти иқтисодии давлат ва иқтидори мудофиавии он зарари ҷиддӣ расонад.

Ҳолати мазкур аз зарурати криминализатсия намудани амалҳои ҷиноятӣ - ҳамлаҳои киберӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар робита ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ шакли нави содир кардани чунин ҷиноят – «содир кардани тахрибкорӣ тавассути ҳамлаҳои киберӣ» илова карда шавад. Дар доираи ҳамлаи киберӣ бояд ҳамчун таҷовуз ба шабакаҳои компютерӣ тавассути воруди беиҷозати онҳо, сирояти оммавӣ бо нармафзори зараровар, забти иттилооти махфӣ ва ғайра фаҳмида шавад, ки

мақсади заиф кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ -ро дошта бошанд.

Вобаста ба содир кардани таркиш, сӯхтор ё кирдорҳои дигар, ки ба несту нобуд ё вайрон кардани объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавӣ нигаронида шудаанд, бояд гуфт, ки м. 60 -и КҶ соли 1961 ин шакли тахрибкориро ҳамчун содир кардани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳои дигар, ки ба хароб ё вайрон кардани корхонаҳо, биноҳо, роҳҳо ва васоили алоқа, васоили алоқа ё дигар моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ равона шуда буданд, муайян менамуд. Таҳлили мо дар бораи таҷрибаи судӣ нишон дод, ки ин шакли тахрибкорӣ бештар маъмул аст ва тахрибкорӣ дар ин шакл метавонад ба давлат зарари калон расонад. Барои дуруст дарк кардани тарафи объективии тахрибкорӣ шарҳи мафҳумҳои «нобуд кардан «ё «вайрон кардан» зарур аст.

Яке аз маъноҳои таъбири «нобуд кардан» шикастан ва ғайра мебошад. Ба андешаи мо, ин калимаҳо воқеан ҳаммаъно ҳастанд. Бо вуҷуди ин, вақте ки сухан дар бораи чунин таъсир ба ашёи моддӣ меравад, ки метавонад ба несту нобуд шудани онҳо боис гардад, инчунин «вайрон кардан» истифода мешавад. Истифодаи таъбири «несту нобуд кардани» бештар универсалист. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми «нобудшавӣ» бештар ҳамчун «нобуд кардани моликият» маъмул аст.

«Нобуд кардани моликият ҳамчун таъсири ғайриқонунии харобиовар ба он фаҳмида мешавад, ки метавонад мавҷудияти ҷисмонии моликиятро қатъ кунад ё тавре тағйир диҳад, ки моликият арзиши истеъмолӣ ё иқтисодии худро комилан аз даст медиҳад, бо таъйиноти худ корношоям мешавад ва наметавонад барқарор карда шавад. Ин таъриф на танҳо ба нобуд шудани моликият дахл дорад ва тавре ки қаблан гуфтем, тибқи м. 309 КҶ ҶТ, инчунин ба объектҳое, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд, инчунин метавонанд натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, эҷодӣ ва иттилоот эътироф карда шаванд, таалуқ дорад» [205, с. 103]. Аз ин рӯ, мафҳуми нобуд кардани ашё дар ин моддаи баррасишаванда ба таърифи назарии он ниёз дорад, ки он ба ҳама навъи ашёе, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ доранд, татбиқ карда мешавад.

Ба сабабе, ки арзиши иҷтимоии ин объектҳо на танҳо ба мавҷудияти онҳо, балки ба имкони истифодаи мақсадноки онҳо низ вобастагӣ дорад, таҷовуз ба онҳо ҳангоми тахрибкорӣ метавонад ҳамчун таъсир 1) ба ҳолати ҷисмонии онҳо; 2) ба ҳолати функсионалии онҳо зоҳир карда шавад. Навъи якуми таъсир ин комилан қатъ шудани мавҷудияти ҷисмонӣ дар шакли қаблии он, масалан дар таркиш аст. Таъсир ба ҳолати функсионалии объект комилан ва бебозгашт аз даст додани функсияҳояш мебошад, агар он дигар барои таъйиноти таъйиншуда истифода нашавад. Масалан, таъсир ба кори системаи иттилоотии объект, ки кори муътадили онро таъмин мекунад, ки дар натиҷа объект дигар вазифаҳои худро иҷро карда наметавонад, гарчанде ки дар ҳолати хуби ҷисмонӣ қарор дорад. Ҳангоми содир кардани тахрибкорӣ ин шакли таҷовузҳо одатан якҷо баррасӣ карда мешаванд, аммо ин ҳатмӣ нест.

Ҳамин тавр, нобуд кардани ашёе, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ дорад, бояд чунин фаҳмида шавад: 1) қатъи мавҷудияти ҷисмонии чунин ашё ё 2) ба ҳолати номувофиқии функсионалии комилан ва бебозгашт расонидани он, ки дигар наметавонад барқарор карда шавад.

Ҳамин тавр, таъсир ба ҳолати ҷисмонии ашё ҳангоми вайрон шуданаш метавонад чунин бошад: 1) тамоми объект мавҷудияти худро қатъ намекунад, балки дар шакл ё ҳолати муайяни манфӣ дучор мешавад; 2) як қисми объект қатъ мешавад; 3) як қисми ашё тағйироти муайяни манфиро дар шакл ё ҳолат мегузарад. Таъсир ба ҳолати функсионалии объект ҳангоми вайрон шуданаш метавонад бо роҳҳои гуногун зоҳир шавад: 1) мутобиқати функсионалии тамоми объект комилан, аммо муваққатӣ, бо имкони барқарорсозии баъди коршоямии он; 2) мавҷуд набудани корношоямии комилан ва бебозгашти як қисми объект; 3) мавҷуд набудани муваққатии функсионалии як қисми объект бо имкони барқарорсозии минбаъдаи коршоямии он. Ҳангоми содир кардани тахрибкорӣ, ин шакли таҷовузҳои ҷисмонӣ ва функсионалӣ одатан якҷоя карда мешаванд, аммо ин хусусияти ҳатмиро надорад.

Зарар ба ашёе, ки дорои аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиа мебошад, бояд чунин фаҳмида шавад: 1) қатъи мавҷудияти ҷисмонии қисми ашё ё тағйир додани шакл ё ҳолати ҷисмонии объекти мавҷуда дар маҷмӯъ ё қисми он ё 2) расонидани корношоямии функсионалӣ: а) қисман (доимӣ ё муваққатӣ) ё б) комилан муваққатӣ.

Мавриди зикр аст, ки иттилоот ва маълумот дар бораи шахсҳо, ашё, объект, воқеиёт, рӯйдоду ҳодисот (падидаҳо) ва равандҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошад. Ҳама гуна иттилоот маълумоте мебошанд, ки дар васоити физикӣ нигоҳ дошта мешаванд ё ба таври электронӣ намоиш дода мешаванд, яъне, таърифи қонунгузории иттилоот ҳам иттилооти ҳуҷҷатгузоришударо, ки дар васоити моддӣ сабт шудааст ва ҳам иттилооти ҳуҷҷатнашударо дар бар мегирад. Дар заминаи ин масъала, ин маънои онро дорад, ки дар ҳолати ҳуҷҷатгузоришуда иттилоот метавонад дар баробари объекти муайяни моддӣ, ки дар он сабт мешавад, объектиӣ вуҷуд дошта бошад ва иттилооти ҳуҷҷатношуда метавонад шаклҳои махсуси мавҷудияти физикӣ дошта бошад. Предмети нобуд ё вайрон шудани маълумоти ҳуҷҷатгузорӣ метавонад иттилоот якҷо бо интиқолдиҳанда ё танҳо иттилоот бошад.

Мафҳумҳое, ки олимон барои нобуд кардан ё вайрон кардани иттилоот додаанд, бояд ба назар гирифта шаванд, хоҳ онҳо маълумоте бошанд, ки ҳуҷҷатгузорӣ шудаанд ё дар ҳолати физикии дигар. Ҳамин тавр, нобуд кардани иттилоот ҳамчун таъсир ба иттилооти компютерӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷа он нопадид мешавад ё ба ҳолате меорад, ки истифодаи баъди онро бозмедорад. Вайрон шудани иттилоот маънои фаъолиятро дорад, ки дар натиҷаи он маълумот дар ҳама васоити ахбори моддӣ, инчунин дар системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ қатъ мешавад ва барқароршаванда нест. Зарар ба иттилоот аз ҷониби олимон бо мафҳуми тағйир ё таҳрифи иттилоот муайян карда мешавад, ки маънои таъсир ба иттилоотро дорад ва чунин тағйир додани иттилоот аст, ки иттилоотро муваққатаӣ куллан ё қисман барои қонеъ кардани ниёзҳои иттилоотӣ номувофиқ месозад. Ҳангоми содир кардани тахрибкорӣ ба тамомияти иттилоот таъсири ҷисмонӣ мерасад. Вайрон кардан ҳамчун яке аз таҳдидҳо ба иттилоот эътироф карда мешавад, ки ин таҳриф, несту нобуд кардани он мебошад.

Таъсири ҷисмонӣ ба иттилоот ҳангоми тахрибкорӣ метавонад бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тавассути истифодаи вирусҳо амалӣ карда шавад. Вирусҳои компютерӣ барои ғайриқонунӣ ворид шудан ба компютерҳо, системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ ва несту нобуд кардани иттилоот пешбинӣ шудаанд. Истифодаи вирусҳои компютерӣ ё воситаҳои зарарноки техникӣ зери аломатҳои амалҳои дигаре қарор

мегирад, ки ба несту нобуд кардани объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавӣ нигаронида шудаанд. Аз сабаби хатари ҷамъиятии онҳо, хосиятҳои харобиовар ва вазнинии оқибатҳои эҳтимолӣ, чунин амалҳо аз таркишҳо ва сӯхтор кам нестанд.

Ҳамин тавр, дар сурати нобуд кардан ва вайрон кардани иттилоот бо амали тахрибкорона, ба иттилоот ё ҳама гуна интиқолдиҳандаи моддии иттилоот ғайриқонунӣ таъсир расонида мешавад, ки дар натиҷа он: а) мутобиқати функсионалии худро гум мекунад; б) дар ҳолати вайрон кардан - қисман аз ҷиҳати ҷисмонӣ ё қисман (ба таври доимӣ ё муваққатӣ) даст кашидан ё муваққатан корношоямии худро гум мекунанд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, таваҷҷуҳ ба истифодаи ғайриқонунии иттилоот муҳим аст, ки дастрасии онро ғайримумкин месозад. Ҳангоми бандубасти чунин амалҳо, ба андешаи мо, мафҳуми «басташавӣ», бо мафҳумҳои «нобудкунӣ» (нобудшавӣ) ва зарар расонидани иттилоот марбут аст, дар сурате ки предмети амалҳои ғайриқонунӣ худи иттилоот мебошад.

Аммо ин ҳолатҳоро бояд аз амалҳои шабеҳи тахрибкорӣ, ки объектҳои алоҳидаи дорои ҷузъи иттилоотиро дар бар мегиранд, ҳангоми манъ кардани дастрасӣ боиси аз даст додани чунин объекти функсионалии он, ба монанди объекти дорои аҳаммияти мудофиа, бояд тафовут кард. Диспозитсияи м.309 КҶ ҶТ аслан ба самти амалҳои тахрибкорона ба несту нобуд кардан ё вайрон кардани объект дахл дорад, на ба ашё. Мо чунин мешуморем, ки ҳатто омили ҳалкунандаи эътирофи як объект предмети тахрибкорӣ дар он аст, ки дар чунин ҳолатҳо зарари ҷиддӣ ба пояҳои амнияти миллӣ дар асмти амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавӣ расонида мешавад.

Аз ин рӯ, дар самти «нобуд ё вайрон шудани объектҳо...» дар м. 309 КҶ ҶТ бояд ҳамчун майл ба несту нобуд кардани ҳадди ақал як ашё, ки аҳаммияти муҳими иқтисодӣ ё мудофиавӣ дорад, фаҳмида шавад. Ин мавқеъ дар амалияи судӣ низ дастгирӣ карда мешавад.

*Ҳамин тавр масалан С. дар содир кардани ҷиноят мутобиқи кодекси ҷиноятӣ м. 309 КҶ ҶТ, яъне гузоштани моддаи тарканда дар назди гардиши роҳи оҳан бо*

*мақсади вайрон кардани он гунаҳкор диниста шуд, аммо дар натиҷаи боздошти кормандони милитсия нияти ҷиноятии худро то ба охир расонида натавонист. Амалҳои С. ҳамчун як суиқасди анҷомёфтаи ҳолати таркиш, ки ба несту нобуд кардани ашёе, ки дорои аҳаммияти иқтисодӣ ва мудофиа аст, бандубаст гардид.*

мавҷудияти ғараз дар тахрибкорӣ мақсади заиф кардани давлатро дорад» [59, с. 82]. Ангеза, тибқи шарҳи Б.А. Викторов, ҷавоб ба саволи «чаро шахс даст ба содир кардани ҷиноят зад?» медиҳад. Яъне он неруи дохилии рӯҳӣ ва иҷтимоиест, ки шахсро ба рафтори ҷиноятӣ таҳрик медиҳад. Ин ангеза метавонад характери сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, шахсӣ, этникӣ ё динӣ дошта бошад. Дар мавриди тахрибкорӣ, ангезаи маъмул ғолибан ба ғаразҳои идеологӣ, сиёсӣ ё рақобати геополитикӣ асос ёфтааст, ки ҳадафи ниҳоии он заифсозии давлат, беэътиборкунии ниҳодҳои ҳокимият, таҳдид ба истиқлол ва фалаҷ кардани инфрасохтори миллист. Мақсад бошад, ҷавоб ба саволи «чӣ мехоҳад ба даст орад?» медиҳад, яъне самти равонии шахс ва натиҷаи дилхоҳеро, ки шахс ба воситаи ҷиноят дар зеҳнаш тасаввур мекунад, муайян месозад. Дар тахрибкорӣ, агар ангеза масалан нафрати сиёсӣ ё идеологӣ бошад, пас мақсад метавонад «фалаҷ кардани фаъолияти мақомоти давлатӣ», «вайрон кардани шабакаи алоқа», «эҷоди ноустуворӣ дар ҷомеа» ва дар ниҳоят, зарар расонидан ба иқтидори давлат бошад. Аз рӯйи ин тавзеҳ, мавҷудияти ғараз, яъне мақсади огоҳонаи зарар расонидан ба амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ ва истиқлолияти давлатӣ, ҷузъи таркибии ҷинояти тахрибкорӣ мебошад. Ғараз нишондиҳандаи сатҳи баланди хавфи иҷтимоии шахс аст, зеро шахс на тасодуфан ё дар ҳолати эҳсосии муваққат, балки бо омодагӣ ва нияти равшан ба фаъолияти тахрибкорона даст мезанад. Хулоса, ин гуфтаи Б.А. Викторов аз ҷиҳати назариявӣ ба мустаҳкам кардани фарқ байни ангеза ва мақсад кумак мекунад ва дар мавриди тахрибкорӣ бар он таъкид менамояд, ки ҷиноят ҳамчун раванди равонии ҳадафманд бояд дар заминаи ангезаи дохилӣ ва нияти амиқи ғаразнок фаҳмида шавад. Танҳо дар асоси таҳлили якҷояи ин ду унсур, ангеза ва мақсад, метавон дараҷаи хавфнокии ҷиноят ва шахсияти ҷинояткорро дуруст арзёбӣ кард.

Ангезаҳои тахрибкорӣ, яъне сабабҳо ва омилҳое, ки шахс ё гурӯҳро ба содир кардани амали тахрибкорона водор месозанд, метавонанд дорои табиати хеле гуногун ва мураккаб бошанд. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ва психологияи ҷинояткорӣ, ангезаҳо ҳамчун неруи дохилӣ, рӯҳӣ, идеологӣ ё иҷтимоие арзёбӣ мешаванд, ки рафтори ҷиноятиро ташаккул медиҳанд. Шарҳи илмии ин навъияти ангезаҳоро дида мебароем:

а) идеологӣ ва сиёсӣ, яке аз маъмултарин ангезаҳо, ки бештар ба фаъолияти гурӯҳҳои экстремистӣ, террористӣ ва сепаратистӣ хос мебошад. Шахс ё гурӯҳ бо итминон ба «асоснокии ғояи худ» кӯшиш мекунад бо роҳи тахриб (масалан, тарконидани иншооти давлатӣ ё инфрасохторӣ) бо ҳокимият муқобилат намояд. Ин ангеза метавонад ба ислоҳоти сиёсии маҷбурӣ, табаддулоти давлатӣ, ё шикастани истиқлоли як кишвар равона бошад;

б) иқтисодӣ ва моддӣ, асосан тахрибкорӣ ба хотири расонидани зарари мустақим ба рақиб ё барои ноором сохтани бозор, барҳам задани таъминоти молиявӣ, фалаҷ кардани инфрасохтори энергетикӣ ё транспортӣ анҷом дода мешавад. Ин ангеза, масалан, метавонад дар шароити рақобати геоиқтисодӣ байни ширкатҳо, гурӯҳҳои манфиатдор ё давлатҳо ба миён ояд;

в) этникӣ ва динӣ, гурӯҳҳои муайян метавонанд амалҳои тахрибкоронаро бо ангезаи қавмӣ, мазҳабӣ ё таърихии худ асоснок кунанд. Ҳамин гуна ангезаҳо одатан дар муҳити радикализатсия, паҳншавии ақидаҳои душманона ва таҳрикомез рушд мекунанд. Ин навъи тахрибкорӣ бештар хусусияти ифротӣ дошта, барои ангезиши нафрат ва нооромиҳои байнигуруппавӣ истифода мешавад;

г) психологӣ ва шахсӣ, яъне бархе афрод ба хотири эҳсоси озор, интиқом, ғазаб, ё дар натиҷаи бемориҳои рӯҳӣ ба чунин ҷиноят даст мезананд. Гарчанде ки ин шакл бештар ба тахрибкории инфиродӣ хос аст, он метавонад ҳамоно хатари ҷиддӣ дошта бошад;

д) стратегӣ ва низомӣ (диверсионӣ), яъне дар шароити ҷангӣ ё низоъҳои пинҳон, ҳадафи асосӣ заиф кардани иқтидори мудофиавӣ, нобуд кардани иншооти муҳими низомӣ ё иқтисодӣ, ё фалаҷ кардани фаъолияти давлат тавассути роҳҳои пинҳонӣ мебошад. Ин ангеза маъмулан аз ҷониби хадамоти махсуси кишварҳо ё гурӯҳҳои махсуси низомӣ татбиқ мешавад;

е) киберӣ ва иттилоотӣ, яъне дар шароити муосир, тахрибкорӣ метавонад бо ангезаи расонидани зарар ба сохторҳои рақамӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ва зерсохторҳои электронӣ сурат гирад. Мақсад метавонад нооромсозии фазои рақамӣ, вайрон кардани эътимоди ҷамъиятӣ ба ниҳодҳои давлатӣ ё гумроҳӣ дар шабакаҳои иттилоотӣ бошад.

Ангезаҳои тахрибкорӣ гуногунанд ва вобаста ба муҳити иҷтимоӣ, сиёсат, равандҳои байналмилалӣ, вазъи иқтисодӣ, сатҳи фарҳангӣ ва мафкуравии шахс ё гурӯҳ метавонанд шаклҳои мухталифро касб кунанд. Барои муқовимати самаранок бо тахрибкорӣ, фаҳмиши амиқи ин ангезаҳо зарур аст, зеро танҳо бо фаҳмидани сабаб ва манбаъи дохилии амал, метавон механизмҳои пешгирӣ ва бартарафсозии онро таҳия кард.

Ҳамин тавр, ангезаи тахрибкорӣ як аломати факултативӣ аст, ки танҳо ҳамчун ҳолати сабуккунанда ё вазнинкунанда аҳаммияти ҷиноятӣ дорад.

Ба монанди ангеза, аломати факултативии тахрибкорӣ ҳолати эмотсионалии шахс дар вақти ҷиноят мебошад. «Таъсиси чунин ҳолат дар як ҳолати мушаххас барои беҳтар фаҳмидани маънои кирдори барои ҷамъият хавфнок, самти он, инчунин мазмуни тарафи субъективии ҷиноят мусоидат мекунад» [62, с. 11].

Ҳолати эмотсионалӣ, ки ҳамчун ҳолати эҳсосии шахс дар вақти содир кардани ҷиноят маънидод мешавад, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва психологияи ҳуқуқӣ яке аз аломатҳои факултативии тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб меравад ва метавонад нақши муҳим дар фаҳмидани хусусиятҳои равонии шахс, сатҳи хавфнокии ӯ ва дараҷаи омодагии ҷиноятро бозӣ кунад. Ин ҳолат на танҳо ҳамчун инъикоси фаврии эҳсосот (масалан, хашм, интиқомҷӯӣ, нафрат, ноумедӣ), балки ҳамчун нишондоди вазъи дохилии мураккаби шахс дар лаҳзаи қабули қарор барои содир кардани ҷиноят арзёбӣ мешавад. Дар мавриди тахрибкорӣ, ки одатан пешакӣ омодашуда, ғаразнок ва дорои ҳадафи равшани сиёсӣ ё идеологӣ мебошад, ҳолати эмотсионалӣ метавонад нишон диҳад, ки шахс зери таъсири ҳиссиёти устувори радикалӣ, ғоявӣ ё интиқомкорона қарор доштааст ва ин ҳолат барои ташхиси дараҷаи таҳдид ва сатҳи масъулияти ҷиноятии ӯ муҳим аст. Дар мавридҳои дигар бошад, ҳолати эмотсионалӣ метавонад баръакс ҳамчун нишонаи бемории равонӣ, фишори равонӣ ё манипулятсияи беруна арзёбӣ шавад, ки қобилияти дарки хатари кирдор ва идораи он аз ҷониби шахсро суст мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили ҳолати эмотсионалии шахс дар вақти содир кардани ҷиноят метавонад ба додрас ва муфаттиш барои муайян кардани қасди воқеӣ, дараҷаи омодагӣ, сатҳи хатарнокии шахс ва ҳатто қобилияти ҷавобгарии ҷиноятии ӯ кумак намояд. Ҳамин тавр, ҳолати эмотсионалӣ гарчанде унсури ҳатмии

таркиби ҷиноят нест, аз ҷиҳати амалии ҳуқуқӣ ва ташхисии равонӣ ҳамчун унсури пурмазмун ва аҳамиятнок ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, ҳолати эмотсионалии шахсро танҳо ҳангоми ҷазо додан барои тахрибкорӣ ба назар гирифтан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи баррасии зербоби мазкур оид ба аломатҳои тарафи субъективии тахрибкорӣ ба чунин хулосаҳои умумӣ расидан мумкин аст:

1. Субъекти тахрибкорӣ шахси воқеии мукаллафе мебошад, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят ба синни 16 расидааст. Ақидаҳо оид ба кам кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноӣ пешбинӣ гардидаанд, беасос мебошанд. Бино бар ин, нуқтаи назари қонунугузор дуруст ва асоснок мебошад.

2. Тарафи субъективии тахрибкорӣ бо ду хусусияти ҳатмӣ тавсиф карда мешавад: 1) гуноҳ дар шакли қасди бевосита, ва 2) мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ. Ангеза ва ҳолати эмотсионалӣ аломати факултативии тарафи субъекивии тахрибкорӣ мебошад, ки метавонанд ҳангоми баровардани ҳукм аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта бошанд.

3. Мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ аломати ҳатмии тарафи субъективии тахрибкорӣ мебошад, ки ба бандубасти тахрибкорӣ ва ҷудо кардани он аз ҷиноятҳои монанд таъсири назаррас мерасонад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ он ба тарви дигар фаҳмида мешавад. Пешниҳод карда мешавад, ки мақсади ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ дар тахрибкорӣ ҳамчун маҳдуд кардани имконоти давлат барои иҷрои вазифаҳо ва уҳдадориҳои конститутсионии муайянкарда дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон фаҳмида шавад ва ҳангоми дар амал татбиқ кардани он бо истинод ба моддаи мушаххаси Конститутсия муайян карда шавад.

4. Дар тахрибкорӣ гуноҳ дар шакли қасди бевосита, маънои гуногун дорад: 1) содир намудани кирдори таҳрибкорона, ки мутобиқи қ. 1 м. 309 КҶ ҶТ тамоми аломатҳои ҳуқуқии ҷинояти хотимаёфтаро бо таркиби кутоҳкардашуда дорад; 2) содир намудани кирдори таҳрибкоронае, ки амалан ба оқибатҳои барои ҷомеа хатарнок боис шудааст. Дар ҳолати аввал, гуноҳ танҳо вобасти кирдор ва дар ҳолати

дуюм бошад нисбат ба оқибатҳои барои ҷомеа хатарноки он, ки дараҷаи хатари ҷамъиятии тахрибкориро зиёд мекунад, муқаррар карда мешавад.

# БОБИ III. ТАФОВУТИ ҶИНОЯТИ ТАХРИБКОРӢ АЗ ТЕРРОРИЗМ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ВОБАСТА БА ҶИНОЯТИ ТАХРИБКОРӢ

## §3.1. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тафовути ҷинояти тахрибкорӣ аз терроризм

Терроризм ва тахрибкорӣ ду шакли мухталифи ҷиноятҳои вазнин мебошанд, ки ҳар ду ба халалдор кардани амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин ба зарар расонидани мардум ва моликият нигаронида шудаанд. Бо вуҷуди он ки ин ҷиноятҳо баъзан хусусиятҳои умумӣ доранд, онҳо аз ҷиҳати мақсад, усул ва оқибатҳо (тарафи объективӣ) аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Терроризм маъмулан ба амалиёте дахл дорад, ки ба тарсондани аҳолӣ, маҷбур кардани ҳукумат ё созмонҳои байналмилалӣ ба қабули қарорҳои муайян ва ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ, идеологӣ ё мазҳабӣ равона шудааст. Ҳадафи асосии террористон эҷоди хавф ва таҳлука дар байни аҳолӣ, тағйир додани сиёсати давлат ё зӯроварии маҷбурии сиёсӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, террористон маъмулан аз усулҳои зӯроварӣ, инфиҷорҳо, одамрабоӣ, ҳамлаҳои мусаллаҳона ва дигар шаклҳои хушунат истифода мебаранд. Хусусияти фарқкунандаи терроризм дар он аст, ки он ҳамеша бо оммавӣ будани таъсири равонӣ ба аҳолӣ ва истифодаи васоити ахбори омма барои паҳн намудани тарс ва таҳлука тавъам аст. Террористон маъмулан кушиш мекунанд, ки тавассути эҷоди муҳити нооором ва бесубот, фишор ба ҳукумат ва ҷамъиятро афзоиш диҳанд.

Тахрибкорӣ, баръакс, ба амалҳои пинҳонкорона ва махфӣ равона карда шуда, маъмулан бо мақсади хароб кардани инфрасохтори муҳими давлатӣ, низомӣ ё иқтисодӣ, бе ҳадафи мустақими таъсир ба аҳолӣ анҷом дода мешавад. Тахрибкорӣ метавонад шаклҳои гуногуни амалиёти харобкорӣ, вайрон кардани зерсохторҳо, ҳамла ба шабакаҳои иртиботӣ ё объектҳои муҳими стратегиро дар бар гирад. Дар муқоиса бо терроризм, тахрибкорон одатан мекӯшанд, ки амалиёти худ то ҳадди имкон махфӣ ва ноаён гузарад, то ки ҷалби таваҷҷӯҳи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои амниятиро пешгирӣ намоянд. Дар бисёр ҳолатҳо, тахрибкорӣ ба қисми

ҷудонашавандаи ҷанги иттилоотӣ ё ҷанги гибридӣ табдил меёбад, ки ҳадафи он заиф кардани қобилияти мудофиавии душман ва таъсир ба устувории низоми давлатӣ мебошад. Новобаста аз ин фарқиятҳо, ҳар ду ин ҷиноятҳо ба таъмини амнияти миллӣ таҳдид карда, зарурати таҳкими қонунгузорӣ, такмили сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва рушди чораҳои пешгирикунандаро тақозо мекунанд. Дар ин замина, муҳим аст, ки дар КҶ ҶТ, аз ҷумла м.м. 309 (тахрибкорӣ) ва 179 (терроризм) КҶ ҶТ, хусусиятҳои фарқкунандаи ин ҷиноятҳо ба таври мушаххас ва возеҳ нишон дода шаванд, то ки дар амалиёти тафтишотӣ ва мурофиавӣ номуайяниҳои ҳуқуқӣ пешгирӣ гарданд.

Дар байни мушкилоте, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи судӣ ва татбиқи ҳуқуқ ба миён меоянд, масъалаи фарқ намудани ҷинояти дар м. 309 КҶ ҶТ пешбинигардида аз ҷиноятҳои дигар, пеш аз ҳама бо терроризм мебошад. Ин шарти муҳимми ҳалли чунин як масъалаи илмӣ таҳлили дурусти илмии муқаррароти ҳуқуқии марбут ва мафҳумҳои назарӣ мебошад, ки бояд унсурҳои зерини сохториро дар бар гиранд:

1) таҳлили муқоисавии ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба тахрибкорӣ ва ҷиноятҳои ба он монанд: а) муқаррар намудани аломатҳои ҳатмии монанд сохторӣ, ки ба таркибҳои ҷиноятҳо дохил карда шудаанд; б) муқоисаи сохторҳои қонунгузории таркиби ҷиноят ва муқаррар намудани аҳаммияти онҳо барои бандубасти ҷиноят; в) қобили ҷазо будани ҷиноятҳо ва аҳаммияти он барои ҳалли масъалаҳои бандубасти онҳо;

2) ҳалли масъалаҳои қоидаҳои рақобати меъёрҳо ва маҷмуи ҷиноятҳо: а) муқаррар кардани имкони қоидаҳои рақобат, ки дар м. 309 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, бо дигар меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ва таҳияи қоидаҳои бандубасти тахрибкорӣ дар чунин ҳолатҳо; б) ҷудо кардани рақобат аз маҷмуи идеалӣ ва воқеии тахрибкорӣ бо дигар ҷиноятҳо.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ масъалаи душвортарин марбут ба робитаи тахрибкорӣ ва дигар ҷиноятҳо, муносибат байни тахрибкорӣ ва амалҳои террористӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо аз нигоҳи илмӣ ин масъаларо ҳамаҷониба таҳқиқ кардем, ки натиҷаҳои он дар зер нишон дода шудаанд.

Ҷавобгарӣ барои содир кардани амали террористӣ дар қ. 1. м. 179 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки тибқи он терроризм ҳамчун «содир намудани таркиш,

сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халал ворид кардан ба амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо» фаҳмида мешавад.

Пеш аз ҳама хусусиятҳои шабеҳи тахрибкорӣ ва амали террористиро зикр намудан зарур аст.

1. «Объекти хелии тахрибкорӣ (м. 309 КҶ ҶТ) амнияти давлатӣ мебошад. Терроризм (м. 179 КҶ ҶТ) дар фасли VIII ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ» -и қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва маънои онро дорад, ки объекти хелии он амнияти ҷамъиятӣ, яъне муносибатҳои ҷамъиятӣ барои ҳифзи одамон аз манбаъҳои хатари афзоянда (гуруҳҳои ҷиноӣ, таҳдидҳои террористӣ, ашёи дигаре, ки барои муҳити атроф хатари бештар доранд) мебошад» [212, с. 187]. «Як гуруҳ олимон пешниҳод мекунанд, ки асосҳои амнияти миллӣ ё сулҳ, амнияти башарият ва ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун объекти умумии амали террористӣ эътироф карда шаванд» [136, с. 88]. Ҳамчунин пешниҳоди дохил кардани таркиби амали террористӣ ба боби ҷудогонаи нави «Ҷиноятҳои террористӣ» мавҷуд аст, ки он ҳама ҷиноятҳои террористиро дар бар мегирад. Тавре ки дида мешавад, барои мақсадҳои тадқиқот объекти хелии тахрибкорӣ дуруст эътироф кардани амнияти давлатӣ мебошад, ки аз ҷойгиршавии м. 309 КҶ ҶТ бармеояд. Ин гуна муносибат барои ҳалли баъзе масъалаҳои дигари марбут ба робитаи байни тахрибкорӣ ва амали террористӣ муҳим аст. Ҳамин тавр, ҷиноятҳои дар м. 309 ва 179 пешбинишудаи КҶ ҶТ объектҳои гуногуни хелӣ доранд.

2. Тахрибкорӣ ва терроризм инчунин бо объектҳои асосии бевоситаи ин ҷиноятҳо низ фарқ мекунанд. Дар тахрибкорӣ, инҳо объектҳои инфиродии амнияти миллӣ дар соҳаҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки мушаххасоти онҳо ба шаклҳои содир кардани ин ҷиноят вобаста аст ва дар амали террористӣ –

муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳифзшаванда аз таҳдидҳои террористӣ ҳамчун манбаи махсуси афзоиши хатар.

3.Муносибати байни тахрибкорӣ ва терроризм вобаста ба объекти иловагӣ то андозае мураккаб ба назар мерасад. Аз ҷумла: а) объектҳое мавҷуданд, ки метавонанд дар содир намудани ҳар ду ҷиноят иловагӣ бошанд, масалан, муносибатҳои моликият; б) доираи объектҳои иловагӣ ҳангоми содир кардани амали террористӣ хеле васеъ аст, зеро дар диспозитсияи м. 179 КҶ ҶТ ба эҷоди хатари оқибатҳои вазнин дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ ишора мегардад; ҳангоми тахрибкорӣ, доираи ин гуна объектҳо маҳдуд мебошад - он нисбат ба амалҳое, ки ба нобуд ё вайрон кардани объектҳое, ки дорои иқтисодиёти муҳимми аҳаммияти мудофиа равона гардидааст, амали карда мешавад.

4. Барои дуруст дарк намудани муносибати байни тахрибкорӣ ва амали террористӣ вобаста ба объектҳояшон ба назар гирифтани хусусиятҳои мафҳуми амнияти миллӣ муҳим аст, ки тибқи он м. 309 КҶ ҶТ муҳимтарин арзишҳо, манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон, ҷомеа ва давлатро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи амнияти ҷамъиятӣ ҳифз менамояд. Барои татбиқи амалии м.м. 309 ва 179 -и КҶ ҶТ ин маънои онро дорад, ки дар сурати муқаррар намудани таҷовуз ба чунин арзишҳои муҳимтарини ҷамъиятӣ афзалият ба татбиқи м. 309 КҶ ҶТ дода мешавад. Аз ин рӯ, мумкин аст ҳолатҳое вуҷуд дошта бошанд, ки амнияти ҷамъият ҳамчун объекти изофавии тахрибкорӣ эътироф карда шавад.

5. Хусусияти тахрибкорӣ дар муқоиса бо амалҳои террористӣ, дар предмети ҷиноят ҳамчун аломати ҳатмӣ мебошад. Аз ҷумла, предмети тахрибкорӣ объектҳое мебошанд, ки амнияти иқтисодӣ ва мудофиавӣ доранд. Дар доираи амали террористӣ аломати предмети ҷиноят ҷой надорад.

6. Тахрибкорӣ ва амалӣ террористӣ аз рӯйи тарафи объективӣ бо миқдор ва мундариҷаи аломатҳое, ки онҳоро тавсиф мекунанд тафовут доранд. Ҳамин тавр, тахрибкорӣ танҳо бо амалҳое тавсиф мешавад, ки ба таври алтернативӣ дар диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ, ки бар асоси мундариҷа ва самти он тақсим мешавад. Амали террористӣ метавонад дар ду шакли асосӣ содир карда шавад, ки ба таври алтернативӣ дар қ. 1 м. 179 КҶ ҶТ оварда шудааст. Тарафи объективии амали

террористӣ, ки дар шакли аввал содир шудааст, бо се аломати ҳатмӣ тавсиф карда мешавад: 1) кирдор - истифодаи силоҳ, таркиш, сухтор ё дигар амалҳо; 2) оқибатҳои махсус дар шакли эҷоди хатар ба ҳаёт ё саломатии инсон ё расонидани зарари калони моддӣ ё пайдоиши дигар оқибатҳои вазнин; 3) робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат. Ҳангоме ки амали террористӣ дар шакли дуюм сурат мегирад, тарафи объективии он дар таҳдиди содир кардани амалҳои дар шакли аввал зикршуда ифода меёбад. Амали террористӣ - бевосита дар содир намудани ҷинояти дорои хусусияти террористӣ дар шакли таркиш, оташзанӣ, истифодаи воситаҳои таркандаи ядроӣ, моддаҳои радиоактивӣ, химиявӣ, биологӣ, тарканда, токсикӣ, заҳрнок, сахттаъсир, заҳролуд, нобуд сохтан, зарар расонидан ё забт кардани воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳо, сӯиқасд ба ҳаёти ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ, намояндаи миллӣ, этникӣ, динӣ ё дигар гуруҳҳои аҳолӣ, гаравгонгирӣ, одамрабоӣ, ба вуҷуд овардани хатари расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони доираи номуайян тавассути ташкили шароит барои садама ва фалокатҳои дорои хусусияти техногенӣ ё таҳдиди воқеии ташкили чунин хатар, содир намудани дигар амалҳое, ки боиси хавфи ҳалокати одамон мегарданд, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба вуҷуд омадани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ифода меёбад.

Таҳдид – ин мақсади дар шакли маъмулӣ ифодагардидаи содир намудани амали террористӣ набуда, балки арзи қатъии мақсадест, ки аз ҷиддӣ ва ҳақиқӣ будани чунин мақсад шаҳодат медиҳад. Яъне паҳн намудани таҳдид дар ҳар гуна шакл ва тавассути ҳар гуна воситаҳо, содир намудани дигар амалҳое, ки боиси хавфи ҳалокати одамонро дорад. Масалан, фармоиш барои ба даст овардани воситаҳои таркишу хатарноки биологӣ ва радиоактивӣ ё силоҳ, содир намудани таркиш ё сӯхторҳои «огоҳикунанда», тайёрӣ барои аз кор баровардани объектҳои стратегии ҳаётан муҳим ё ин ки вайрон кардани ҷараёни технологӣ, муҳосира кардани робитаҳои нақлиётӣ ва ғайраҳо. Дар тахрибкорӣ чунин таҳдид дохил карда нашудааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми таҳдиди содир кардани ҳама гуна амалҳое, ки дар диспозистияи м. 309 КҶ ҶТ нишон дода шудааст, ин ҷиноят бо дигар моддаҳои КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

7. Гуфтан зарур аст, ки дар м. 179-КҶ ҶТ дар тафовут аз м. 309 КҶ ҶТ, ки аслан на дар бораи «содир намудани кирдорҳое, ки ба ... нигаронида шудаанд», балки «амалҳое, ки хатар эҷод кардаанд ...» сухан меравад. Аммо амалҳои охиринро ҳамзамон метавон ҳамчун амалҳое, ки ба эҷоди хатар нигаронида шудаанд, тавсиф кардан мумкин аст. Бино бар ин, дар м. 179 КҶ ҶТ чунин амалҳо бояд барои расидан ба ҳадафи мушаххас равона карда шаванд, ки ба таври алтернативӣ дар ин модда зикр шудааст ва самти амалҳо барои эҷоди хатар ҳамеша як қисми объективии чунин таҳдид зоҳир гарддааст. Ин имкон медиҳад, ки тафовут байни ҷиноятҳои мавриди баррасӣ қароргирифтаро муайян карда шавад, ки дар м. 309 КҶ ҶТ танҳо дар бораи самти амалҳо барои расонидани зарар ба предмети муайян ва дар м. 179 КҶ ҶТ кирдорҳое, ки хатар эҷод кардаанд ...» ду намуди амалҳоро дар бар мегирад: а) амалҳое, ки ба эҷоди хатари расонидани зарар равона шудаанд ва амалӣ кардани чунин хатар дар шакли зарари воқеӣ ва б) амалҳое, ки танҳо ба эҷоди таҳдиди хатари зарар равона карда шудаанд. Навъи якум ба амалҳои тахрибкорӣ монанд аст, навъи дуюм амали террористиро аз тахрибкорӣ фарқ кунад.

8. «Баъзе олимон тафовути тахрибкориро ва амали террористӣ дар он мебинанд, ки одатан диверсантҳо пинҳонӣ амал мекунанд ва амалҳои худро таблиғ намекунанд, дар ҳоле ки террористон ошкоро, намоишкорона бо талабот ва шуҳратпарастии худ амал мекунанд» [136, с. 88]. Ба ақидаи баъзе олимон одатан фаъолияти тахрибкорӣ пинҳонӣ сурат гирад. «Дар шароити муқовимати қонунии низомӣ, ки дар он таҳдидҳои амниятӣ ва омилҳои ҳарбӣ нақши асосӣ мебозанд, тахрибкорӣ метавонад ба амалиёти низомӣ табдил ёбад. Дар чунин ҳолат, субъекти ҷиноят, ки ҳамчун тахрибкор амал мекунад, бояд бо риояи махфият ва пинҳонкорӣ фаъолият намояд, то ки амалиёти тахрибкорона дар марҳилаи омодагӣ ва татбиқаш аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ошкор нагардад. Аз ин рӯ, тахрибкор, ҳамчун субъекти ҷиноят, бояд аз ҳама гуна равишҳои ошкорои оммавӣ ва таблиғотӣ, ки метавонад ба фош шудани нақшаҳои ӯ сабаб гардад, худдорӣ намояд. Ин амал дар замони осоишта низ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро пинҳонкорӣ ва махфияти амалҳои тахрибкорона имкон медиҳанд, ки ҷинояткорон ҳадафҳои худ, ба мисли

тахриб намудани инфрасохтори муҳими давлатӣ ё зарфиятҳои ҳарбӣ, бо муваффақият татбиқ намоянд» [175, с. 273-279].

Баръакс, дар амали террористӣ, ки мақсади асосии он тарсондан, зӯроварӣ ва эҷоди хавфу таҳлука байни аҳолӣ мебошад, механизми рафтор ва усули амалҳои ҷинояткорона тамоман дигар аст. Террористон барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ, аз ҷумла таъсир ба қабули қарорҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ё расонидани таъсир ба мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ҳамеша мекӯшанд, ки тавассути васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар каналҳои иттилоотӣ аҳолиро дар ҳолати даҳшат ва таҳлука нигоҳ доранд. «Дар чунин ҳолат, пинҳонкорӣ на танҳо монеаи расидан ба ҳадафҳои онҳо мешавад, балки таъсири амали террористиро низ коҳиш медиҳад» [175, с. 273-279]. Аз ин рӯ, дар амалҳои террористӣ хусусияти ошкоро ва оммавии амали ҷиноятӣ яке аз аломатҳои калидии он ба ҳисоб меравад, зеро бе таъсири равонӣ ба аҳолӣ, ки тарсу таҳлукаи умумиро ба вуҷуд меорад, амали террористӣ маънои худро гум мекунад.

Бо вуҷуди ин, дар КҶ ҶТ, аз ҷумла м.м. 309 (тахрибкорӣ) ва 179 (амали террористӣ), чунин хусусиятҳои ошкоро ё пинҳонӣ ҳамчун аломатҳои ҳатмии ин ҷиноятҳо махсус зикр нашудаанд. Ин ҳолат метавонад ба номуайяниҳои ҳуқуқӣ ва мушкилот дар амалиёти тафтишотӣ ва мурофиавӣ оварда расонад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт такмил дода шуда, ба таври дақиқ ва мушаххас хусусиятҳои асосии ин ду намуд ҷиноят, аз ҷумла тарзи содиршавӣ, мақсад ва усулҳои амалӣ гардонидани онҳо, инъикос гардад.

9. Хусусияти муҳимми тарафи объективии амали террористӣ дар он аст, ки он бо амалҳое тавсиф мешавад, ки на танҳо ба хатар гузоштани ҳаёт ё саломатии инсон ё расонидани зарари ҷиддии моддӣ ё дигар оқибатҳои ҷиддӣ нигаронида шудаанд, балки чунин хатарро ба вуҷуд овардаанд. Ҳамин тавр, эҷоди воқеии ин хатар хусусияти мустақили ҳатмии тарафи объективии амали террористӣ мебошад, ки бояд дар таснифи ҷиноят муқаррар карда шавад. Аломати хатар дар м. 179 КҶ ҶТ як эҳтимоли воқеӣ, эҳтимоли ҳадди аксар, оқибатҳои ин хатар аст, ки чунин хатар ба ногузир баробар ё наздик аст. Агар он қатъ ё бартараф карда нашавад, боиси оқибатҳои ҷиддӣ мегардад. Чунин эҳтимол бояд ҳамеша бо дарназардошти шароите,

ки амалҳои лозим анҷом дода шудаанд, хосиятҳои силоҳ ё маводи тарканда, ҷойгиршавии ашхоси осебдида ва дигар ҳолатҳои воқеӣ муқаррар карда шаванд. Чунин хусусият ҳамчун як аломати тарафи объективии ҷиноят ҷузъи тахрибкорӣ нест. Аммо, бояд дар назар дошт, ки дар доираи «амалҳое, ки дар м. 309 КҶ ҶТ бояд амалҳое эътироф карда шаванд, ки бевосита ба расонидани зарари муайян равона карда шудаанд ва ин маънои онро дорад, ки дар асл чунин амалҳо барои объекти муайяни амнияти миллӣ хатари воқеӣ эҷод мекунанд. Аммо эҷоди чунин хатар ба он предмете, ки ҳангоми содир кардани амали террористӣ рӯй медиҳад, ҳамзамон рост меояд. Ҳамин тавр, дар сурати таркише, ки ҳадафи он нобуд кардани оммавии одамон дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо бо истифода аз маводи таркандаест, ки аз он касе осеб надидааст ва осеб дидан ҳам мумкин нест, ки ин ба хусусиятҳои худи таркиш вобаста аст, ки ҷинояткор намедонист, ин амал ҳамчун тахрибкорӣ эътироф карда мешавад, гарчанде ки воқеан таҳдид ба маънои м. 179 КҶ ҶТ ҷой дорад.

*Масалан, шаҳрванди ҶТ «Х» санаи 06 ноябри соли 2019, тахминан соати 02:40 дақиқаи шаб бо гуруҳи муташаккили силоҳбадасти аъзоёни ташкилоти террористӣ - экстремистии «Давлати исломӣ», ки шахрвандони ҶТ иборат аз 31 нафар, тавассути автомашинаҳои гуногун бо мақсади содир намудани терроризм бо ниҳодҳои «ҷиҳод», «ҷанг» ба дидбонгоҳи сарҳадии рақами 4 «Ишқобод»-и отряди сарҳадии «Султонобод»-и қисми ҳарбии №0317 Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ ҳуҷуми мусаллаҳона намуда, силоҳҳои оташфишон ва дигар лавозимотҳои ҷангии ин қисми ҳарбии дидбонгоҳҳоро тасарруф кардаанд. Дар натиҷаи ин амали террористӣ 5 нафар хизматчиёни ҳарбии мавриди иҷрои вазифаҳои хизматӣ қарор дошта муовини командири қисми ҳарбии мазкур оид ба тайёрии ҳарбӣ капитан «Т», старшина «Л», сарбозони қаторӣ «К», «А» «С» ва нозири минтақавии ШВКД дар ноҳияи Рӯдакӣ лейтенанти милитсия «Ш» ба қатл расонида шуданд. Бо чораҳои амалии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ андешидашуда «Х» ва дигар нафар аъзоёни ин гуруҳи террористӣ, дастгир карда шудаанд. Мувофиқи хулосаи ташхиси судӣ-коплексии Раёсати ташхисӣ – криминалистии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати задухурди мусалаҳона аз предмет ва олоти содиркунии ҷиноят изҳои*

*моддаҳои таркандаи навъи тротил ошкор гардидааст. Бо ин ҳаракатҳои худ «Х» ҷинояти дар м. 179 қисми 3 банди «а»-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпаррони аз яроқи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо, аз ҷониби гуруҳи муташаккил пешбинӣ мекунад, содир намуд* [237].

Инчунин бояд, гуфт, ки тахрибкорӣ ба терроризм аз нигоҳи объектвии ин ҷиноятҳо монанд мебошад. Ҳаракатҳо ҳангоми тахрибкорӣ бо ҳарактҳое, ки дар м. 179 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд монанд мебошанд, ба монандӣ: а) «содир кардани таркишҳо, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки ба… равона шудаанд»; б) «содир намудани амалҳое, ки ба… нигаронида шудаанд». Дар ҳолати амали террористӣ «содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдор».

Ғайр аз он, дар ҳар ду ҷинояти баррасишуда ин рӯйхатти номбаргардида мукаммал нест ва аз ин рӯ, он метавонад ба аломатҳои беруни кирдор низ монанд бошад. Дар айни замон, доираи чунин амалҳо дар ҳар ду таркиби ҷиноят бо аломати самти онҳо маҳдуд аст, ки гуногун ба назар мерасанд: дар тахрибкорӣ - расонидани зарар ба баъзе объектҳои амнияти миллӣ ва дар амали террористӣ - ба эҷоди хатар ба объектҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки руйхатти онҳо ниҳоӣ нест (ҳаёт ё саломатии одамон ва дигарон). Ҳамзамон хусусияти зараре, ки ба дигар объектҳо эҳтимолан мерасад, мушаххас мегардад ва ин зарари калони молӣ аст ё оқибатҳои вазнин дорад. Ҳамин тавр, таносуби дар боло зикршудаи ин ҷиноятҳо имкони ҷой доштани ҳолатҳоеро нишон медиҳад, ки кирдори содирнамудаи шахс ҳамзамон аз рӯйи аломатҳои объективӣ ба м.м. 309 КҶ ҶТ ва 179 КҶ ҶТ мувофиқ мегардад. Дар ин ҳолатҳо ин ҷиноятҳо аз рӯйи дигар аломатҳо фарқ карда мешаванд ва дар сурати набудани чунин аломатҳо тавассути қоидаҳои бандубасти ҷиноятҳо вобаста ба рақобати меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ҳал карда мешаванд. Ҳамзамон ин маънои онро

дорад, ки чунин амалҳо имконпазиранд, ки танҳо ба м. 179 КҶ ҶТ рост меоянд, масалан, амали террористӣ амалҳоеро дар бар мегирад, ки хавфи чунин оқибатҳои вазнинро ба монанди номусоид намудани фаъолияти муътадили баъзе корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ва ғайра ба вуҷуд овардаанд.

«Ба андешаи баъзе муаллифон эҷоди хатар, ки дар м. 179 КҶ ҶТ зикр шудааст, оқибати мушаххаси ин ҷиноят мебошад» [171, с. 159-161], [184, с. 159-161]. Мо метавонем ба ин розӣ шавем, аммо ба шарти он, ки ин оқибати хоси амал бошад, ки на зарари воқеиро, балки имкони чунин зарарро инъикос мекунад, аммо зарурати мавҷудияти робитаи сабабиро байни амал ва эҷоди ин хатар ба вуҷуд намеорад. Эътирофи ҳатмии робитаи сабаби дар таркиби м. 309 КҶ ҶТ ба андешаи мо бо дарназардошти шарҳи судӣ, мазмуни шабеҳи эҷоди хатар дар таркиби ҷиноятҳои зидди бехатарии истеҳсолот дуруст аст. Ҳамин тавр, Пленуми. Суди Олии ҶТ тавсия медиҳад, ки судҳо робитаи сабабии байни кирдор ва оқибатҳоеро, ки ба вуҷуъ омадаанд, мушаххас намоянд. Ҳангоме ки амали террористӣ содир карда мешавад, мазмуни қасд дар муқоиса бо тахрибкорӣ ва шакли дуюми амали террористӣ хусусиятҳо дорад. Аз ҷумла, тарафи зеҳнии он, ба ғайр аз нишонаҳои зикршуда, пешгӯии шахс аз пайдоиши оқибати мушаххас дар шакли хатар ба ҳаёт ё саломатии инсон ё хатари расонидани зарари ҷиддии молумулкӣ ва дигар оқибатҳои вазнин ва мундариҷаи аломатҳои иродаи қавӣ мувофиқи хоҳиши эҷоди чунин хатар муайян карда мешавад.

10. Тахрибкорӣ аз амали террористӣ вобаста ба мақсади содир кардани амалҳои ҷиноӣ тафовут дорад. Ин тафовут бевосита аз мазмуни м. 309 КҶ ҶТ ва 179 КҶ ҶТ дида мешавад. Дар таркиби тахрибкорӣ ин ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ ва дар таркиби амали террористӣ бошад: 1) вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ; 2) тарсонидани аҳолӣ; 3) иғвоангезии низомӣ, ихтилофи байналмилалӣ; 4) таъсир ба қабули қарор ё содир кардан ё накардани амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳаллӣ, шахсони мансабдори ин мақомот, иттиҳодияҳои шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ; ё 5) ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба ақидаҳои муайяни сиёсӣ, динӣ ё дигар ҷинояткорон (террористон). «Ҳамзамон дар адабиёти илмӣ ҳолатҳое дида шаванд, метавонанд, ки мақсади ин ҷиноятҳо як

мебошад» [90, с. 29-32]. «Ба андешаи Ю.Н. Моторина и Е.В. Фоменко чунин ҳолатҳо аз ҷиҳати назарӣ имкон доранд, аммо дар амал исбот кардани яке аз ин мақсадҳо хеле душвор хоҳад буд» [125, с. 149].

Ҳамчун як қисми амали террористӣ ба таври алтернативӣ навъи мақсадҳои дар м. 179 КҶ ҶТ сабтгардида маънои онро доранд, ки ҳадди аққал як мақсад барои бандубасти ин ҷиноят ва инчунин фарқ кардани он аз тахрибкорӣ кофӣ мебошад. Дар ин замина мавқее қобили таваҷҷуҳ аст, ки ба ҷудо кардани амали террористӣ аз тахрибкорӣ барои тарсонидани аҳолӣ аҳаммияти махсус медиҳад, фазои тарсро ба вуҷуд меорад ва нигоҳ медорад, ки ба андешаи ӯ, барои тахрибкорӣ хос нест. Ба андешаи мо, ин мақсади ҷиноят ба монанди дигар мақсад ҷинояти мазкурро аз дигараш фарқ мекунад, зеро тибқи қонун он танҳо яке аз шаклҳои алтернативии терроризм мебошад. Гузашта аз ин, ҳангоми содир кардани тахрибкорӣ тарсонидани аҳолӣ дар ҳолатҳои мушаххас метавонад ҳамчун зуҳури ҳадафи ноустувор кардани давлат эътироф карда шавад ва мувофиқи қоидаҳои рақобат ба тахрибкорӣ мувофиқи м. 309 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Тахрибкорӣ аз амали террористӣ аз рӯйи субъекти ҷиноят фарқ мекунад, зеро субъекти терроризм шахси мукаллафе эътироф карда мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни 14 расидааст, субъекти тахрибкорӣ шахси мукаллафе эътироф карда мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни 16 расидааст.

Ҳамин тавр, ҷиноятҳои дар м.м. 309 КҶ ҶТ ва 179 КҶ ҶТ пешбинигардида дар таркиби худ чунин хусусиятҳои объект, тарафи объективӣ ва субъективӣ доранд, ки бо он фарқ мекунанд. Як ё якчанд чунин хусусият метавонанд дар фарқи байни тахрибкорӣ ва терроризм аҳаммияти ҳалкунанда дошта бошад, агар кирдори содиркардаи шахс бо аломатҳои муайяне, ки барои ин ҷиноятҳо яксонанд, тавсиф карда шавад.

Инчунин ёдовар кардан аз хусусиятҳои сохторҳои қонунгузории тахрибкорӣ ва амали террористӣ, аҳаммияти ҷазои ҷиноятӣ барои бандубасти онҳо мувофиқи мақсад аст. Тахрибкорӣ аз амали террористӣ дар сохтори таркиби ин ҷиноят тафовут дорад. Тавре ки гуфта будем тахрибкорӣ таркиби кутоҳкардашудаи расмӣ дорад.

Аммо амали террористӣ ҷиноятест, ки ҳам таркиби моддӣ ва ҳам таркиби расмӣ дорад.

Масъалаи лаҳзаи хотима ёфтани тахрибкорӣ ва амали террористӣ ҳамчун ҷинояти анҷомёфта ҳангоми бандубасти онҳо бо роҳҳои гуногун ҳал карда мешавад. Ҳамин тавр, тахрибкорӣ аз лаҳзаи таркиш ё сӯхтор ё аз лаҳзаи амалҳои дигаре, ки бевосита ба осеб расонидан ба объектҳои алоҳидаи амнияти миллӣ нигаронида шудаанд, анҷомёфта дониста мешавад. Амали террористӣ аз лаҳзаи ба ҳаёт ва саломатии инсон таҳдид кардан ё расонидани зарари ҷиддии моддӣ ё дигар оқибатҳои ҷиддӣ анҷомёфта дониста мешаванд. Аз ин рӯ, масалан, тахрибкорӣ метавонад ҳамчун ҷинояти анҷомёфта аз лаҳзаи таркиш, тавре ки дар моддаи мазкур омадааст, эътироф карда шавад, новобаста ба оқибатҳои воқеии он ва дар сурати амали террористӣ эълон кардани ҷиноят, муайян кардан лозим аст, ки таркиш оқибати мушаххасро дар ҷои муайян – хавфи дар моддаи мазкур зикршударо ба вуҷуд овардааст ё не. Амали террористие, ки дар шакли таҳдид содир шудааст, аз лаҳзаи исботи таҳдиди содирнамудаи м. 179 КҶ ҶТ ба таваҷҷуҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё ҳукуматҳои маҳаллӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ё шахсони воқеӣ амал мекунад, анҷомёфта ҳисобида мешавад.

«Ба ақидаи баъзе олимон, барои терроризм содир кардани таркиш ё сӯхтор танҳо оғози тарафи объективӣ мебошад, зеро пас аз иҷрои ин марҳалаи фаъолияти ҷинояткорон амали террористӣ амалҳои баъдии худро бо маҷбур кардани объекти таъсир ба рафтори муайян алоқаманд мекунанд» [144, с. 96]. Ин изҳоротро танҳо қисман қабул кардан мумкин аст – таркиш ё сӯхтор оғози амалҳое мебошад, ки хатар эҷод мекунанд, аммо боқимондаи муқаррарот тамоман ба ҷанбаи дигар – тафовути лаҳзаҳои ҳуқуқӣ ва воқеии ҷиноят марбутанд.

Мувофиқи рақобати меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ оид ба тахрибкорӣ ва терроризм, ҷудо намудани он аз маҷмуи чунин ҷиноятҳо, ки меъёрҳои пешбининамудаи м. 309 ва 179 КҶ ҶТ-ро ёдовар шуд. Мувофиқи фаҳми умумӣ оид ба рақобати меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, рақобат байни меъёрҳои тахрибкорӣ ва амали террористӣ маънои онро дорад, ки кирдори як шахс дар як вақт ба хусусиятҳои ҳуқуқии ҳар ду меъёри дар м.м 309 ва 179 КҶ ҶТ пешбинишуда, фишор меоварад. Дар таҳлили муқоисавии

хусусиятҳои таркиби ҷиноят ҳам яксон ва ҳам хусусиятҳои мухталифи онҳо бо таваҷҷуҳ ба охирин фарқ карда шудаанд. Рақобати меъёрҳо, баръакс, ҳамеша ба мавҷуд будани кирдори содирнамудаи шахсе, ки ҳамон нишонаҳои таркиби ҷиноятро дорад, алоқаманд аст. Дар амал, пеш аз ҳама, дар як вақт мавҷуд будани аломатҳои тарафҳои объективӣ ва субъективӣ ва предмети ҷиноят сабт карда мешавад.

Ҳангоми ҳалли ин масъала муқаррароти зерини тарафи объективии ҷиноятҳои баррасишаванда ба таваҷҷуҳи махсус ниёз доранд: 1) меъёри тахрибкорӣ танҳо бо амали террористӣ дар шакли якум содиршуда рақобат карда метавонад; 2) дар амали террористӣ танҳо чунин амалҳое, ки ба эҷоди хавфи расонидани зарар ва татбиқи чунин зарар ва ба амалҳо, ки танҳо ба эҷоди хавфи зарар равона шудаанд, нигаронида шуда буданд.; 3) ибораи «хатари расонидани зарари калони молумилкӣ ё пайдоиши дигар оқибатҳои вазнин» -и м. 179 инчунин нисбат ба муқаррароти м. 309 КҶ ҶТ дар бораи зарари эҳтимолӣ, ки дар натиҷаи амалҳое, ки ба объектҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиа, васеътар аст. Мавҷудият дар м. 179 КҶ ҶТ ин ибораҳо дар муқоиса бо онҳое, ки дар м. 309 КҶ ҶТ омадаанд васеътар буда, маънои онро дорад, ки дар м. 309 КҶ ҶТ дастурҳои мушаххас ва махсусро пешбинӣ мекунад, ки ба онҳо баҳои алоҳидаи қонунгузорӣ дода мешавад.

Вобаста ба тарафи субъективии ҷиноят бояд гуфт, ки мақсаде, ки амали террористиро тавсиф мекунад, метавонад барои ноустувор кардани давлат дар як таҷовуз муттаҳид карда шавад, яъне, шахси гунаҳкор метавонад дар бораи расидан ба ҳадафи дар м. 179 КҶ ҶТ зикршуда ҳамчун яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафи ноустувор намудани иқтидори мудофиавии ҶТ фикр кунад.

Тавре ки дар адабиёти илмӣ омадааст, муқоисаи мазмуни мақсади ин ҷиноятҳо нишон медиҳад, ки зуҳуроти муайяни мақсад ҳамчун аломати амали террористӣ зуҳуроти хоси мақсади заиф кардани давлат, ки ҳадафи тахрибкорӣ дорад. Тавре ки ҳалли амалии ин масъала нишон медиҳад, бояд ҳадафи вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ ва шаклҳои дигари мақсадҳои дар моддаи мазкур пешбинишударо фарқ кунад. Ин ба он вобаста аст, ки мақсади вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ метавонад фавран пас аз содир шудани амалҳои террористӣ, аз ҷумла пас аз таркиш ё сӯхтор,

ки ҳамзамон дар ин маврид мутобиқи м. 309 КҶ ҶТ ва 179 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад, тавсиф карда шавад.

Навъи дигари мақсадҳо бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас аз нуқтаи назаре баррасӣ карда шаванд, ки оё мақсади кирдори мушаххас ноустувор кардани давлат аст ё не. Масалан, содир кардани таркише, ки ҳадафи он нобуд кардани оммавии хориҷиён аст, мумкин аст аз ҷониби шахс ба хотири барангехтани мушкилоти байналмилалӣ ва ба ин васила ноустувор кардани иқтидори мудофиавии ҶТ содир карда шуда бошад. Аммо, дар ҳама ҳолатҳое, ки ҳадафи дар м. 179 КҶ ҶТ пешбинишуда амали кардани ҳадафи ноустувор кардани давлат бошад, бояд масъала чунин ҳал карда шавад, ки амнияти ҷамъиятӣ танҳо ба сифати объекти изофӣ амал намояд. Ба сабабе, ки объекти асосӣ дар чунин ҳолатҳо муносибатҳои дахлдор барои ҳифзи объектҳои амнияти миллӣ мебошад, ин амал бояд тибқи м. 309 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Навъи рақобат бояд дар он асос муайян карда мешавад, ки ҳарчанд аз нуқтаи назари тарафи объективӣ муқаррароти м. 309 КҶ ҶТ дар ҳолатҳои зикршуда нисбат ба м. 179 КҶ ҶТ махсус мебошад, ҳадафи м. 309 КҶ ҶТ дигар мебошад, ки дар муқоиса бо мақсади содир кардани амали террористӣ комилтар мебошад. Аз ин бармеояд, ки дар ин рақобат м. 309 КҶ ҶТ бартарӣ дорад, яъне, дар ҳолати чунин рақобат, ин амал бояд ҳамчун тахрибкорӣ бандубаст карда шавад.

Аз рақобати меъёрҳои баррасишаванда, ҳолатҳои маҷмуи идеалии ҷиноятҳоро бояд фарқ кард, вақте ки шахс дар як амал ҳам тахрибкорӣ ва ҳам амали террористиро содир мекунад. Дар чунин ҳолатҳо шахс амали муайянеро анҷом медиҳад, ки он қисми ҷанбаи объективии тахрибкорӣ ва амали террористӣ мебошад, аммо ҳамзамон мақсади ноустувор намудани давлат ва мақсадҳои дар м. 179 КҶ ҶТ зикршударо дорад. Масалан, содир кардани сӯхтор аз тарафи шахсе, ки ба муқобили объектҳои дар наздикии он ҷойгиршуда равона карда шудааст, ки яке аз онҳо объекти дорои аҳаммияти хоҷагии халқӣ ё мудофиавӣ буда, дуюмаш ба шахси муайян тааллуқ дорад. Дар ин ҳолат амалҳо дар объекти якум бо мақсади ноустувор кардани давлат ва дар дуввум бо мақсади таъсир расонидан ба қабули қарор ё содир кардан ё иҷро накардани амалҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ анҷом дода мешаванд. Умуман, кирдор

тибқи м.м. 309 ва 179 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ба ҳамин монанд содир гардидани ду ҷиноят ҳангоми мавҷуд будани маҷмуи воқеии онҳо, вақте ки онҳо бо амалҳои гуногун бо фосилаи байни онҳо содир мешаванд, ба ҳамин тарз бандубаст карда мешавад. Масалан, дар ҳолате, ки шахсе бо мақсади ноустувор намудани давлат ба қатли оммавии одамон даст мезанад ва сипас барои тарсонидани аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ таҳдид кардааст, ки ба чунин амалҳо даст мезананд.

Ҳамин тавр, агар шахсе, ки таркиш, сӯхтор ва дигар амалҳоро анҷом диҳад, ҳам мақсади тахрибкорӣ ва ҳам мақсади терроризмро амалӣ кунад, амалҳои ӯ бояд ҳамчун тахрибкорӣ дар доираи м. 309 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Дар сарчашмаҳои илмӣ масъалаи робитаи тахрибкорӣ бо дигар ҷиноятҳо аксари вақтҳо тавассути муқаррар намудани хусусиятҳои гуногуни ҳуқуқие, ки барои фарқ кардани таркиби ҷиноят имкон медиҳанд, инъикос ёфтаанд. Аммо, масъалаи робитаи тахрибкорӣ бо дигар ҷиноятҳо бо мувофиқати комили хусусиятҳои ҳуқуқии онҳо ҳалношуда боқӣ мемонад ва дар амал душвориҳоро ба миён меорад.

Дар бораи таносуби тахрибкорӣ бо дигар ҷиноятҳое, ки дар қисми махсуси КҶ пешбинӣ шудаанд, гуфтан ҷоиз аст, ки дар амал имконпазир аст, ки воқеан тахрибкорӣ бо ҷиноятҳои дар моддаи моддӣ якҷо карда шавад. Масалан, шахс ҳамзамон бо мақсади ноустувор кардани давлат ва бо мақсади маҷбуран тағйир додан ё сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ё ғасби ҳокимияти давлатӣ амали таҳрибкорона содир мекунад. Баъзе сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки расонидани ёри ба давлати хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ ё намояндагони онҳо дар амали кардани харобкорӣ алайҳи ҶТ метавонад дар содир кардани тахрибкорӣ ифода карда шавад. Ҳамин тавр, ҳама гуна фаъолияте, ки ба кӯшиши паст кардани қобилияти мудофиавии ҶТ марбут аст (ташкил ва содир намудани амалҳои тахрибкорӣ дар шакли амалҳое, ки ба вайрон кардани объектҳои дорои аҳаммияти мудофиавӣ нигаронида шудаанд) бояд ҳамчун таҳрибкорӣ эътироф шавад. Дар чунин ҳолатҳо бо як амали ҷиноӣ шахс якбора ду ҷиноят содир мекунад, яъне сухан дар бораи маҷмуи идеалии ҷиноятҳо меравад. Мувофиқи меъёре, ки дар қисми 3 м. 20 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҳангоми содир намудани маҷмуи ҷиноят шахс барои ҳар

ҷинояти содирнамудааш дар асоси модда ё қисми дахлдори КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Ҳар яке аз ин ҷиноятҳо ба дараҷаи алоҳида мансубанд.

***Ҳамин тавр дар таҳлили ҷинояти тахрибкорӣ бо амали террористӣ ба чунин хулосаҳои умумии зер барорем:***

1. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи робитаи тахрибкорӣ ва амали террористӣ хеле печида ва баҳсбарангез аст ва аз ин рӯ ҳалли он дар амал душвориҳои назаррасро ба миён меорад. Шарти муҳимми ҳалли ин масъала таҳлили илмии муқаррароти қонунгузорӣ ва мафҳумҳои назарӣ мебошад, ки аз он иборат аст: 1) таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дар бораи тахрибкорӣ ва амали террористӣ; 2) ҳалли масъалаҳои рақобати м.м. 309 КҶ ҶТ ва 179 КҶ ҶТ ва маҷмуи чунин ҷиноятҳо.

2. Дар таркибҳои тахрибкорӣ ва амали террористӣ аломатҳои ҳатмӣ яксон ва гуногун мебошанд, ки дар асоси онҳо дар амалия ду ҳолат ба миён омада метавонад: а) вақте ки чунин аломатҳо тахрибкориро аз терроризм ҷудо мекунанд ва дурустии татбиқи яке аз ин моддаҳоро нишон медиҳанд; б) вақте ки дар кирдори содирнамудаи шахс тамоми нишонаҳои ҳар ду ҷиноят ҷой доранд ва рақобатро дар байни моддаҳо нишон медиҳанд, ки он барои интихоби татбиқи моддаро муайян мекунад.

3. Амалиёти тахрибкорӣ ва террористӣ объектҳои намуди ва бевоситаи гуногун доранд. Объектҳое мавҷуданд, ки метавонанд ҳангоми содир намудани ҳарду ҷинояти мавриди баррасӣ қарордошта, аз ҷумла муносибатҳои молумулкӣ амалӣ кунанд. Ҳолатҳое мешавад, ки амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун объекти факултативӣ эътироф карда мешавад. Предмети ҷиноят дар тахрибкорӣ хусусияти ҳатмӣ дорад ва чунин аломат дар амали террористӣ мавҷуд нест.

4. Тахрибкорӣ аз рӯйи аломатҳои тарафи объективӣ ба амали террористӣ, ки дар шакли якум содир шудааст, шабеҳ аст, аз ҷумла, дар робита ба «содир кардани таркишҳо, самти кирдор. Ин аз эҳтимоли яксон амали гардидани зуҳуроти берунии тахрибкорӣ ва амали террористӣ гувоҳи медиҳад. Хусусиятҳои ҳатмии тарафи объективии амали террористӣ инҳоянд: 1) эҷоди хатар, ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр шудааст ва 2) робитаи сабабии байни амалҳо ва эҷоди хатар. Чунин хусусиятҳои ҳатмиро тахрибкорӣ надорад.

5. Амали тахрибкорӣ ва амали террористӣ бо қасди бевосита содир карда мешаванд, аммо аз мазмун фарқ мекунанд. Хусусиятҳои ҳатмии тарафи субъективии ин ҷиноятҳо мақсади ҷиноят мебошанд: – ноустувор намудани давлат ва дар амали террористӣ – ҳадди ақал яке аз мақсадҳои алтернативии дар м. 179 КҶ ҶТ пешбинишуда мебошад. Сабабҳои содир кардани ин ҷиноятҳо метавонанд гуногун бошанд ва ба бандубасти ин ҷиноятҳо таъсир нарасонанд.

6. Тахрибкорӣ аз кирдорҳои террористӣ бо сохтори таркиби ҷиноят тафовут дорад: тахрибкорӣ таркиби кӯтоҳкардашуда расмӣ дорад ва амали террористӣ дар шакли аввали содир шуданаш ҷиноятe мебошад, ки таркиби моддӣ (хатар эҷод мекунад), дар ҳолати шакли дуюм (таҳдид ҳамчун амали иттилоотӣ) – бо таркиби расмӣ. Амали террористие, ки дар шакли аввал содир шудааст, аз лаҳзаи ба вуҷуд овардани хатари воқеӣ аз ҷониби ҷинояткор ҷинояти анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва тахрибкорӣ аз лаҳзаи содир гардидани тахрибкорӣ.

## 3.2. Дурнамои рушди қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ

Дурнамои рушди қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ (м. 309 КҶ ҶТ) имрӯз дар партави таҳдидҳои муосири амниятӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва зуҳуроти нави ҷинояткории фаромиллӣ ба як самти афзалиятноки ислоҳоти ҳуқуқӣ ҷиноятӣ мубаддал шудааст. Таҳлил ва арзёбии илмии ин дурнамо дар асоси принсипҳои ҳифзи амнияти миллӣ, таъмини пешгирии самараноки ҷиноятҳо ва мутобиқшавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба воқеиятҳои муосир сурат мегирад. Аз ҷумла:

Якум, васеътар намудани доираи таърифии ҷинояти тахрибкорӣ (м. 309 КҶ ҶТ) дар КҶ ҶТ муосир бояд бо назардошти шаклҳои нави тахрибкорӣ, аз ҷумла тахрибкории киберӣ, иттилоотӣ, экологӣ ва иқтисодӣ, таъриф ва таснифи ҷиноятро васеъ намояд. Масалан, дар баробари тахриби физикии объект, воридсозии вирусҳои рақамӣ ба зерсохторҳои ҳаётан муҳими давлатӣ низ бояд расман ба сифати шакли тахрибкорӣ эътироф карда шавад;

Дуюм, мустаҳкам намудани масъулияти шахсони ҳуқуқӣ ва мансабдорон, дар шароити нави геополитикӣ, ки гуруҳҳои тахрибкор ва экстремистию террористӣ метавонад бо дастгирии ниҳодҳои давлати хориҷӣ ё хусусӣ амал кунанд, қонунгузорӣ бояд ҷавобгарии сахти шахсони мансабдорро дар ташкили чунин амалҳо пешбинӣ намояд;

Сеюм, ҷорӣ намудани меъёрҳои алоҳида барои омодасозӣ ва таълими шахс барои тахрибкорӣ, чунин раванд, ки метавонад дар шакли омӯзиш, машқҳои ҳарбӣ, тартиб додани нақшаҳо ва озмоиши воситаҳои тахрибӣ сурат гирад, бояд ҳамчун ҷинояти алоҳида танзим шавад, ҳатто агар худи амали тахрибкорӣ ҳанӯз содир нашуда бошад. Қабул кардани чунин меъёр бо таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешрафта (масалан, ИМА, Олмон, Британияи Кабир) мувофиқ аст;

Чорум, мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба санадҳои байналмилалӣ. Қонунгузории ҷиноятӣ бояд бо конвенсияҳо ва қатъномаҳои СММ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ташкилотҳои зиддитеррористӣ мувофиқ карда шавад. Қатъномаи Шӯрои Амнияти СММ №1373 (2001) талаб мекунад, ки кишварҳо

чораҳои зидди фаъолиятҳои тахрибкорию террористӣ, аз ҷумла маҳдуд кардани дастрасӣ ба захираҳо, таҷҳизот ва технологияҳои хавфнокро андешанд;

Панҷум, таҳияи механизмҳои таҳқиқ, ҷилавгирӣ ва ҳифзи инфрасохтор, дар баробари санксияҳои ҷиноятӣ, бояд дар қонунгузорӣ маҷмӯи тадбирҳои пешгирии институтсионалӣ (мониторинг, назорати техникӣ, ҳушдордиҳии бармаҳал) пешбинӣ карда шавад. Дар ин замина, ташкили сохторҳои тахассусии зиддитахрибӣ ва марказҳои таҳлили хавфҳо аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Ҳамин тавр, дурнамои рушди қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ (м. 309 КҶ ҶТ) аз такмили доимии категорияҳои ҳуқуқӣ, шинохти шаклҳои нави таҳдид, таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва мутобиқсозии воситаҳои мубориза ба сатҳи рушди технологияҳои муосир иборат аст. КҶ ҶТ бояд дар ин раванд на танҳо таъқиби ҷиноятро таъмин намояд, балки воситаи муассири пешгирӣ ва ҳифзи амнияти давлатӣ, иттилоотӣ ва стратегӣ бошад.

Мавриди зикр аст, ки яке аз кирдорҳои хавфноки ҷиноятие, ки дар замони муосир метавонад бо мақсади заиф кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ истифода гардад, заҳролудсозии оммавӣ мебошад. Ин амал, ки метавонад бо истифодаи моддаҳои кимиёвӣ, биологӣ ё заҳрҳои синтетикӣ ба таври махфӣ ва густарда анҷом дода шавад, ба шумори шаклҳои мураккаби тахрибкорӣ дохил мешавад. Аммо дар назар доштани он муҳим аст, ки ин навъи тахрибкорӣ дар м. 309 КҶ ҶТ ҳамчун шакли алоҳида ва мустақим зикр нагардидааст. Тибқи таҳлили мазмунии м. 309 КҶ ҶТ (тахрибкорӣ), таърифи амалҳои тахрибкорона бештар ба таркиш, сӯхтор, харобсозии иншоот ё дигар шаклҳои бевоситаи осебрасонии физикӣ ба объектҳо рабт дода шудааст. Дар ҳоле ки заҳролудсозии оммавӣ, новобаста аз он ки он метавонад дар сатҳи инфрасохтори обтаъминкунӣ, системаҳои озуқаворӣ, захираҳои стратегӣ ё воситаҳои ҳаётан муҳими тиббӣ сурат гирад, ба таври мустақим дар доираи моддаи мазкур пешбинӣ нашудааст.

Маҳз аз ҳамин рӯ, зарурати таҳияи меъёри ҳуқуқии махсус ё ворид намудани ислоҳот ба м.309 КҶ ҶТ ба миён меояд, то ки чунин амалҳо ба таври мушаххас ва бевосита ҳамчун шакли тахрибкорӣ бо интиҳои заҳролудкунии оммавӣ дар қонунгузорӣ танзим шаванд. Илова бар ин, дар таҷрибаи қонунгузории бисёре аз

